ҚУДРАТЗОДА К.А., НИЁЗӢ Ё.Б.

# ОСИЁИ ҶАНУБУ ШАРҚӢ: ШИНОХТИ ВАЗЪИ ДИНӢ ВА МАЗҲАБӢ



АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ОМӮЗИШИ МАСЪАЛАҲОИ
ДАВЛАТҲОИ ОСИЁ ВА АВРУПО

Қудратзода К.А., Ниёзӣ Ё.Б.

# ОСИЁИ ҶАНУБУ ШАРҚӢ:
# ШИНОХТИ ВАЗЪИ ДИНӢ ВА МАЗҲАБӢ

*Бахшида ба ҷашни 30 солагии*
*Истиқлолияти давлатии*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон*

ДУШАНБЕ – 2021

**УДК 59 (910)**
**ББК 63.3 (5)**
**К-88**

**Муҳаррир:** д.и.ф., профессор Раҷабов Ҳ.
**Муқарризон:** д.и.т., профессор Ғаффорӣ Н.У.,
н.и.т., дотсент Турсунов Т.Х.

**Қудратзода К.А., Ниёзӣ Ё.Б.**
ОСИЁИ ҶАНУБУ ШАРҚӢ: ШИНОХТИ ВАЗЪИ ДИНӢ ВА МАЗҲАБӢ / К.А. Қудратзода, Ё.Б. Ниёзӣ - Душанбе: «Матбаъаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ», 2021. - 142 с.

Омӯзиши масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии равандҳои геополитикӣ ва интегратсионии кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар замони муосир бо дар назардошти манфиатҳои миллӣ, ҳадафҳои стратегӣ ва геополитикии давлатҳои калидии минтақа, қувваҳои таъсирбахши минтақавӣ, вижагиҳои хоси иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ амри зарурӣ гардидааст. Дар асари таҳқиқотии мазкур таваҷҷӯҳи хоса ба он дода мешавад, ки омилҳои фарҳангӣ ва динӣ-мазҳабӣ дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ба манфиатҳои миллии давлатҳои ин минтақа чӣ таъсире доранд ва барои рушди сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ин давлатҳо чӣ паёмаде хоҳанд дошт. Дар ин замина оид ба вазъи кунунӣ ва дурнамои сиёсати дохилӣ ва хориҷии динӣ-мазҳабии кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва таъсири омилҳои динӣ-мазҳабӣ ба он таҳқиқот бурда мешавад. Таҳқиқоти мазкур дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои муҳими илмӣ, маводҳои мӯътамад, васоили умум, пурсишҳои коршиносӣ дар Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон амалӣ гардонида шудааст ва ба муҳаққиқон, мумайизон, муаррихон ва ба доираи васеъи хонандагони соҳа пешниҳод карда мешавад.

**ISBN 978-99985-954-9-1**

**© Қудратзода К.А., Ниёзӣ Ё.Б. 2021**

# МУҚАДДИМА

*“Давлати мо бо мақсади роҳ ёфтан ба бозорҳои босуръат инкишофёбандаи сармоя, технология, ашёи хом ва маҳсулоти саноатӣ рушду таҳкими ҳамкориҳои мутақобилан судмандро бо кишварҳои ... Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ... аз самтҳои афзалиятнок меҳисобад. Бинобар ин, тавсеа бахшидани фаъолияти сиёсиву иқтисодии хориҷии мо дар доираи онҳо аз масъалаҳои рӯзмарра мебошанд”.*

**Эмомалӣ Раҳмон**

Ҳудудҳои қитъавӣ ва ҷазиравии байни Ҳиндустон, Чин ва Австралияро минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ меноманд. Ҳамзамон нимҷазираи Ҳиндухитой, галаҷазираҳои Малай ва қисми осиёгии ҳавзаи Укёнуси Оромро ҳамчун минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ мешиносанд. Дар мафҳуми сиёсӣ, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (ОҶШ) фарогирандаи сарзаминҳои ёздаҳ давлати мустақил мебошад ва ин давлатҳо ба ду гурӯҳ - қитъавӣ ва ҷазиравӣ ҷудо карда мешаванд. Ба гурӯҳи давлатҳои қитъавӣ - Ветнам, Камбоҷа, Лаос, Мянма, Таиланд, Малайзия ва ба гурӯҳи давлатҳои ҷазиравӣ – Сингапур, Индонезия, Бруней, Тимори Шарқӣ ва Филипин шомил мебошанд. Қисмати ҷанубии нимҷазираи Малака ва қисмати шимолии ҷазираи Калимантанро (Борнео) Малайзия ишғол намудааст. Ҳамчунин ҳудудҳои кишварҳои Мянма, Таиланд, Лаос, Камбоҷа, Ветнам ва Малайзияро минтақаи Ҳиндухитой ном мебаранд ва кишварҳои ҷазиравӣ бошанд таҳти номи кишварҳои Нусантарӣ машҳуранд.

Дар фаҳмиши ҷуғрофӣ ба минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ инчунин қисми шарқии Бангладеш, қисми шарқии Ҳиндустон (ҳафт хоҳарон дар қисми шарқии дарёи Браҳмапутра) ва қисми ҷанубии Чин дохил карда мешаванд [Погадаев, 2007. С. 110]. Минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ аз Шимол ба Ҷануб 3,2 ҳ. км. ва аз Ғарб ба Шарқ 5,6 ҳ. км.

паҳнои̅ дорад. Дар ин паҳнои̅ зиёда аз 100 халқияту миллат ва зиёда аз 600 млн. нафар одамон сукунат доранд, ки он 8%-и аҳолии рӯи заминро ташкил медиҳад, пайравони дину мазҳабҳои мухталиф ҳастанд ва бо забонҳои гуногун муошират мекунанд [Алиева, 2015. С. 47]. Дербоз дар ОҶШ бо дар назардошти монандии шароити табии̅-ҷуғрофи̅ хоҷагии ягона ва маҷмӯи умумиятҳои фарҳанги̅-идеологи̅ ба вуҷуд омадааст, ки он аз ягонагии фарҳанги̅ дар минтақа шаҳодат медиҳад ва ин ягонагиро дар гузашта чиниҳо бо ибораи “кун лун” ва ҳиндуҳо бо ибораи “двипантара” ифода намудаанд [Холл, 1958. С. 27; Погадаев, 2007. С. 110; Шарифов, 2016. С. 78].

Аз нигоҳи фарҳанги̅-таърихи̅ Осиёи Ҷанубу Шарқи̅ нимҷазираи Ҳиндухитой, галаҷазираҳои Индонезия ва қисми осиёгии ҳавзаи Уқёнуси Оромро дар бар мегирад. Дар аввал ҷуғрофияшиносони аврупои̅ бо дар назардошти таъсири фарҳанги Ҳиндустон ва Чин ин минтақаро Ҳиндухитой ном бурдаанд, вале дар ибтидои асри XX доираи ин истилоҳ бо дар бар гирифтани ҳудудҳои имрӯзаи давлатҳои Мянма, Таиланд, Лаос, Камбоҷа ва Ветнам маҳдуд карда мешавад. Истилоҳи дигари ҷуғрофи̅, фарҳанги̅ ва таърихии Осиёи Ҷанубу Шарқи̅ Индонезия мебошад, ки маънои “Ҷазираҳои Ҳинд”-ро дорад ва барои тамоми ҷазираҳои байни қитъаи Осиё ва Австралия, аз ҷумла Филиппин низ истифода бурда мешуд, вале имрӯз истилоҳи Индонезия ба кулли ҷазираҳое, ки ҳудудҳои Ҷумҳурии Индонезиро ташкил медиҳанд истифода бурда мешавад ва ин истилоҳ дар солҳои 1945-1949 ба унвони номи расмии ин ҷумҳури̅, пазируфта шудааст ва онро ба истилоҳи камтаршинохташудаи “Нусантара” тарҷеҳ додаанд ва миллионҳо мардуми ин галаҷазираҳо ин номро, яъне истилоҳи “Индонезияро” пазируфтаанд [Vlekke Bernard, 1959. С. 27-28].

Дар тули таърих минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ бо истилоҳу номҳои гуногун ифода шудааст ва истилоҳи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ бошад аввалин маротиба дар соли 1839 аз ҷониби Говард Малколм дар китоби “Travels in South-Eastern Asia” (Саёҳат дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ) истифода бурда шудааст [Howard, 2016. P. 36]. Ин истилоҳ дар миёнаҳои асри XX ба гардиши илмӣ ворид гардида дар солҳои 70-уми ин аср истифодабарии маъмулии он рӯйи кор меояд ва кишварҳое, ки ба он шомил мебошанд (Мянма, Таиланд, Лаос, Камбоҷа, Ветнам, Малайзия, Сингапур, Индонезия, Бруней, Тимори Шарқӣ, Филипин) муайян карда мешаванд.

Имрӯзҳо Осиёи Ҷанубу Шарқӣ яке аз минтақаҳои рушднамудаи ҷаҳон ба ҳисоб рафта нуфузи геополитикии (ҷуғрофияи сиёсии) он тадриҷан меафзояд. Аҳамияти геополиткии Осиёи Ҷанубу Шарқӣ пеш аз ҳама дар он зоҳир меёбад, ки роҳҳои баҳрии кӯтоҳтарин тавассути гулӯгоҳи Малакка дар ин минтақа ҷойгиранд ва ин минтақа бевосита ба уқёнуси Ором роҳ дошта мавқеи геостратегии муҳимро ишғол намудааст. Бо дар назардошти ин омил ОҶШ маҳалли бархӯрди манфиатҳои кишварҳои абарқудрат мебошад. Дар қарни гузашта кишварҳои абарқудрат бо дар назардошти тартиботи сиёсии худ (сотсиалистӣ, капиталистӣ) борҳо кӯшиш намудаанд, ки нуфузи худро дар ин минтақа пойдор гардонанд. Авҷи бархӯрди манфиатҳои кишварҳои абарқудрат дар минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ба солҳои 1950-1980-и асри XX рост меояд. Бо ба итмом расидани “Ҷанги сард” ва пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ба фазои геополитикии кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ давлатҳои нав ба монанди Чин, Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ, Ҳиндустон ва Арабистони Саудӣ ворид мегарданд ва ҷойи ғояи (ақидаи) коммунистиро дар минтақа ғояҳои нав (демократӣ, динӣ-мазҳабӣ) фаро мегирад ва таодули қувва

дар минтақа дигар мегардад. Имрузҳо дар минтақа бархӯрди манфиатҳои се давлати абарқудрати минтақавӣ ва ҷаҳонӣ - ИМА, Ҷопон ва Чин дида мешавад ва ин муайянкунандаи вазъ ва дурнамои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварҳои ин минтақа ба ҳисоб меравад [Шарифов, 2016. С. 79].

Дар ҳоли имрӯз ин минтақаи паҳновар аз лиҳози ҷуғрофияи табиӣ, сиёсӣ, инсонӣ, динӣ ва мазҳабӣ бисёр гуногун аст. Аз ин рӯ дар баррасии ҳар падидаи фарҳангӣ дар ин минтақа, бавижа таърих ва фарҳанги исломӣ бояд ин гуногуниро дар мадди назар дошт. Бо ба инобат гирифтани ин гуногунӣ давлатҳои абарқудрати ҷаҳон ба Осиёи Ҷанубу Шарқӣ таваҷҷуҳи хоса доранд ва мехоҳанд дар амалӣ намудани ҳадафҳои худ аз он истифода намоянд.

Яке аз ин дигаргуниҳо, ки таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба ин минтақа ҷалб кардааст ин омили исломӣ мебошад. Дар кишварҳои мусулмонии Осиёи Ҷанубу Шарқӣ густариш додани исломи боэътидол (мадоромеҳвар) ва пешгирӣ намудани исломи иртиҷоӣ ва пас аз ҳодисаҳои 11-уми сентябри соли 2001 шиддат гирифтани руҳияи ифротгароӣ ва террористӣ дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ боиси ба ҳамкорӣ рӯ овардани кишварҳои минтақа мегардад ва заминаро барои рушди ҳамкориҳо бо ҷомеаи ҷаҳонӣ дар мубориза бар зидди терроризм ва экстремизми байналмиллалӣ фароҳам меоварад.

Дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ пайравони дини мубини Ислом кам нестанд, дар баъзе кишварҳои ин минтақа мусулмонон аксариятро ташкил медиҳанд ва дар баъзеи дигарашон мусулмонон ба гурӯҳи ақаллиятҳои хурди этникӣ ва динӣ дохил мешаванд. Дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ аз ҳама зиёд пайравони Ислом дар Индонезия сукунат доранд, Индонезия яке аз кишварҳои бузурги мусулмоннишин дар ин минтақа ба ҳисоб меравад ва дар

байни аҳолии 266 млн. нафараи он 90%-ро мусулмонон ташкил медиҳанд [Badan Pusat Statistik; Тимофеев]. Дар Малайзия дар байни аҳолии 31 млн. нафара 60,36%-ро мусулмонон ташкил медиҳанд. Инчунин теъдоди зиёди пайравони дини Ислом дар Бруней сукунат доранд, ки аз аҳолии 439022 нафараи он фоизи мусулмонон ба 67,17% баробар аст [Кирей, 2012. С. 43]. Ҳамчунин дар таркиби динии аҳолии Сингапур - 14,40%, Мянма - 10%, Филиппин - 5,06% ва Таиланд - 4,56%-ро мусулмонон ташкил медиҳанд [Ярдли и др.].

Аз ин рӯ, омӯзиши: вижагиҳои Ислом дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ; шиносоӣ бо руҳияи сулҳҷӯ ва мадороталабии мусулмонон; таъсири фаъолияти бархе аз гуруҳҳои ифротӣ ва тундрав, чун ваҳҳобиён ва салафиҳо; гузариш аз исломи мадоромеҳвар ба исломи ифротӣ дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ амри зарурӣ аст.

Омили исломӣ дар равандҳои модернизатсионӣ, сиёсат, иқтисод ва фарҳангии кишварҳои мусулмонии Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дида мешавад ва он мавриди омӯзиши кишварҳои мусулмонӣ қарор гирифтааст, зеро кишварҳои мусулмонии Осиёи Ҷанубу Шарқӣ тавонистаанд нерӯи муттаҳидкунандаи ғоявӣ ва ахлоқии ин дини ҷаҳониро ба манфиати таъмини рушди иқтисодӣ ва истиқрори сиёсӣ истифода намоянд. Аз ин рӯ, таҳлили вазъи динии давлатҳои муосири Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, таъсири ақидаҳои динӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ, низоми давлатдорӣ ва корбурди сиёсати хориҷӣ ва дохилӣ ҷанбаҳои таҳқиқӣ ва омӯзанда дорад.

Масъалаи асосӣ ин аст, ки дар муқоиса бо кишварҳои аслан мусулмонӣ, Ислом дар ин минтақа ба дини сиёсатгаро мубаддал гардидааст. Сиёсатмадорон бовару эътиқоди динии мардумро барои расидан ба ҳадафҳои худ, ҳатто барои расидан ба вазифаҳои баланд (мансаби президентӣ) истифода мебаранд ва мухолифини ҳукумат бошад барои ба

роҳ андохтани нақшаҳои худ таъсиргузории созмонҳои диниро ба эътибор мегиранд. Ба таври умумӣ, гуфтан мумкин аст, ки ҳарчанд Ислом дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ хусусияти нарму муътадил дорад, вале айни замон дар ин ҷо низ унсурҳои тундгарое пайдо шудаанд, ки дар минтақаҳои дигари мусулмонӣ, барои бунёди «давлати исломӣ» талош меварзанд ва бо боварӣ гуфта метавонем, ки ақидаҳои ифротгароии динӣ дар байни аҳолии ин кишварҳо густариш ёфтааст.

Омили исломӣ ба раванди таҳаввулоти таърихӣ, шаклгирии фарҳанг ва ҳувияти миллӣ дар минтақа таъсиргузор мебошад ва ҷанбаи омӯзанда дар ин ҷо ҳамин аст, ки Ислом бо маҷмӯи эътиқодҳои маҳаллӣ ҳамчун «нерӯи нарм» таркиббандӣ шудааст ва дар айни замон сохтори давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва робитаҳои байнимазҳабӣ ҷойгоҳи арзишҳои Исломро дуруст муайян карда тавонистаанд ё не?

Дар ҷаҳони имрӯза минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ маркази иқтисодӣ, сиёсӣ, тиҷоратӣ, геополитикӣ, фарҳангӣ, динӣ, техникаву техналогӣ, низоми бонкӣ, хизматрасонӣ ва ғайра шинохта шудааст, ки ин пеш аза ҳама аз суботу амният ва таҳамулпазирии аҳолии минтақа вобастагии калон дорад.

Дар маҷмӯъ минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ҳавзаи муҳими геополитикӣ ва геостратегӣ шинохта мешавад ва рақобати кишварҳои абарқудрат дар минтақа идома дорад.

## Боби якум: ВАЗЪИ ДИНӢ ВА МАЗҲАБӢ ДАР КИШВАРҲОИ ОСИЁИ ҶАНУБУ ШАРҚӢ

Осиёи Ҷанубу Шарқӣ минтақаи бузургест, ки дар худ ҳудуди 11 кишвари ҷаҳонро фаро мегирад. Ин кишварҳо Мянма, Лаос, Камбоҷа, Таиланд, Ветнам, Малайзия, Бруней, Сингапур, Индонезия, Тимори Шарқӣ ва Филлипин ба ҳисоб меравανд.

Дар нимаи дуюми асри XX дар ин кишварҳо тағйиротҳои илмию техникие ба вуқӯъ омаданд, ки минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқиро аз нигоҳи афзоиши исқтисодӣ ба яке аз марказҳои пешрафтатарини ҷаҳон мубаддал сохтаанд. Ин кишварҳо тавонистаанд дар баробари комёбиҳои иқтисодӣ, ҳамчунин ба дастовардҳои бузурги сайёҳӣ ноил гарданд. Дастовардҳои сайёҳӣ то андозае эътибору обрӯйи минтақаро баланд бардоштаанд, ки ҳеҷ гуна мушкилоте садди роҳи омадани сайёҳон ба ин минтақа шуда наметавонад. Ин аз сиёсати оқилонаи давлатии дар ин самт ба роҳ мондаи кишварҳои минтақа огаҳӣ медиҳад [Комарова, 2010. С. 80].

Халқиятҳои ОҶШ тавонистаанд дар замони муосир фарҳанги қадима, ақидаҳои динӣ ва урфу одатҳои худро ҳифз кунанд. Ин халқиятҳо бисёре аз хусусиятҳои ҷаҳонбинӣ ва тарзи зисту зиндагии чандинасраи худро дар ҷамъияти анъанавии худ нигоҳ медоранд. Албатта дар давраи муосир дахл накардан, тағйирот ва навгонӣ ворид нанамудан ба қонунҳои муайяни зиндагӣ ғайри имкон аст, вале дар пояи ин тағйиротҳо фарҳанги пешинаи ин халқиятҳо устувор мебошад.

Ин кишварҳо ба меъёрҳои сиёсиву иқтисодиву фарҳангии аврупоӣ (ғарбӣ) рағбат пайдо накарда, асосан дар пайи дарёфти модели миллии рушд ҳастанд. Ба ин нигоҳ накарда дар солҳои 80-уми асри XX бо пурзур гардидани равандҳои ҳамгироӣ, тарзи нави зиндагӣ ва фарҳанги оммавии ғарбӣ

дар минтақаи ОҶШ босуръат паҳн мегардад. Онҳо тавонистаанд озодиҳои шаҳрвандиро дар фаҳмиши аврупоиаш қабул кунанд ва онҳоро дар ҷомеаи кишварҳояшон дар амал татбиқ намоянд. Ин раванд барои тарзи ҳаёти анъанавӣ ва миллӣ натиҷаҳои харобиовар дошт ва ин барои ҷомеа мушкилоти нигоҳдории фарҳанг ва анъанаҳои миллиро пеш меорад. Халқиятҳои минтақаи ОҶШ тавонистаанд бар зидди идеологияи аврупоӣ дину ойини худро бо дастгоҳи ахлоқиву тарбиявӣ ва ҷаҳонбинии хос муқобил гузоранд. Муҳаққиқон беҳуда охири асри XX ва ибтидои асри XXI-ро ҳамчун давраи гул-гул шукуфӣ дар минтақа, оммавӣ гардидани буддизм ва дигар динҳо эътироф накардаанд.

Минтақаи ОҶШ аз нигоҳи таркиби ақоиди динӣ-ахлоқӣ, ба дараҷаи кофӣ гуногуншакл мебошад. Ин гуногунрангӣ дар якҷоя зисту зиндагонӣ кардани намояндагони динҳои гуногун дида мешавад. Дар Мянма, Таиланд, Камбоҷа ва Лаос бештари аҳолӣ пайрави буддизм, дар Индонезия, Малайзия ва Бруней пайрави ислом, дар Филипин бартарии мутлақро католикҳо доранд (85%) ва дар ҷануби Ветнам ҳам шумораи онҳо кам нестанд. Дар баъзе кишварҳои ОҶШ дар байни чиниҳои этникии ин минтақа (хуатсяо), ки дар асри XX дар ОҶШ маскан гирифтаанд паҳншавии конфутсия ба назар мерасад. Хуатсяо (диаспораи чинӣ) дар худ зиёда аз 20 млн нафар одамонро дар бар мегирад, ки он нақши муҳимро дар ҷараёнҳои инкишофи иқтисодӣ ва сиёсии кишварҳои минтақа мебозанд [Васильев, 2016. С. 663].

Роҳбарияти олии кишварҳои ин минтақа дар сатҳи байналхалқӣ аз дин бисёр сухан намегӯянд онҳо ҳамеша хусусияти дунявӣ доштани низоми давлатдориро дар кишварҳои худ таъкид мекунанд ва ба тамоми ҷаҳониён ёдрас менамоянд, ки онҳо тамоми арзишҳои демократиро ба эътибор мегиранд. Ба ин нигоҳ накарда воқеият онҳоро

водор месозад, ки оид ба ҳалли масъалаҳои динӣ чора андешанд ва мушкилиҳои (problems) дар ин самт ба миён омадаро зуд ҳаллу фасл намоянд.

ОҶШ дар замони муосир ба гирдоби ҳодисаҳои фавқулодае кашида шудааст, ки на танҳо барои кишварҳои минтақа, балки барои тамоми ҷаҳон аҳмияти хоса дорад.

Агар мо вазъи динӣ ва сиёсиро дар кишварҳои минтақаи ОҶШ таҳқиқ намоем пеш аз ҳама роҳҳои барҷастаи (the method of attack) ба мақсад расиданро дар ин самт муайян созем ва ин роҳҳо буда метавонанд:

1. Фарҳангмарказият (ё ин, ки эссенсиалистӣ), чунин маъно дорад, ки дин ҳамчун усули тағйирнаёбандаи ақоид (doctrine), арзиш ва анъана, барои ҷомеа шаклсоз (shape-generating) мегардад ва дар охир ҳайёти ҷамъиятӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва равандҳоро дар ҷомеа муайян мегардонад;

2. Инструменталӣ (ё ин, ки конструктивӣ), мувофиқи он дар сиёсат мафҳуми равшан ва холисонаи “анъанаи динӣ” вуҷуд надорад, танҳо мифологемаи динӣ вуҷуд дорад, ки тартибдиҳанда (нақшакашанда) аст ва аз он баргузидаҳои сиёсӣ ва динӣ дар роҳи расидан ба мақсадҳои худ ҳамчун асбоби сиёсӣ метавонанд истифода баранд;

3. Модернистӣ, алоқаманд аст бо ғояи навсозӣ, ки мувофиқи он дар бино кардани қоидаҳои ҷамъиятии намуди аврупоӣ, таъсири дин барои муҳимияти худро аз даст надодан азхудкунии арзишҳои калидии модернистиро (аз зери таъсири дин баровардани баъзе арзишҳо) суст мегардонад;

4. Шаклдигаркунӣ (трансформатсионӣ), мувофиқи он дин дар ҳайёти ҷамъиятӣ нест намегардад, балки ба тағйирёбии амри воқеъ (reality) эътино мекунад ва барои худ шаклҳои нави қатъӣ ва ё саҳлгир, муқовимат ва ё мувофиқакуниро мегирад ва дар кадом сурате, ки набошад ба раванди сиёсӣ ҳамроҳ мегардад.

Минтақаи ОҶШ мисли дигар минтақаҳо аз муноқишаҳои хислати динӣ-мазҳабӣ дошта орӣ нест, вале бо пеш гирифтани сиёсати хирадмандонаи давлатӣ ва ҷиҳатҳои махсуси маданӣ дар бештари кишварҳои ин минтақа муноқишаҳои динӣ-мазҳабӣ шакли бархӯрди мусаллаҳро нагирифтаанд. Ин раванд кулли минтақа ва доираҳои мазҳаби буддоиро низ дар бар мегирад. Дар конститутсияи тамоми кишварҳои ин минтақа оварда шудааст, ки ҳамаи он амалҳое, ки ба низоъҳои байни динӣ ё ихтилофҳои миллии заминаи динӣ-мазҳабӣ дошта меоваранд манъ карда мешаванд. Хусусиятҳои бартари ҷомеа дар ин минтақа дар он зоҳир меёбад, ки асрҳост таълимоти буддизм тарбияи таҳаммулгароӣ, ҳалимӣ, итоъаткорӣ ва тайёр будан ба азобу машақатро ба роҳ мондааст. Мазҳабпазирӣ (toleration) ва рад кардани даъвои хос буданро (oneness) ба инобат гирифта ҷомеаи бутпарастон ҳамеша кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки бо дигар дину мазҳабҳо ҳамкорӣ кунад. Дар соли 2002 дар Камбоҷа намояндагони таълимоти буддизм дар Шурои байналмилалии бутпарастон бори дигар тарафдори нуқтаи назари зулм накардан, мазҳабпазирӣ намудан ва тайёр будан ба ҳамкорӣ бо дигар иститутҳои диниро эътироф намудаанд [Религии и их роль в странах Юго-Восточной Азии].

Дину оинҳои ғайрианъанавӣ натавонистаанд, ки рақобати ҷиддиеро барои буддизм ба миён оранд. Таъсири онҳо ба идроки ҷамъиятӣ бузург нест. Дину оинҳои ғайри анъанавӣ дар минтақа дар байни гурӯҳҳои этникӣ мавқеъ доранд ва гурӯҳбандӣ карда мешавад.

Муқаррароте (stereotype) мавҷуд аст, ки гӯё буддизм дини бемухолифат ва шӯришфурӯнишон (pacifism) бошад. Ин муқаррарот асосан аз ҷониби мусолиҳакорони аврупоӣ бар муқобили динҳои иброҳимӣ (ислом, насронӣ (масеҳӣ) ва яҳудӣ (иудоӣ)), ки зӯроварӣ ва ҳизбӣ буданро қонунӣ гардонидаанд офарида шудааст.

Инчунин муқарррароти дигари гушагузинӣ, дунёбезорӣ ва ё дунёдушмании дини буддоӣ вуҷуд дорад, аз ин бар меояд, ки дини буддоӣ ба ҳаёти сиёсӣ ҷазбият надорад. Ҳама гуна инсоне, ки аз таърихи буддизм ба хубӣ огаҳ аст метавонад озодона ин муқаррароtҳоро рад намояд ва далелҳои раднашаванда аз зӯроварӣ ва ҷазбияти буддизм ба ҳайёти сиёсӣ ва мунокишаҳои сиёёсӣ мисол оварад.

Дар таърих инчунин таъсири афкор ва рамзҳои буддизм дар сохт ва ташаккули ҳокимият дида мешавад ва таъсири бевоситаи сангха ҳамчун институти ҷамъиятӣ, ҳамчун қувваҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ дар мубориза барои ҳокимият ва иҷрои ҳокимият бузург аст.

Дар ҳоли имрӯз таъсири буддизм дар ҳайёти сиёсии минтақаи ОҶШ дар се самт дида мешавад: буддизм ва давлати миллӣ; буддизм ва демография; буддизм ва низоъҳои зӯроварона. Ҳамкории зиччи ҳокимияти давлатӣ бо институтҳои буддоӣ аз ин бармеояд ва ин раванд дар тамоми кишварҳои буддоии ОҶШ дида мешавад. Ҳокимияти давлатӣ барои мустаҳкам кардани сиёсати худ ҳамеша аз буддизм дифоъ мекунад ва аз постулатҳои динӣ бошад барои расидан ба мақсадҳои муайяни сиёсӣ истифода мебарад [Агаджанян, 2007.С. 268].

Имрӯзҳо тараққиёти босуръати иқтисодӣ, озодгардонии иқтисодиёт, ташаккули оғози прагматикӣ дар муносибатҳои бозорӣ, робитаи нави буддизм ва ҷомеаро талаб мекунанд. Тафсирҳои пешинаи динӣ (буддоӣ) эътибори худро гум кардаанд. Бештари одамон ба догмаҳои буддизм эътиқоди кам доранд, гуруҳи одамони эътиқоди анъанавӣ дошта зиёд гардида истодааст, вале ин ба бӯҳррони эътиқоди динӣ ва буддизм дар кишварҳои минтақаи ОҶШ оварда расонида наметавонад. Эътиқодҳои динӣ ва буддизм чун ҳамавақта дар таъмини идеологияи миллӣ ва ҳифзи фарҳангу анъанаҳои халқиятҳои минтақа накши муҳим доранд. Барои

шаҳрвандони оддии кишварҳои ОҶШ буддизм ин фалсафаи ҳаёт ва ҷаҳобинии хос мебошад, ки дар асоси он одобу ахлоқи ягонаи умумиинсонӣ офарида шудааст. Буддизм заминае мебошад, ки дар асоси он муносибатҳои ҷамъиятӣ тараққӣ намудаанд, хусусиятҳои анъанавии маданӣ нигоҳ дошташудаанд ва ин чандин асрҳост, ки дида мешавад. Анъанаҳои мадании буддизм нақши худро дар иқтисодиёт ва куллӣ тағиротҳои иҷтимоии кишварҳои минтақа гузоштааст. Бинобар ин равандҳои озодгардонии иқтисодиёт ва гузариш ба муносибатҳои бозорӣ дар ин минтақа хусусиятҳои хоси худро доранд. Аз ин лиҳоз модели тараққиёти кишварҳои буддоии минтақаи ОҶШ аз кишварҳои амрикоӣ ва ғарби Аврупо хело фарқ мекунад. Инчунин дар минтақаи ОҶШ таъсири Ислом низ бештар аст, дар ҳамаи 11 кишвари ин минтақа пайравони дини Ислом мавҷуданд. Дар Индонезия, Малайзия ва Бруней мусулмонон аксарияти аҳолиро ташкил медиҳанд, дар кишварҳои боқимонда бошад мусулмонон ба гурӯҳҳои ақаллиятҳои динӣ дохил мешаванд. Ислом дар ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии кишварҳои мусулмоннишини минтақаи ОҶШ таъсири бузург дорад. Аз ин ҷиҳат, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ба яке аз доираҳои муҳими ҷаҳони Ислом табдил гардидааст.

Бештари аҳолии кишварҳои ОҶШ дар дин ва сохтори ташкилии он ҳалли мушкилиҳои маризеро мебинанд, ки дар ҳалли он давлат оҷиз мондааст. Хароб гардидани пояи ахлоқӣ, оқибатҳои иҷтимоии муносибатҳои бозорӣ, афзоиши фасод ҷомеаро ба он водор месозад, ки ба дин, ба хусус ба Ислом рӯ оваранд ва ин рӯйоварии одамон ба динро гурӯҳҳои сиёсии ин кишварҳо истифода мебаранд. Фаъолони сиёсии давлатҳои исломӣ ба омилҳои динӣ такя намуда кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки бо ин роҳ ба мақсадҳои иқтисодӣ ва сиёсии худ ноил гарданд. Қуввaҳои мухолиф

бошанд, ҳаракт ва созмонҳои исломиро ташкил дода фаъолияти онҳоро таҳти идораи худ мегиранд.

Дар ОҶШ Индонезия яке аз кишварҳои бузурги мусулмоннишин ба ҳисоб меравад ва аз ҳама бештар пайравони дини Ислом дар ин кишвар маскун ҳастанд, ки дар байни аҳолии 266 млн. нафараи он 90%-ро мусулмонон ташкил медиҳанд [Badan Pusat Statistik; Тимофеев]. Дар Малайзия дар байни аҳолии 31 млн. нафара 60,36%-ро мусулмонон ташкил медиҳанд. Инчунин теъдоди зиёди пайравони дини Ислом дар Бруней сукунат доранд, ки аз аҳолии 439022 нафараи он фоизи мусулмонон ба 67,17% баробар аст [Кирей, 2012. С. 43]. Ҳамчунин дар таркиби динии аҳолии Сингапур - 14,40%, Мянма - 10%, Филиппин - 5,06% ва Таиланд - 4,56%-ро мусулмонон ташкил медиҳанд [Ярдли и др.].

Дар маҷмӯ, чи гунае ки муҳаққиқон қайд мекунанд дар Малайзия, Индонезия ва Филиппин мусулмонон боилтифот ва созишкор ҳастанд. Дар баробари мусулмонони боэътидол (мадоропеша) (moderate) тарафдорони андешаи чораҳои қатъӣ (radical) вуҷуд доранд, ки фаъолияти онҳо ва фаъолони онҳо кушиши дахолат намудан ба дин, ба сиёсат ва иқтисодиёти ин кишварҳоро доранд. Бо исрор талаби ба дини Ислом додани мавқеъи расмӣ ё давлатиро мекунанд. Дорандагони фарҳанги исломӣ бо сохторҳои бюрократии маҳаллӣ дар иттиҳоди сиёсӣ қарор гирифта майл ба ҷудоихоҳӣ доранд ва думболи мақсадҳои ниҳонии иқтисодии худ ҳастанд. Дар чунин вазъият баромадҳои қуввaҳои ҷудоихоҳ ва хориҷӣ дар минтақа (ҷануби он) вазъияти ногувори шиддатгирифтаи сиёсиро ба вуҷуд овардаанд, ки он то ба тақобул (confrontation) ва бархурди низомӣ оварда расонидааст.

Дар вилояти Ачеи Индонезия таъсири исломгароён бузург аст ва онҳо ғояи ташкили давлати исломиро пеш

мебаранд. Дар ин вилоят дар сатҳи расмӣ оиди истеъмоли нушокиҳои спиртӣ, қимор ва паҳн гардидани қоидаҳои Ислом дар асоси қонунҳои шариат чораҳо андешида шудааст. Исломгароён ҳаллӣ масъалаи мерос, тақсими мерос, гузаронидани маросимҳо ва ғайраро ба ӯҳда доранд. Гурӯҳҳои ҷудоихоҳ ва ифротгаро (экстремистӣ) кӯшиш ба харҷ додаанд, ки бо истифода аз ҳаракатҳои исломӣ ин вилоятро аз Индонезия ҷудо созанд ва дар ҳудудҳои он давлати мустақилро бунёд кунанд. Аче вилояте мебошад, ки аз нафт, газ ва захираҳои гуногуни минералӣ бой мебошад. Дар фаъолияти гурӯҳҳои экстремистӣ баръало дида мешавад, ки барои даст ёфтан ба ҳукумат, тахти назорати худ гирифтани боигариҳои бузурги минералӣ ва ба самти худ нигаронидани селоби (stream) доллар мубориза мебаранд. Ин гурӯҳҳои экстремистиро исломгароёни иртиҷоӣ ва афсарони истеъфо дода роҳбарӣ мекунанд [Религии и их роль в странах Юго-Восточной Азии].

Дар Индонезия қарорҳои сиёсӣ бо иштироки тамоми намояндагони раванди сиёсӣ қабул мегарданд ва ин мувозинат доим нигоҳ дошта мешавад. Агар давлат пештар мувозинатро байни намояндагони гурӯҳҳои дунявӣ (secular state) ва динӣ нигоҳ медошт, вале имрӯз манфиатҳои намояндагони гурӯҳҳои исломии боэътидол (мадоропеша) (moderate) ва қатъӣ (radical) низ ба инобат гирифта мешаванд. Дар соли 2018 баъд аз гузаштани интихоботи президентӣ, майли (careen) кишвар ба самти Ислом нигаронида шудааст. Чи гунае, ки дар боло қайд кардем дар кишвар фурӯши нӯшокиҳои спиртӣ маҳдуд гардонида шудааст ва ҳизбҳои исломии кишвар пешниҳод доранд, ки пурра манъ карда шавад ва дар ҳолати ба роҳ мондани истеҳсол ва фурӯши он бо ду сол аз озодӣ маҳрум кардан ҷазо таъин карда шавад, инчунин даъват ба амал оварда мешавад, ки дар Аче тафриқаи пурраи нажодӣ (segregation)

гузаронида шавад, дар мактабҳои ибтидоӣ навохтани мусиқиҳои дунявӣ манъ карда шавад, барои ба хизмати ҳарбӣ гирифтани духтарон барокати онҳо санҷида шавад ва суди конститутсионии кишвар ба қайди давлатӣ гирифтани никоҳи байни миллатҳоро бекор кунад [Религии и их роль в странах Юго-Восточной Азии].

Боз яке аз падидаҳои дигари исломикунӣ (islamization) ин ба сиёсат бар гаштани ду созмони бузурги ҷамъиятии исломӣ мебошад. Дар соли 2018 президенти ин кишвар Ҷоко Видодо аз аъзоёни "Наҳзат-ул-уламо" даъват ба амал меорад, ки сатҳи ҷазбияти худро ба сиёсат пурзӯр кунанд. «"Наҳзат-ул-уламо" арзишҳои исломи боэътидолро (мадоромеҳварро) пешбарӣ мекунад ва метавонад ҳамкориҳои худро бо дигар ҳизбҳои сиёсии кишвар пурзӯр кунад то тартиботи одилонаи ҷаҳониро барқарор созад» - иброз доштааст президенти ин кишвар Ҷоко Видодо [Комарова, 2010. С. 81; Изменения в сфере отношений государства и духовных общин ...]. Дигар созмони бузурги исломӣ "Муҳаммадия" (Наҳзати Муҳаммадия) дар ин давра ба ҳизби сиёсӣ табдил ёфтани худро эълон доштааст, ки аз рӯи ҳайат аз дигар ҳизбҳои сиёсӣ кам нест.

Пештар ин созмонҳо ҳамчун ҳизб фаъолият мекарданд, вале дар солҳои 1970-ум бо чунин мақсад аз саҳнаи сиёси рафта буданд: агар мо аҳолиро ба Ислом рӯ оварем дар саҳнаи сиёсӣ нисбат ба мо ҳарифе намемонад ва дар охир Индонезия давлати исломӣ мегардад. Бо баргаштани ин созмонҳои бузурги исломӣ ба саҳнаи сиёсӣ, хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки дар ин кишвар аксарият ба Ислом рӯ овардаанд ва акнун ин ташкилотҳо бо ба саҳнаи сиёсӣ баргаштан метавонанд мақсаду мароми худро дар ин кишвар пиёда созанд. Президенти кишвари Индонезия Ҷоко Видодо, ки дар барномаҳои пеш аз интихоботии худ оид ба масъалаҳои динӣ мулоҳизакор буд, метавонад туғёни

исломгароиро ба дасти худ гирад ва онро ба самти исломи мадоромеҳвар ва сулҳҷӯ равона созад.

Инчунин бо мақсади пешгирӣ намудани исломи иртиҷоӣ моҳи марти соли 2018 дар Индонезия фаъолияти 19 сомонаи экстремистӣ қатъ гардонида шудааст ва дар назди кишвар вазифа гузошта шудааст, ки рӯҳияи экстремистиро маҳв гардонад [Изменения в сфере отношений государства и духовных общин ...].

Дар Малайзия, ки беш аз 31 млн. нафар аҳолӣ дорад, аксари сокинон мусулмон мебошанд ва аз чор як ҳиссаи аҳолиро чиноиҳо ташкил медиҳанд. Дини расмии давлатӣ дини Ислом аст ва арзишҳои он дар шакли мӯътадил риоя карда мешаванд. Фарҳанги малайзӣ нисбат ба динҳои дигар таҳаммулпазирӣ зоҳир менамояд, ки ин дар шароити мавҷудияти намояндагони миллатҳои гуногун ва дину мазҳабҳои гуногун хеле муҳим аст.

Таносуби таркиби аҳолии Малайзияро 52% - малайҳо, 32% - хитоиҳо, 10% - тамилҳои ҳиндустонӣ ташкил медиҳанд ва зиёда аз 60%-и аҳолӣ пайрави дини Ислом, мазҳаби суннӣ мебошанд.

Дар Малайзия дар баробари судҳои расмӣ, судҳои шариатӣ низ амал мекунанд ва таҳти итоати ҳукуматҳои маҳаллӣ қарор доранд. Дар ин кишвар низ ҳалли мушкилоти оилавӣ, равобити ақду никоҳӣ, риояи одобу ахлоқи ҷамъиятӣ ба ӯҳдаи судҳои шариатӣ гузошта шудааст.

Ҳизби мухолифи асосии ин кишвар “Ҳизби исломии Малай” (ҲИМ) дар баъзе илоётҳо ба ҷамъиятҳои исломӣ бо мақсади таъсиси идораи исломӣ ва ташкили давлати исломӣ фишор меоварад.

Ин ҳизб бо дарназардошти вазъи кишвар иддаои яккаву танҳо таъбиркуии (interpretations) Исломро дорад. Дар ду иёлоти Малайзия ҲИМ ҳизби ҳоким буда, кӯшиш ба харҷ

медиҳад, ки ҳукумати бюрократии маҳаллии диниро ташкил намояд [Религии и их роль в странах Юго-Восточной Азии].

Дар Малайзия дар соли 2018 дар интихоботи сартосарии парламентӣ дар қувваҳои мухолиф ба сари қудрат омаданд. Иттифоқи мухолифон бо номи «Иттиҳоди умед» таҳти роҳбарии собиқ Сарвазири Ҳукумат - Маҳатҳир Моҳаммад бо гирифтани аксарияти овозҳо ғалаба намуд. Ба иттифоқи «Иттиҳоди умед», ки соли 2015 созмон дода шудааст, чор ҳизб шомил мебошанд, ки ягонтои онҳо номи ҳизби исломиро надоранд. Вазъи сиёсии дохилии Малайзия ба таври лозимӣ устувор аст, бо дар назардошти он, ки дар мамлакат дар ҳудуди 40 ҳизби сиёсӣ фаъолият менамоянд.

Чунин раванд дар Мянма бо иштироки дини буддоии аз дигар динҳо бартарӣ дошта дида мешавад. Мянма кишвари буддоӣ буда 90%-и аҳолии он пайрави дини буддоӣ ҳастанд ва тақрибан 7%-и он пайрави динҳои Ислом ва Насронӣ мебошанд. Аҳолии Мянма тақрибан 52 млн нафар буда ва аз ин нишондод дар ин кишвар 170 000 роҳиб, 24 000 роҳиба ва 240 000 пайрав (толиб) фаъолият доранд, ки ба сари ҳар 1000 нафар аҳолии кишвар 9 нафар мутахассиси соҳаи дин рост меояд. Моҳияти буддизм дар мактабҳои ибтидоӣ омӯхта мешавад, инчунин ду донишгоҳи доимии буддоӣ, бо маблағгузории давлатӣ нигоҳ дошта мешаванд. Низоъ бо мусулмонон ҳанӯз солҳои 80-уми асри XX оғоз гардида аз соли 2014 инҷониб тезу тунд гардидааст. Маъракаҳои сиёсиву низомӣ таҳти роҳбарии роҳиб У. Вариту гузаронида шудааст. Дар натиҷаи он президенти кишивар парлумонро ӯҳдадор намудааст, ки таҳияи номгӯи қонунҳои дахлдорро омода созад. Дар муносибат бо мусулмонон ҳукумати кишвар ва мухолифини он афкори ягона доранд, ҳардуи тараф мехоҳанд тозагии миллат ва дину мазҳаби худро нигоҳ доранд.

Соли 2018 парлумони ин кишвар лоиҳаи ду қонунеро ба тавсиб расонид, ки яке аз онҳо лоиҳаи “Қонун дар бораи ҳимояи миллат ва дин” мебошад. Мувофиқи қонуни нав шаҳрванди Мянма агар хоҳад, ки эътиқоди диниашро иваз кунад пеш аз он бояд ба мақомоти дахлдори давлатӣ ҳуҷҷатҳои худро пешниҳод намояд ва ин мақомоти давлатӣ шоҳиди он бояд бошад, ки гузариш ба дини дигар ихтиёрӣ аст на маҷбурӣ. Барои шахси ивазкунандаи дину ойини худ 90 рӯз вақт дода мешавад, ки асосҳои дини навро аз худ намояд ва дар назди комиссияи панҷнафараи мақомоти дахлдор имтиҳони расмӣ супорад. Лоиҳаи қонуни дигари дар соли 2018 қабулнамудаи парлумони Мянма муносибатҳои байни зани риоякунандаи асосҳои дини буддоӣ ва марди пайрави дигар дину ойинро ба танзим медарорад. Баъд аз қабули ин қонун чунин ҷуфтҳо, барои никоҳ бояд аз ҳукумат иҷозат бигиранд дар акси ҳол онҳоро то ду сол аз озодӣ маҳрум кардан таҳдид менамояд [Изменения в сфере отношений государства и духовных общин ...].

Вақтҳои охир Мянма воқеияти худро нишон дода истодааст, миллатгароии мянмагӣ (бирмагӣ) ривоҷ ёфта бо забон ва дин амалӣ гардида истодааст. Аз тарафи дигар ин ба худшиносии миллии ақалиятҳои этникӣ оварда расонидааст.

Агар дар Индонезия ва Мянма дин фазои ҷамъиятиро фаро гирад, дар Ветнам бошад нисбати таъсири дин ба ҷомеа чораҳо андешида мешаванд. Дар ин кишвар фаъолияти қонуне ба роҳ монда шудааст, ки тамоми аъзоёни ҷамъиятҳои диниро вазифадор мекунад, ки оиди ҳама гуна тағироте, ки дар ҳаёти онҳо ба амал меояд ҳукуматро огоҳ намоянд. Барои риоя накардани қонун ҷамчун ҷазо фаъолияти ҷамъият зуд қатъ карда мешавад. Аз ин бар меояд, ки акнун ҷамъиятҳои динӣ, барои хурдтарин тағирот

бояд аз ҳукумат иҷозат бигиранд ва ҳатто барои хурдтарин тағироти кадрӣ дар пасттарин вазифаҳо.

Мувофиқи таҳқиқоти сотсиологӣ, Ветнам яке аз кишварҳои бедини ҷаҳон ба шумор меравад. Мувофиқи ба рӯйхатгирии аҳолӣ, ки соли 2017 гузарони шудааст танҳо 27% аҳолии ин кишвар пайрави ин ё он дин ё мазҳаб мебошанд. Бо вуҷуди он, ки аксарияти аҳолии Ветнам расман ба ин ё он дин пайрав нестанд, вале ба худопарастии ҷудогона майл доранд, ки дар он ҷузъиёти буддизм, конфутсия, даосизм ва анимизм дида мешаванд [Ярдли и др.].

Аҳолии расман диндори Ветнам (27%) пайрави ё буддизм (маҳаянҳо ё тҳеравадҳо), ё мазҳаби католикӣ (Римӣ), ё протестант ҳастанд ва аз ин нишондод хулосабарори намудан мумкин аст, ки қонунҳои қабул намудаи парлумони ин кишвар асосан бар зидди инҳо (27%) равона гардидааст.

Дар Ветнам давлат инони идеологияи миллиро дар дасти худ дорад ва дар ин соҳа клерекалҳоро роҳ доданӣ нест.

Буддизм дар Таиланд қисми ҷудонашавандаи монархияи конститутсионии он мебошад. Ин ягонагӣ ҳеҷгоҳ халалдор нагардидаст ва буддизм ҳамчун дини давлатӣ боқи мондааст. Миллат, дин ва шоҳ чун ҳамавақта мавқеи идеологӣ доранд. Дар кишвар 70 млн. нафар одамон зиндагӣ мекунанд, ки аз он 85-90% бутпарастон, 10% мусулмонон ва аз 1% камтарро насрониҳо ташкил медиҳанд. Дар Таиланд мафҳуми динҳои эътирофгардида вуҷуд дорад, ин пеш аз ҳама: буддизм, ислом, браҳман ҳиндуия, сикхизм ва католитсизм мебошанд. Буддизм ҳамчун дини давлатӣ расман эътироф нагардидааст, вале сардори давлат ҳатман бутпараст бояд бошад. Таълимоти динӣ дар ҳама сатҳ бо истиснои баъзе вилоятҳои мусулмоннишин (чор вилоят дар ҷануби кишвар) ҳатмӣ мебошад. Дар вилоятҳои ҷанубии мусулмоннишин низоми “пондок” (мактабҳои исломии шахсӣ) бемайлон тараққӣ

ёфта истодааст, ки ҳанӯз дар соли 2003 1621-тои он ба қайд гирифта шудаанд [Агаджанян, 2007.с. 279].

Дар Камбоҷа дин онқадар таъсири бузург надорад ва сабабҳои асосии он ин пурзӯр будани таъсири коммунистон, суст будани мутлақият (монархия) ва дар охир барҳам додани он ба ҳисоб меравад. Аввалин қадамҳо дар роҳи баланд бардоштани нақши давлат, миллат ва дин дар соли 1993 барқарор гардидани мутлақият (монархия) ба ҳисоб меравад. Имрӯз 93%-и аҳолии Камбоҷаро бутпарастон ва 5% -и онро мусулмонон (мусулмонони тямии соҳилҳои Тонне Сан ва Меконг) ташкил медиҳанд. Аз фоизи умумии мусулмонони Камбоҷа 85% пайрави мазҳаби шофеъӣ ва 6% пайравони равияи салафӣ мебошанд, ки таҳти таъсири Арабистони Саудӣ қарор доранд. Мувофиқи Конститутсия буддизм дар Камбоҷа дини давлатӣ аст, вале ин озодии эътиқоди диниро халалдор намесозад, ки дар Конститутсияи ин кишвар дарҷ гардидаст. Ҳузури рамзии буддизм дар ҳама ҷой дида мешавад ва дар кишвар 50 000 роҳиб ва 20 000 роҳиба фаъолият доранд, ки ба сари ҳар 1000 нафар аҳолии Камбоҷа 5,2 нафар мутахассиси дин рост меояд [Агаджанян, 2007. С. 280].

Дар Камбоҷа як гурӯҳи этникии мусулмоне бо номи чам зиндагӣ мекунанд ва мардуми он аз ҷониби “кхмерҳои сурх” қариб, ки нобуд карда шудаанд ва ба қисмати боқимондаи онҳо кишварҳои гуногун ёрии башардӯстона мерасонанд ва аз ҳисоби кумакҳои молиявӣ дар Камбоҷа масҷид, мактаб ва марказҳои исломӣ низ бунёд карда мешаванд. Мутаассифона, ҳамроҳи кумакҳои моддӣ, солҳои охир намояндагони ҳаракатҳои исломии бунёдгаро низ ворид мешаванд. Ин боиси паҳн шудани ваҳҳобия ва ҳаракатҳои дигари ифротӣ гардидааст [Тимофеев; Комарова, 2010. С. 81].

Дар Лаос 85%-и аҳолии бутпараст аз этникаи лао мебошанд ва халқиятҳои дигари ба онҳо хешу табор буда хмонг ва яо анимизм ҳастанд. Дигар гурӯҳҳои этникӣ, (2%) насронӣ ҳастанд ба ин нигоҳ накарда этникаҳои хмонг ва кхем дар кишвар афзалият доранд.

Моддаи 30-юми Конститутсияи Лаос озодии эътиқоди диниро эълон медорад ва ба ин нигоҳ накарда буддизм имтиёзҳои ғайри расмӣ дорад. Буддизм дар мактабҳо таълим дода намешавад, вале сангха бо низоми ҳукмрон робитаҳои зичи ҳамкорӣ дорад. Дар Лаос масъалаҳои динӣ бо мушкилоти миллӣ бар ба бар меоянд ва хислати этникӣ-диниро мегиранд, ки ин ҳолат дар дигар кишварҳои ОҶШ низ мушоҳида карда мешавад.

Сингапур аз нигоҳи мансубияти динӣ, кишвари сермазҳаб ба шумор меравад ва 40%-и аҳолии он пайрави буддизм, 15%-и дигари он пайрави дини Ислом ва боқимонда пайрави дигар дину ойинҳо ба ҳисоб мераванд. Малайҳои Сингапур аксаран мусулмон мебошанд ва Ислом аз ҷониби намояндагони этникаҳои дигар низ пайравӣ карда мешавад. Дар бораи ба роҳ мондани сиёсати дурусти давлатӣ дар соҳаи дин Ли Куан Ю - сарвазири собиқ ва бунёдгузори «муъҷизаи иқтисодӣ»-и Сингапур дидгоҳи ҷолибе баён намудааст: “вақте ки Арабистони Саудӣ ба паҳн кардани ваҳҳобия шурӯъ кард, хушбахтона дар Сингапур мо ба онҳо ин имкониятро надодем, балки худамон ба сохтани масҷидҳо оғоз намудем. Мо на ба пули онҳо ва на ба муббаллиғонашон ниёз надорем” [Ли Куан, 2000. С. 88]. Чунин гуна сиёсате пеш гирифта шудааст, ки Сингапур дар як муддати кӯтоҳ ба як кишвари аз нигоҳи иқтисодӣ пешрафтаи ҷаҳон мубаддал гардидааст.

Дар ибтидои асри XXI дар ОҶШ омили хориҷӣ аҳмияти махсусро дар худ пайдо мекунад. Раванди ҷаҳонишавӣ дар ҷаҳони муосир ба мушкилоти кишварҳои ОҶШ таъсири

худро гузоштааст. Кишварҳои ОҶШ ба ҳангомаи ҷаҳонии экстремизми байналмилалии (transnational) исломӣ кашида мешаванд. Экстремистони маҳаллии Индонезия ва Малайзия аз хориҷи кишвар ба хусус аз созмони террористии Ал-Қоида кӯмакҳои пуливу моливу маънавӣ мегиранд. Робитаҳои ин гурӯҳҳои экстремистӣ бо созмони байналхалқии террористии Ал-Қоида баъд аз воқеаҳои 11 сентябри 2001 ошкор гардидааст. Ҷавонони ифротии минтақаи ОҶШ солҳост, ки таълимотро дар мактабҳои динӣ ва низомии Афғонистон, Покистон, Миср ва дигар кишварҳои исомӣ мегиранд. Созмони терроритӣ - экстремистии ҷудоихоҳи "Сипоҳ-ул-ҷиҳод" доим сафи намояндагони худро аз ҳисоби аз Афғонистон, Покистон, Шарқи Наздик ва дигар кишварҳои исломӣ баргаштагон зиёд менамояд. Ифротчӯёни исломӣ, таҳти таъсири экстремизми байналхалқӣ дар Филиппин дар маҳаллаҳои мусулмоннишини аҳолӣ "Ҷабҳаи озодибахшии исломӣ"-ро ташкил додаанд, ки барои ташкили давлати исломӣ дар ҷазираи Минданао мубориза мебарад. Дар ҷануби Таиланд пешвоёни сиёсии мусулмонҳо созмони "Иттиҳоди озодибахши Паттаи"-ро ташкил намудаанд, ки дорои қисми низомӣ буда ва дар асоси чаҳор вилояти мусулмоннишини матайтсиҳо ба бунёди давлати исломӣ талош дорад [Религии и их роль в странах Юго-Восточной Азии]. Ҳамаи ин дар минтақа ба ҷанги дурударози шаҳрвандӣ, бар зидди экстремизм ва ҷудоихоҳӣ оварда расонидааст, ки даҳҳо сол аст давом дорад.

Ба ин нигоҳ накарда тағйирот дар соҳаи муносибатҳои давлат ва ҷамоаҳои динӣ дар кишварҳои ОҶШ дида мешавад. Дар Индонезия, Мянма ва Ветнам қонунҳои ба танзимдарорандаи муносибатҳои давлат ва дин қабул гардидаанд, ки ин раванд дар дигар кишварҳои ОҶШ низ мушоҳида карда мешавад. Ин кишварҳоро аҳмият додани

давлат ба муҳити динӣ муттаҳид месозад, вале сиёсати ин кишварҳо гуногунсамт (multivector) аст. Аз ҳукуматҳои кишварҳои ОҶШ, ҳукуматҳои ҷумҳуриҳои Индонезия ва Мянма оид ба иштироки дин дар соҳаҳои давлат кор мебаранд, Ветнам бошанд сиёсати роҳ надодан ба фаъолгардии диниро пеш гирифтааст.

Вале муҳим он аст, ки на дар Индонезия, на дар Малайзия ва на дар Бруней Ислом дар шакли иртиҷоӣ, қатъӣ ва ифротгароӣ зоҳир нагардидааст. Баръакс, мусулмонони ин кишварҳо нисбат ба пайравони динҳои дигар рафтори таҳаммулпазирӣ ва ҳамзистии осоиштаро пеша кардаанд, то ки тавозуни мавҷуда нигоҳ дошта шавад. Вале бо боварӣ гуфта наметавонем, ки ақидаҳои экстремистӣ дар байни шаҳрвандони ин кишварҳо сироят наёфтааст. Дар ин масъала профессор, ҷомеашинос аз Сингапур Фарид Алатас чунин иброз намудааст: “мусулмонони Осиёи Ҷанубу Шарқӣ камтар ба ифротгароӣ майл доранд, зеро онҳо дар риояи меъёрҳои муқаррарнамудаи Ислом ба бидъат ва якравӣ роҳ намедиҳанд. Аз ҷониби дигар ҳеҷ гоҳ бар сари мусулмонони эътиқодманд фикри хушунату зӯроварӣ намеояд. Фарқияти байни мусулмонони Осиёи Ҷанубу Шарқӣ аз як тараф ва Шарқи Миёна аз тарафи дигар ба шароитҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ вобастагӣ дорад. Дар ҳар куҷое ифротгароии динӣ ба мушоҳида расад мо бояд пеш аз ҳама ба шароити зиндагии мардум таваҷҷуҳ зоҳир намоем. Камбизоатӣ заминаи устуворе барои рушди ифротгароии динӣ шуда метавонад” [Баротзода, 2018. С. 26].

Имрӯзҳо роҳёбии Ислом ба сиёсат, иқтисод ва фарҳанги кишварҳои мусулмоннишини Осиёи Ҷанубу Шарқӣ мавриди омӯзиши кишварҳои ҷаҳон, ба хусус олами Ислом қарор гирифтааст. Зеро ин кишварҳо тавонистанд нерӯи муттаҳидкунандаи идеологӣ, ахлоқӣ ва диниро барои рушди иқтисодӣ, иқтидори сиёсӣ ва манфиатҳои миллии худ

истифода баранд. Аз ин лиҳоз, таҳлили вазъи динии давлатҳои муосири Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, таъсири ақидаҳои мазҳабӣ-динӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ, низоми давлатдорӣ ва корбурди сиёсати хориҷӣ ба маврид аст. Дар маҷмӯ ба таври умумӣ, гуфтан мумкин аст, ки ҳарчанд Ислом дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ хусусияти нарму муътадил дорад, вале айни замон дар ин ҷо низ унсурҳои тундгарое пайдо шудаанд, ки дар минтақаҳои дигари мусулмоннишин, барои бунёди «давлати исломӣ» талош меварзанд.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки омили динӣ дар раванди таҳаввулоти таърихӣ, шаклгирии фарҳанг ва ҳувияти миллӣ дар минтақа таъсиргузор аст. Дин чун ҳамавақта нақши муҳимро дар якдилии эътиқодмандон новобаста аз баромади миллиашон мебозад, вале ҷанбаи омӯзанда дар ин ҷо ҳамон аст, ки Ислом ва Буддизм ҳамчун «нерӯи нарм» таҳаммулпазирӣ ва ҳамзистии осоиштаро пеш мебаранд, то ки тавозуни мавҷуда (stability) нигоҳ дошта шавад. Дар айни замон сохтори давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва робитаҳои байнимазҳабии кишварҳои ОҶШ дар маҷмӯ ҷойгоҳи арзишҳои динӣ ва мазҳабиро дуруст муайян карда тавонистаанд. Ҳамаи ин унсурҳо дар якҷоягӣ минтақаро ҳамчунон муаррифӣ кардаанд, ки имрӯз мо онро мешиносему меписандем.

## Боби дуюм: ГУСТАРИШИ ВАҲҲОБИЯТ ВА ИСЛОМИ ТУНДГАРО ДАР ОСИЁИ ҶАНУБУ ШАРҚӢ

Дар даҳсолаҳои охир мутолиаи таърихи Ислом, вазъи сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии мусулмонон дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ таваҷҷуҳи бисёре аз пажуҳишгаронро ба худ ҷалб кардааст. Илова бар ин бархе аз ниҳодҳои сиёсӣ ва иҷтимоии байналмилалӣ ва марказҳои таҳлиливу иттилоотии сиёсӣ ва ҳатто ниҳодҳои амниятӣ дар кишварҳои мухталиф ба мутолиа ва баррасии вазъи мусулмонон дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудаанд.

Барои мисол бахши сиёсати хориҷии парлумони Аврупо дар соли 2013 дар лоиҳае таҳти унвони "Ҳамкориҳои ҳаракати салафӣ-ваҳҳобӣ бо гуруҳҳои ифротӣ ва ҳимоят аз онҳо дар саросари ҷаҳон"[1] ба минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ таваҷҷуҳи хоса намуда Индонезия ва Филиппинро яке аз аслитарин марказҳои фаъолияти бархе аз гуруҳҳои тундрави исломӣ, чун Ал-Қоида донистааст.

Билвир Сингх[2] устоди мутолиоти сиёсӣ дар Донишгоҳи миллии Сингапур дар китоби "Толибонизм дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ"[3] фаъолияти толибон ва таъсири он бар мусулмонон дар Осиёи Ҷанубу Шарқиро баррасӣ кардааст. Нурҳодӣ Ҳасан[4] пажӯҳишгари индонезӣ дар мақолаи "Мадориси салафӣ ва ифротгароии исломӣ дар Индонезияи муосир" ва Ангел Рабасса[5] аз пажуҳишгарони пуркор дар мавзуҳое чун исломгароӣ, терроризм ва ислоҳталабӣ дар ҷаҳон ва дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ низ дар мақолае бо

---

[1] The involvement of Salafism-Wahhabism in the support and suplly of arms to rebel groups around the world
[2] Bilveer Singh
[3] The Talibanization in Southeast Asia
[4] Noorhadi Hasan
[5] Angel Rabasa

унвони “Омӯзиши Ислом дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ”[6] ба баррасии фаъолияти марказҳои омӯзишӣ-таълимии мусулмонон дар ин минтақа ва саҳми ваҳҳобият ва Арабистони Саудӣ дар ҳимоят аз марказҳои омӯзишӣ-таълимии исломӣ пардохтааст.

Ҷозеф Лиу[7] устоди Донишгоҳи технологии Нанянг[8] дар Сингапур, яке аз маъруфтарин ва пуркортарин пажуҳишгар дар заминаи авзои сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии мусулмонон дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, бавижа Таиланд ва Филиппин мебошад. Ҷозеф Лиу беш аз 11 китоб ва даҳҳо мақола дар бораи авзои сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии мусулмонон дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ навиштааст.

Вай дар яке аз асарҳои хеш ба номи “Муқовимати мусулмонон дар ҷануби Таиланд ва Филиппин: дин, идеология ва сиёсат”[9] зимни мутолиаи даргириҳои мавҷуда миёни мусулмонони ҷануби Таиланд ва Филиппин бо ҳукуматҳои марказӣ дар ин ду кишвар решаҳои қавмӣ, идеологӣ ва сиёсии ин даргириҳоро баррасӣ карда ва ба мутолиаи таъсири бархе аз андешаҳои динӣ, аз ҷумла нақши ваҳҳобият дар ин низоъҳо пардохтааст.

Асари муҳими дигари Ҷозеф Лиу “Ислом, омӯзиш ва ислоҳот дар ҷануби Таиланд”[10] мебошад, муаллифи асар зимни ишора ба муассаҳои таълимӣ-омӯзишӣ дар миёни мусулмонони Таиланд ба иртиботи ин ниҳодҳои таълимӣ-омӯзишӣ бо бархе аз марказҳои таълимӣ-омӯзишӣ дар кишварҳои арабӣ, аз ҷумла Арабистони Саудӣ ва таъсири ваҳҳобият дар сиёсатгузориҳои омӯзишии мусулмонон дар ҷануби Таиланд ба таҳқиқ пардохта ва ба таъсири ин раванд

---

[6] Islamic Education in Southeast Asia
[7] Joseph Chinyong Liow
[8] Nanyang Technological University
[9] Muslim resistance in Southern Thailand and southern Philippines: religion, ideology and politics
[10] Islam,education and reform in Southern Thailand

дар гароиши мусулмонони ин минтақа ба ифротигароӣ, таваҷҷӯҳ зоҳир кардааст.

Яке аз пуркортарин пажуҳишгари индонезӣ дар заминаи таъриху фарҳанги исломӣ дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ Азиюмардӣ Азро[11] мебошад. Азиюмардӣ Азро устоди фанни таърих дар Донишгоҳи давлатии исломии Ҷакарта[12] аст ва дар китобҳо ва мақолаҳои хеш ба муаррифии чеҳраи мадоромеҳварӣ ва сулҳҷӯии Ислом дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ зиёд таъкид кардааст. Дар навиштаҳои хеш, аз ҷумла дар мақолаҳои “Бали ва Ислом дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ: ботилсозии падидаҳо”[13], “Ислом дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ: мадоромеҳварӣ ва ифротгарӣ”[14] ва дар китобаш “Ислом дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ: байни мадоромеҳварӣ ва ифротгарӣ”[15] кӯшидааст зимни муаррифии исломи миёнарав ва мадоромеҳвар, мухолифати он нисбат ба равобити гурӯҳҳои тундрав ва ифротгароро бо мусулмонон ва хатари таъсири бархе аз андешаҳои ифротии исломиро дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ баррасӣ менамояд. Азиюмардӣ Азро дар асарҳои хеш ба густариши мавҷи исломгароӣ дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ низ таваҷҷуҳи хоса дадааст.

Аз ҷониби пажуҳишгарони ғарбӣ ба мавзуи Ислом дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ таваҷҷуҳи чандоне зоҳир нашудааст. Ҳатто, ҳеҷ яке аз асарҳои пажуҳишгарони барҷастаи ОҶШ бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ тарҷума нашудаанд. Аз ин рӯ омӯзиши вижагиҳои Ислом дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, шиносоӣ бо руҳияи сулҳҷӯ ва мадороталабии мусулмонон аз оғоз то имрӯз, таъсири фаъолияти бархе аз гуруҳҳои ифротӣ ва тундрав, чун ваҳҳобиён ва салафиҳо, гузариш аз исломи

---

[11] Azyumardi Azra
[12] State Islamic University, Jakarta
[13] Bali and Southeast Asian Islam: Debunking the Myths
[14] Islam in Southeast Asia: tolerance and radicalism
[15] Islam in Southeast Asia: Between Tolerance and Radicalism

мадоромеҳвар ба исломи ифротӣ дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ амри зарурӣ аст.

Осиё Ҷанубу Шарқӣ минтақае аст, ки 11 кишварро дар бар мегирад ва ин минтақаи паҳновар аз лиҳози ҷуғрофияи табиӣ, сиёсӣ, инсонӣ ва динӣ бисёр гуногунранг аст. Аз ин рӯ дар баррасии ҳар падидаи фарҳангӣ дар ин минтақа, бавижа таърих ва фарҳанги исломӣ бояд ин гуногунрангиро дар мадди назар дошт. Бар хилофи гуногунии табиӣ ва фарҳангӣ дар Осиё Ҷанубу Шарқӣ ба назар мерасад, ки дини Ислом дар марҳалаи вуруд, густариш, устуворгардӣ ва ҳатто ташкили ҳукуматҳои исломӣ ва чӣ дар ташкили давлатҳои мустақил дар давраи муосир аз тарҳҳое нисбатан устувор ва муштарак дар саросари ин минтақа бархурдор будааст. Муҳимтарин тамоизи Ислом дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ бо дигар сарзаминҳое, ки дар Осиё, Африқо ва Аврупо аз асри VII то поёни асри XIV ба қаламрави мусулмонон пайвастанд ва дар маҳдудаи дорулислом қарор гирифтанд, ин буд, ки дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ Ислом бидуни лашкаркашӣ ва тохтутозҳои низомӣ, нуфузу густариш ёфтааст. Яке аз аслитарин роҳҳои “Инқилоби Ислом” дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ тиҷорат ва бозаргонӣ будааст. Ин минтақа, ки дар масири тиҷорӣ миёни мусулмонон ва чиниён қарор дошт, дар нахустин асрҳои исломӣ мавриди таваҷҷуҳи бозаргонони араб ва сипас ҳиндӣ қарор мегирад. Бозаргонон дар минтақаҳои соҳилӣ, бахусус дар соҳилҳои ҷанубӣ ва ғарбии Суматра ва Ява ҷомеаҳои мусулмоннишин бунёд мекунанд. Ин ҷомеаҳои мусулмоннишин бахусус дар асри XIV бо афзоиши бозаргонон боиси густариши Ислом дар дигар ҷазираҳо ва манотиқи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ мегарданд [Arnold, 1913. С. 363-371]. Тасаввуф дуюмин шоҳроҳи “Инқилоби Ислом” дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ буд. Суфиёни мусулмоне, ки барои таблиғу тарғиби одоб ва ақидаҳои хеш ё ба далели дигар дар асри XIII ба Осиёи Ҷанубу Шарқӣ

муҳоҷират кардаанд ва бузургтарин нақшро дар густариши Ислом дар ин минтақа бозидаанд. Дар миёни диндорон ва суфиён шояд бузургтарин мавқеъро дар исломпазирии сокинони ин минтақаҳо андеша ва ваҳдати вуҷуди Ибни Арабӣ дошта бошад. Гуногунии андеша ва ваҳдати вуҷуд дар миёни баъзе аз диндорони буддоиён ва ҳиндувон, ки решаҳои амиқе дар миёни мардум дошт, аз далели аслии таваҷҷуҳ ба даъвати суфиёни мусулмон ва пазириши Ислом буд. Фаъолияти суфиёни мусулмон, ки аз рӯзҳои нахустини исломӣ дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ оғоз шуда буд, дар асри XIV шиддат гирифт. Дар асрҳои XVI ва XVII ба авҷи худ расид ва то имрӯз низ идома дорад [Azyumardi, 1997. С. 168; Cederroth, 1999. С. 265; Baldick, 2000. С. 163].

Вижагиҳои динӣ ва фарҳангии Осиёи Ҷанубу Шарқӣ пеш аз вуруди Ислом ва чигунагии нуфузу густариши Ислом дар ин минтақа ва атрофи он, боиси он гардидааст, ки Исломи ин минтақа дорои вижагиҳои хосу ягона бошад. Бархе аз барҷастатарин вижагиҳои Ислом дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ то ибтидои асри XIX чунин аст:

1. Бар хилофи он ки бештари мардум дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар мазҳаби шофеъиянд, Исломи ин минтақа Исломи суфиёна аст. Ҷаҳонбинӣ, боварӣ ва ҳатто одобу русуми мусулмонон дар ин минтақа бо тасаввуф бо ҳам гиреҳ хӯрдааст.

2. Шинохти мусулмонон аз Ислом ва ошноии онҳо бо таълим ва омӯзиши исломӣ то ду садаи охир бисёр сатҳӣ ва номукаммал будааст. Ислом дар ин минтақа дар воқеъ таркибе аз Ислом, Ҳиндуизм ва Буддизм мебошад, ки аз ҷониби мусулмонони ин минтақа пазируфта шудааст [Azyumardi, 2008. С. 2-4; Vincent, 2003. С. 156].

3. Густариши Исломи суфиёна ва муошırати дарозмуддати он бо буддоиён, ҳиндувон, масеҳиён ва дигар гуруҳҳои динӣ боиси он шудааст, ки мусулмонони ин

минтақа афроди боиртибот, мадоропеша ва миёнарав бошанд. Сулҳҷӯӣ, мадороталабӣ ва парҳез аз ифротгароӣ бузургтарин вижагии Ислом дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ мебошад, ки то имрӯз идома дорад [Arnold, 1913. C.376; Azyumardi, 2005. C. 13-14].

Пеш аз зуҳури ваҳҳобият дар нимаи дуюми асри XVIII ва сипас густаришу нуфузи он дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар асрҳои XIX ва XX ва дар паи таҳаввулотҳои сиёсӣ ва иҷтимоие, ки бавижа дар нимаи дуюми асри XX дар кишарҳои мусулмоннишин дар Ховари Миёна рух дод, чеҳраи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Ислом дар Осиё Ҷанубу Шарқӣ низ оҳиста оҳиста тағйир ёфт ва бо афзоиши огоҳиҳои динии мусулмонон ба тадриҷ бархе аз вижагиҳои сиёсӣ ва фарҳангии Ислом дар ин минтақа дигаргун гашт. Гузариш аз Исломи сулҳҷӯ ва мадоромеҳвар ба суи исломи ифротӣ ва тундрав, он чи ки имрӯз радикализми исломӣ хонда мешавад муҳимтарин тағйир дар чеҳраи Ислом дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ мебошад. Зуҳури бархе аз гуруҳҳои мусулмони ифротӣ ва ҷиҳодӣ дар нимаи дуюми асри XX ва талоши онҳо барои эҷоди ҳукумати исломӣ, боиси паноҳ гирифтани гуруҳҳои террористӣ дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, аз ҷумла дар Таиланд ва Филиппин ва афзоиши дахолатҳои мусулмонони ин минтақа дар бархе ҳаводиси ҷаҳонӣ ва минтақавӣ гардид. Бо дар назардошти ин бархе аз таҳлилгарон ва нозирони сиёсӣ, Осиёи Ҷанубу Шарқиро ҷабҳаи дуюми ҷанг алайҳи терроризм дар оғози асри XXI мешуморанд [Vincent, 2003. C. 165-166; John Gershman, 2002. C. 60-61]. Ҳарчанд, ки имрӯз низ ҳамон руҳияи вахдат ва мадороталабӣ дар Исломи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ғолиб аст, бо боварии комил гуфта метавонем, ки фаъолиятҳои сиёсӣ ва фарҳангии ваҳҳобиён ва гуруҳҳои салафӣ оҳиста-оҳиста дар тағйири ин руҳия ва афзоиши тундравӣ ва ифротгароӣ дар минтақа аст. Бо таваҷҷуҳ ба

рушди радикализми исломӣ дар Ховари Миёна ва кишварҳои арабӣ, густариши ифротгароӣ ва ба канор рафтани таҳаммулпазирӣ ва мадороталабӣ мусулмонон дар ОҶШ хатаре ҳисобида мешавад, ки ба ғайр аз давлатҳои ин минтақа, дигар кишварҳои исломиро низ бо таҳдиди ҷиддӣ, рӯ ба рӯ кунад. Аз он ҷо ки ваҳҳобият ва салафигароӣ бо ҳимояти Арабистони Саудӣ нақши меҳварӣ ва таъйинкунанда дар афзоиши гароишҳои ифротӣ ва тундравро дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дорадт ва дар ин боб доир ба таъсири ваҳҳобият таҳти ҳимояти Арабистони Саудӣ дар эҷоду тақвияти ифротгароии исломӣ дар ОҶШ таҳқиқот бурда мешавад. Пеш аз пардохтан ба ин таҳқиқот ёдоварии ду нуқта муҳим ва зарур аст:

1. Ваҳҳобият ва салафигароӣ дар тӯли таърихи худ таҳаввулоти зиёдеро аз сар гузаронда дар ҳолати тағйироти назариявию амалӣ қарор гирифтаанд. Дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ низ ин андеша дар муддати беш аз ду аср ҳузур кардааст ва талош барои эҷоди ислоҳот дар дин ва пок гардонидани Ислом аз хурофот кардааст. Дар корномаи худ мубориза бо истисмор ва ба ин равия даровардани мусулмони дигарро дорад. Аз ин рӯ наметавон ва набояд ҳама иқдомоти пайравони ин андешаро дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ якҷо рад ё қабул кард.

2. Аз кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ - Индонезия, Малайзия, Таиланд ва Филиппин бо ду далел интихоб шудаанд: а) беш аз 250 млн нафар аҳолӣ доранд, яъне бузургтарин ҷамъияти мусулмони Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар ин кишварҳо сокинанд; б) таърихи нуфузу густариши Ислом ва корномаи фаъолияти ваҳҳобият ва салафигароӣ дар ин чор кишвар ба якдигар ҳаммонандии зиёде дорад.

Ҳарчанд таърихи сиёсии кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ пеш аз истиқлолёбӣ камубеш мухталиф аст, зеро ин кишварҳо аз асри XVII сар карда то миёнаи асри XX таҳти

ҳукми кишварҳои истисморгари аврупоӣ, аз қабили Голландия, Англия ва Испания қарор доштанд. Ин давра, ки давраи мусоид дар шаклгирии андешаи ваҳҳобият ва афзоиши гароиш ба он дар бархе аз кишварҳои исломӣ буд, давраи нуфузи ваҳҳобият дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ низ ба шумор меравад. Дар асри XVIII дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ наҳзате дар миёни донишмандони мусулмон шакл гирифт, ки ҳадафи он пок гардонидани Ислом аз андешаҳои хурофотӣ ва нодурусте буд, ки дар натиҷаи таъсири муоширати мусулмонон бо пайравони адёну мазҳабҳои роиҷ дар ин минтақа вориди Ислом гардида буданд. Аз сӯи дигар аз ин давра сар карда шумораи ҳаҷгузорони Осиёи Ҷанубу Шарқӣ рӯ ба афзоиш ниҳод ва иртиботи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ бо Ҳиҷоз бештар гардид. Аз ин рӯ, андешаи ваҳҳобият, ки ба тозагӣ дар Ҳиҷоз шакл гирифта буд, барои тоза гардонидани Ислом басуръат ба ёрии мусулмонони Осиёи Ҷанубу Шарқӣ шитофт. Дар воқеъ андешаи ваҳҳобият дар ин давра ба аслитарин муҳаррики мусулмонони Осиёи Ҷанубу Шарқӣ барои афзоиши огоҳиҳои динӣ, тоза гардонидани дин ва бозгашт ба Исломи асил табдил ёфт. Ва андешаҳои ислоҳхоҳӣ ва эҳёгарона дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ аз ҳамон давра бо андешаҳои ваҳҳобият ҳамроҳ гардид [Mansurnoor, 2009. C. 236]. Албатта андешаҳои ислоҳхоҳӣ аз ҷониби ҳама мусулмонон мавриди пазириш қарор нагирифт ва донишмандону фаъолони динии мусулмон ба ду гуруҳ тақсим шуданд: а) гурӯҳи ислоҳталаб ва тасфияхоҳи майлкунанда ба ваҳҳобият, ки бо номи Созмони ҷавонон (Kaum Muda) ва; б) гурӯҳи тарафдори Исломи суннатии суфиёна, ки бо номи Созмони солхӯрдагон (Kaum Tua) шинохта мешаванд [Barry, 2002. C. 2-3; Joseph L., 2009. C. 95].

Аз нахустин ҷунбишҳои ислоҳхоҳ ва муассир ҷунбиши маъруф бо номи “Падриҳо” (руҳониён) буд, ки аз соли 1803

то 1837 дар Минангкабау[16] дар Суматраи Ғарбӣ шакл гирифтааст. Ин ҷунбиш тавассути се тан аз донишмандони мусулмоне, ки дар Макка дарс хонда буданд, таъсис меёбад ва ҳадафи он ташкили ҳукумати исломӣ ва пок гардонидани Ислом аз хурофот ва ақоиду одоби барчида (эҷодгардида) буд. Ин ҷунбиш ҳарчанд, ки пас аз ҷангҳои хонумонсӯз ва кушторҳои зиёд аз ҷониби голландиҳо саркуб шуда бошад ҳам таъсири аниқе дар тарғиби ифротгаро ва тундрав кардани Ислом дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ гузоштааст. Падриҳо бо паҳн кардани андешае, чун наздикшавӣ бо бузургони динӣ ва муқобилият нишон додан бо майхорӣ, қиморбозӣ ва бар зидди касоне, ки муқобили андеша ва роҳу русуми онҳо амал мекарданд, башиддат мавриди азияту озор ва ҳатто куштор қарор медоданд. Онҳо пӯшидани либоси сафеди арабиро иҷборӣ карданд, занонро водор карданд, ки рӯйю дастони худро бипӯшонанд ва муқаррар карданд, ки мардон бояд риши баланд дошта бошанд. Оростани бадан бо ҷавоҳирот ва пӯшидани либосҳои абрешиминро манъ карданд ва ба ҷо овардани намозҳои панҷгонаро ҳатмӣ намуданд. Ҳар кас намозро нахустин бор тарк мекард, ҷарима мешуд ва барои бори дувум сазои ӯ марг буд. Рустоҳои мухолифон сӯзонда ва сокинони он қатли ом мешуданд ва амволашон ба унвони ғанимат тороҷ мегардид. Раҳбарони ин ҷунбиш бори нахуст ҷиҳод алайҳи мусулмононе, ки бар хилофи онҳо бар зидди Исломи асил рафтор мекарданд, ҷоиз донистанд [Arnold, 1913. С. 371-372; Azyumardi, 2003. С. 46-47].

Илова бар падриҳо тақрибан ҳама созмону наҳзатҳои исломии ислоҳгар ва ба истилоҳ Каум Муда (Созмони ҷавонон) дар Осиё Ҷанубу Шарқӣ дар давраи истисмор

[16] Minangkabau

мустақим ё ғайримустақим таҳти таъсири ваҳҳобият қарор доштанд.

Аз ҷумла муҳимтарин ва таъсиргузортарини ин наҳзатҳо "Созмони муҳаммадия" буд, ки дар соли 1912 дар Яваи Индонезия таъсис ёфтааст. Бунёдгузори ин созмон Ҳоҷӣ Аҳмад Даҳлон (1868-1923), рӯҳонии ислоҳталаби индонезӣ, ки дар солҳои 80-90-уми асри XIX ҳудуди се сол дар Макка донишҳои диниро фаро гирифтааст. Ҳарчанд, ки Ҳоҷӣ Аҳмад Даҳлон ва созмони ӯ дар рафтор ва эътиқоди хеш бо падриҳо тафовути зиёде дорад ва барои эҷоди равобит миёни Ислом ва модернизм талошҳои зиёде кардаанд, аммо бешак ин созмон дар густариши бархе аз андешаҳо ва назарияҳои ваҳҳобият чун такя бар тавҳид ва парҳез аз ширк дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ саҳми зиёде доштааст. "Созмони муҳаммадия", ки ба унвони созмони динӣ ва ғайрисиёсӣ то имрӯз фаъол аст, дар давраи фаъолияти худ дар садаи гузашта бо таъсиси маркарҳои омӯзишӣ ва хайрияҳои гуногун таваҷҷуҳи зиёде аз мусулмононро ба худ ҷалб кардааст [Deliar, 1978. С. 73-75; Barry, 2002. С. 3].

Аз ҷумлаи омилҳои дигаре, ки ба густариш ва нуфузи ваҳҳобият ва пазириши он аз ҷониби донишмандони мусулмон ва мардум дар ин давра ёрӣ расонд, тавассути истисморгарон маҳрум сохтани мардум ва бавижа мусулмонон аз ҳуқуқҳои моддӣ ва маънавии хеш дар ин минтақа буд. Ваҳҳобият бо андешаи ҷиҳодӣ ва мубориза бар зидди истисморгарон таъкиди зиёде дошт ва табиӣ буд, ки ин андеша ба мусулмонон, ки ба дунболи раҳоӣ ёфтан аз чанголи истисмор буданд, таъсири амиқе дошт. Дарвоқеъ андешаҳои мусулмонони Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар бораи ваҳҳобият дар ин давра дарвозае барои раҳоӣ аз истисмор ва дастёбӣ ба ҳуқуқи хеш буд. Ин масъала то интиҳои асри XIX ба рушди исломхоҳӣ кумак кард, то ҷое дар гузоришҳои бархе аз аврупоиён эътироф шудааст, ки ҷамъияти бумии Осиёи Ҷанубу Шарқӣ батадриҷ дар ҳоли

табдил шудан ба гуруҳи бузурги мусулмон аст [Azyumardi, 2003. С. 47].

Аз миёнаи асри XIX ва дар паи таҳаввулоти сиёсию иҷтимоӣ, ки дар Осиё Ҷанубу Шарқӣ ва дар дигар кишварҳои исломӣ, бавижа дар Ховари Миёна дар иртибот бо ваҳҳобият рух дод, дар Осиё Ҷанубу Шарқӣ низ тағйироти ҷиддӣ ба вуҷуд омад. Ваҳҳобият аз ин давра, чӣ дар шеваҳои таблиғӣ ва чӣ дар бовару эътиқодот, таҳаввули бузургро аз сар гузаронд ва аз андешаи ислоҳотхоҳӣ ва тасфияталабӣ ба идеологияи сиёсии Арабистони Саудӣ, барои нуфузи ҳарчӣ бештар бар мусулмонони саросари ҷаҳон ва ҷалби манофеи гуруҳҳои хос ва таъсиргузор ба ҷараёни таҳаввулот ва ҳаводиси сиёсию иҷтимоӣ дар дунёи муосир табдил дода шуд. Дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ низ таҳаввулоте рух дод, ки аз як сӯ имкони фаъолиятҳои динӣ ва сиёсии мусулмононро афзоиш дод ва аз сӯи дигар сабаби иртиботу пайванди васеътару фаъолтари мусулмонони ин минтақа бо дигар мусулмонони ҷаҳон шуд. Кишварҳои Индонезия, Малайзия, Таиланд ва Филиппин ҳамагӣ дар миёнаҳои асри XX ба истиқлолияти сиёсӣ даст ёфтанд. Пас аз истиқлолияти сиёсӣ дар бештари ин кишварҳо мусулмонон аз озодии динӣ ва сиёсии бештаре бархурдор шуданд ва тавонистанд бо мусулмонони дигар кишварҳо, бавижа Мисру Арабистони Саудӣ робитаҳои динӣ ва илмии густурдае дошта бошанд. Шумораи ҳаҷгузорон ва мусулмононе, ки барои фарогирии донишҳои исломӣ роҳии Мисру Арабистони Саудӣ мешуданд, дар нимаи дуюми асри XX башиддат рӯ ба афзоиш мениҳад. Ва шаҳрҳои Маккаю Мадина ба қиблаи омоли донишҷӯёни мусулмони Осиёи Ҷанубу Шарқӣ барои идомаи таҳсил табдил меёбад. Баилова мусулмонони сокин дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ низ дар сояи рушду густариши гуруҳҳои динӣ ва сиёсии фаъол дар ин кишварҳо дар фикри эҷоди ҳукуматҳои исломӣ

дар минтақаҳои мусулмоннишин шуданд. Ҳамаи ин ҳодисаҳо боис шуд, ки дар нимаи дуюми асри XX ва ибтидои асри XXI Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ба яке аз пойгоҳҳои аслии гуруҳҳои исломии тундрави таҳти ҳимояти густурдаи моддию маънавии Арабистони Саудӣ табдил дода шавад. Ҳодисаҳое, ки дар охирҳои асри XX ва ибтидои асри XXI дар ҷаҳони Ислом ва дар Ховари Миёна рух додан, аз як сӯ шиддат гирифтани фаъолияти ваҳҳобият дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқиро дар пай дошт ва аз дигар сӯ гуруҳҳо ва аҳзоби исломӣ ин минтақаро ба сӯи ифротгароӣ ва тундгароӣ тела намуданд. Бархе аз муҳимтарини ин ҳаводис иборат аст аз:

1. Пайравӣ аз инқилоби исломии соли 1979 дар Эрон, ки ин инқилоб дар кишвари шиъамазҳаб ва бо раҳбарии уламои шиъа ба пирӯзӣ расида буд, боиси ҳароси Арабистони Саудӣ ва шиддатёбии фаъолияту таблиғоти ваҳҳобият, барои муқобала бо нуфузи Эрон, бавижа дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ гардид [Noorhadi, 2011. С. 96; Zachary, 2007. С. 55].

2. Ҳуҷуми ИҶШС ба Афғонистон ва ишғоли ин кишвар аз соли 1979 то 1989 бо баҳонаи муқобилият бо муҷоҳидони афғон ва ҳимоят аз ҳукумати коммунистии ин кишвар боис шуд, ки бисёре аз мусулмонони кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, ки бештари онҳо дар Арабистони Саудӣ таҳсил карда буданд, барои ҷиҳод алайҳи шуравӣ бо муҷоҳидони афғон бипайванданд. Ин муҷоҳидин пас аз итмоми ҷанг ба кишварҳои худ баргаштанд, аммо андешаи ҷиҳодӣ ва муборизахоҳии худро фаромуш накарданд, башиддат ва босуръат ба ташкили гуруҳҳои сиёсӣ, ҷиҳодӣ ва густариши андешаҳои ваҳҳобият талош намуданд. Бархе аз ин муборизон чун роҳбари гуруҳи "Абусайёф", ки муборизаро дар Афғонистон оғоз карда буд, пас аз бозгашт ба кишвари худ роҳбарии тундравтарин гуруҳҳоро бар уҳда гирифт

[Mansurnoor, 2009.С. 257; Noorhadi, 2011. С. 96-98; Bilveer, 2007. С. 21].

3. Иқдомоти Амрико дар Ховари Миёна, бавижа дар ду даҳаи охир низ ба рушди ифротгароӣ ва рушди нуфузи ваҳҳобият дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ таъсири зиёде доштааст. Ҷанги халиҷи Форс дар соли 1991 ва ҳамлаи Амрико ва муттаҳидонаш ба Кувайту Ироқ ва ба ҷунбиш даровардани Амрико пас аз ҳодисаҳои 11-уми сентябри соли 2001, чун ҳамла ба Афғонистон ва Ироқ дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ба шиддат гирифтани руҳияи ифротгароӣ ва равон кардани гуруҳҳои исломӣ ба сӯи иқдомоти террористӣ замина гузошт ва барои рушди фаъолияти ваҳҳобият бо ҳимояти ошкоро ва пинҳони Арабистони Саудӣ шароит фароҳам овард [Vincent J. H., 2003.С. 165-166; John Gershman, 2002. С. 60-61]. Дар баробари ҳадисаҳои дар хориҷи кишвар ба амал омада муқобилаи бархе аз мусулмонон дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ бо давлатҳои секуляр, бавижа бо Таиланд, Филиппин ва гуруҳҳои дигар, бо талоши ташкили ҳукумати исломӣ ба амал омадааст, ки ваҳҳобият ва Арабистони Саудӣ бо дар назардошти ёрӣ расондан ба мусулмонон дахолати бештаре ба ин минтақаро кардааст [Terrorism in Southeast Asia, 2009. С. 2; Barry, 2002. С. 15].

Ҳарчанд густариши ифротгароии исломӣ ва афзоиши шумораи гуруҳҳою муассисоти исломии тундрав ва хушунатталабро дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ наметавон яктарафа натиҷаи талошҳои ваҳҳобият ва ҳукумати Арабистони Саудӣ донист ва бешак омилҳои дигаре низ дар такон додани мусулмонон ба сӯи тундгароӣ мавҷуданд, аммо шаке нест, ки фаъолияти ваҳҳобиён ва кумакҳои моддию маънавии Арабистони Саудӣ ба гуруҳҳои исломӣ, яке аз омилҳои муҳим ва аслии рушди радикализми исломӣ дар ин минтақа аст. Бо ин ҳол иқдомоти ваҳҳобиён

ва ҳукумати Арабистони Саудӣ дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқиро ҳам набояд яксара ва ба таври комил барои мусулмонони Осиёи Ҷанубу Шарқӣ зиёновар донист. Зеро ба ҳар ҳол ин иқдомот зарбаи сахте ба руҳияи мадороталабӣ ва сулҳҷӯии мусулмонони ин минтақа ворид кардааст, аз як тараф боиси рушди огоҳиҳои динии мусулмонон шуда ва аз тарафи дигар кумакҳои моддию маънавии Арабистони Саудӣ ва созмону ниҳодҳои хайрияи ваҳҳобия имкони зиндагии беҳтару ҷойҳои кориву ва ба таҳсил фаро гирифтани мусулмонони фақири ин минтақаро фароҳам овардааст. Дар идомаи ин таҳқиқ бархе аз фаъолиятҳои Арабистони Саудӣ, созмону ниҳодҳои хайрияи ваҳҳобия дар ҳавзаҳои илмӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, низомӣ ва густариши андешаҳои ваҳҳобият дар кишварҳои Осиё Ҷанубу Шарқӣ барраси хоҳанд шуд.

Дар кишварҳои Осиё Ҷанубу Шарқӣ мардум асосан дар таълим ва тадриси динӣ бо мадрасаҳои исломии суннатӣ сарукор доштаанд, аз қабили Песантрен[17] дар Ява, Сурау[18] дар Суматра, Пундук[19] дар ҷазираи Мали ва Пондита[20] дар Филиппин мебошанд. Яке аз нахустин марказҳое, ки таваҷҷуҳи ваҳҳобиёнро барои тарвиҷи андешаҳои хеш дар миёни мусулмонони минтақа ба худ ҷалб кардааст, ҳамин марказҳо буданд. Ваҳҳобиён ба ин мадрасаҳо ва ҳавзаҳои илмӣ кумакҳои моддӣ ва маънавии зиёде кардаанд. Тарбиягирифтагони маркази омузишии динии Пундук кӯшиш мекарданд, ки ба ҷиргаи уламо пайванданд ва асосан барои идомаи таҳсил ба шаҳрҳои Макка ва Мадина фиристода мешуданд. Ин афрод пас аз фарогирии донишҳои динӣ ба унвони шайх ва сӯфӣ ба зодгоҳи хеш бозмегаштанд

---

[17] Pesantren
[18] Surau
[19] Pondok
[20] Pondita

ва идораи чунин мадрасаҳову марказҳоро ба ӯҳда мегирифтанд. Мусулмонони ислоҳталаб, машҳур ба Кума Муда бештар дар ҳамин гурӯҳи афроде қарор доранд, ки аз сафари Арабистони Саудӣ баргашта буданд [Ahmad Fauzi, 2010. С. 14-15]. Ваҳҳобиён дар баробари ҳимоят аз мадрасаҳои исломии суннатӣ, ки танҳо ба омӯзиши дин машғул буданд, пас аз ташкили давлати Арабистони Саудӣ ва бавижа дар се-чор даҳаи охир ба ташкили марказҳои омӯзишӣ ва мадрасаҳо дар кишварҳои гуногуни Осиёи Ҷанубу Шарқӣ иқдом кардаанд. Ин мадрасаҳо, ки илова ба донишҳои динӣ ва исломӣ бархе аз донишҳои навинро дар барномаи дарсии худ ҷой додаанд, дар маҷмӯ аз имконоти омӯзишӣ ва некӯаҳволии хубе бархурдоранд, ки бо тавонмандӣ ва имконоти иқтисодӣ аз дигар минтақаҳо фарқ мекунанд. Дар ин марказҳо бештар афроде таҳсил мекунанд, ки асли арабӣ доранд ва қодир ба пардохти ҳазинаҳои таҳсили худ нестанд [Bond And Simons, 2009. С. 45; Noorhadi, 2011. С. 99-101].

Дар вилоятҳои мусулмоннишини Ҷануби Таиланд на камтар аз 20 адад мадрасаҳои сохти Арабистони Саудӣ ва ривоҷёфтаи андешаҳои ваҳҳобӣ фаъол аст. Ин мадрасаҳо дорои имконоти омӯзишӣ ва некӯаҳволи бисёр хуб мебошанд. Хазинаи пурраи ин мадрасаҳоро ниҳодҳои хайриявии ваҳҳобӣ ва ё кишвари Арабистони Саудӣ пардохт мекунанд. Муаллимони ин мадрасаҳо ва бисёре аз пажуҳишгарон, коршиносон ва дар бархе аз гузоришҳои амниятӣ ин мадрасаҳоро яке аз аслитарин марказҳои густариши исломи ифротӣ дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ меҳисобанд [Joseph L., 2009. С. 39-49].

Муҳимтарин маркази омӯзишии марбут ба таълими ваҳҳобӣ ва салафӣ дар Таиланд Донишгоҳи Яла[21] мебошад,

[21] Yala University

ки дар ҷануби ин кишвар воқеъ аст. Ин маркази омӯзишӣ дар соли 1988 бо иқдоми Исмоил Лутфӣ, ки дар соли 1986 риштаи фиқҳи Донишгоҳи Имом Муҳаммад ибни Сауд-ро дар Риёз хатм намудааст, дар аввал ба сурати коллеҷ ташкил шуд ва дар соли 2007 ба донишгоҳ табдил ёфт. Исмоил Лутфӣ дар парламенти Таиланд низ узвият дорад ва бешак машҳууртарин олими мусулмони Таиланд ба шумор меравад. Ин донишгоҳ дорои 5 факултет, 18 раёсат ва беш аз 3000 донишҷӯй аз кишварҳои гуногун, ба мисли Чин, Ветнам, Малайзия, Судон, Эрон, Миср ва Покистон мебошад. Ин донишгоҳ илова ба улуми динӣ ва иҷтимоӣ ба донишҳои навин низ пардохта мешавад. Хазинаи комили ин донишгоҳ низ аз ҷониби Арабистони Саудӣ ва бархе дигар аз кишварҳои арабӣ, ба монанди Қатар ва Кувайт таъмин карда мешавад. Донишҷӯёни ин донишгоҳ бо забон ва пӯшиши арабӣ фаро гирифта мешаванд. Хатмкунандагони ин донишгоҳ дар кишвари Таиланд ва бавижа дар вилоятҳои ҷанубии он вазифаҳои муҳиммеро дар ихтиёр доранд ва бархе аз онҳо ба ҳизбу гуруҳҳои исломии тундрав аъзо мебошанд. Бархе аз пажуҳишгарон ва коршиносон саҳми ин донишгоҳро дар Таиланд ва кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар табдилёбии исломи миёнарав ба исломи ифротӣ иқрор кардаанд [Joseph L., 2006. C. 47; John Bradley, 2004].

Дар Индонезия низ аз соли 1980 сар карда мадрасаҳои салафӣ мавриди ҳимояти ваҳҳобиҳо ва Арабистони Саудӣ қарор доранд. Ин мадрасаҳо аксаран номҳои арабӣ доранд ва дар шаҳрҳои мухталифи ин кишвар ҷойгиранд. Яке аз ин мадрасаҳо дар Ҷакарта қарор дорад ва ҳама хазинаҳои онро Арабистони Саудӣ мепардозад ва муаллимонон дар он ҷо ба донишомӯзон забони арабӣ меомӯзонанд.

Муттавалиёни мадраса қонунҳои сахтгиронае барои донишомӯзон ҷорӣ кардаанд. Онҳо бояд либоси арабӣ

бипӯшанд ва бо ҳеҷ кадоме аз марказҳои омӯзишии дигар иртибот надошта бошанд [Jane Perlez, 2003].

Дар Малайзия муҳимтарин маркази омӯзишии таҳти нуфузи Арабистони Саудӣ қарор дошта “Донишгоҳи байналмилалии исломии Малайзия”[22] мебошад. Ин донишгоҳ бо марказҳои илмӣ ва динии Арабистони Саудӣ равобити васеъ дорад ва ҳар сол семинарҳои муштараки гуногуне дар заминаҳои мухталиф, аз ҷумла тарғиби забони арабӣ дар Малайзия бо маркарҳои илмӣ ва динии Арабистони Саудӣ баргузор менамояд.

Аз ҷумлаи масоиле, ки ба онҳо ваҳҳобиҳо аҳамияти махсус медиҳанд, тарғиби забони арабӣ дар кишварҳои Осиё Ҷанубу Шарқӣ ва талош барои афзоиши мусулмононе аст, ки битавонанд аз тариқи ин забон бо Арабистони Саудӣ ва марказҳои омӯзишӣ ва хайриявии ваҳҳобӣ ба осони иртибот барқарор кунанд. Барои мисол Арабистони Саудӣ аз даҳаи 1980 ду марказро бо номҳои Муассисаи мутолиоти арабӣ ва исломӣ[23] ва Муассисаи омӯзиши арабӣ[24] дар Индонезия роҳандозӣ кардааст, ки масъулияти аслии аввалияи онҳо тарғиби забони арабӣ ва муҷаҳаз кардани довталабони таҳсил дар Арабистони Саудӣ ба забони арабӣ аст [Noorhadi, 2011.C. 96].

Арабистони Саудӣ илова бо ташкили марказҳои омӯзишӣ дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ҳамасола шумораи зиёди донишҷӯёни мусулмони ин кишварҳоро барои идомаи таҳсил қабул менамояд. Арабистони Саудӣ барои ин донишҷӯёни мусулмон бурсияи комил ҷудо мекунад. Касоне, ки дар Арабистони Саудӣ таҳсил мекунанд, бояд ба кишварҳои худ баргарданд ва дар онҷо маркарҳои омӯзишӣ ва мадрасаҳо ташкил кунанд, ки дар он бар хилофи ақидаҳои салафӣ ва ваҳҳобӣ таълими Исломи асилро ба роҳ монанд ва

[22] International Islamic University Malaysia (IIUM)
[23] Institute of Islamic and Arabic Studies
[24] Institute of Arabic Teaching

мардумро пайрави шеваи Паёмбари Ислом (с.ъ.с.) гардонанд ва дар некӯкорӣ ва некӯсиратӣ зиндагӣ кунанд. Донишгоҳи Мадина, Донишгоҳи Риёз, донишгоҳи Имом Муҳаммад ибни Сауд дар Риёз, Донишгоҳи ал-Муъаҳад ал-Олӣ ал-Қазо дар Риёз, Донишгоҳи Умм-ул-Қуро дар Макка ва ал-Муъаҳад ал-Савтия муҳимтарин донишгоҳҳои пазироии мусулмонони кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ба ҳисоб меравcovered, ки дар онҳо ҳадису тафсир, фиқҳ, ақоид, фалсафа ва даъват ба донишҷӯён тадрис дода мешаванд.

Дар солҳои 1995-2009 танҳо аз кишвари Таиланд беш аз 2500 нафар дар донишгоҳҳои Арабистони Саудӣ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Ин хатмкардагон пас аз бозгашт ба кишвари худ бо далели ҷойгоҳ ва эҳтироме, ки дар миёни мардум ва мусулмонон пайдо мекунанд, таъсиру нуфузи зиёде дар масоили динӣ, иҷтимоӣ ва гоҳе сиёсӣ доранд ва аз ин рӯ аз бузургтарин таблиғкунандагон ва ривоҷдиҳандагони Исломи ваҳҳобӣ дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ба ҳисоб меравӣнд [Joseph L., 2009: 153; Zachary, 2007: 18; Jane Perlez, 2003].

Аз дигар иқдомоти ваҳҳобиён, барои таъсиргузорӣ ба мусулмонони кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва тарғиби андешаҳои хеш, тарҷумаи китобҳои динӣ бо забонҳои маҳаллӣ ва чопи онҳо бо теъдоди зиёд ва қарор додани онҳо дар дастрасии мусулмонон бо нархи арзон ба ҳисоб меравад. Дафтари умури динии Арабистони Саудӣ[25] дар Ҷакарта солона 1 млн ҷилд китобро аз забони расмии Индонезия ба забони арабӣ тарҷума ва дар миёни мусулмонон тақсим мекунад. Илова ба ин марказҳои алоқаманд бо ваҳҳобиён, вобаста ба муносибатҳои гуногун миқдори зиёди китобҳоро ройгон дар ихтиёри мусулмонон қарор медиҳанд.

[25] Saudi religious affairs office

Бисёре аз пажуҳишгарон ва коршиносон бар он боваранд, ки фақр, дури аз фарҳанг, дастраси надоштан ба иҷтимоиёт, ихтилофоти гуруҳӣ ва фирқаӣ (Таиланд ва Филиппин) аз омилҳое мебошанд, ки дар даҳсолаҳои охир бархе аз мусулмонони кишварҳои Осиё Ҷанубу Шарқиро бо марказҳои таҳти ҳимояти ваҳҳобиён қарордошта пайвастаанд. Ин масъала низ таҳти таваҷҷуҳи сиёсатшиносони фарҳангӣ ва иҷтимоии ваҳҳобиён буда барои ҷалби мусулмонон ба марказҳои таҳти ҳимояти ваҳҳобиён қарордошта истифода бурда мешаванд. Аз ин рӯ, марказҳои хайрияи дар Арабистони Саудӣ ҷойдошта ё таҳти ҳимояти ваҳҳобиён қарордошта ва ё дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ буда, кӯшидаанд фаъолияти хайриявии худро дар минтақаҳои берун аз шаҳр ва деҳаҳо ба роҳ монанд. Барои мисол дар бисёре аз минтақаҳои дар канор монда ва фақиртарини Индонезия руҳониён, пулис ва мақомоти низомии маҳаллӣ бо таъсирпазирӣ аз фаъолиятҳои ваҳҳобиён бо исрор ба дунболи қонунҳои шариъатанд, бо дар назардошти он, ки низоми ҳуқуқии секуляр ин минтақаҳоро ба ҳошияи фаромӯши бурдааст. Бисёре аз мусулмононе, ки дар ин минтақаҳо ба фаъолияту таблиғоти ваҳҳобиён ҷалб шудаанд, огоҳӣ ва шинохте аз Ислом ва қоидаву қонунҳои шариаъат надоранд ва танҳо дар пайи баҳрабардорӣ аз некӯаҳволии иқтисодӣ ҳастанд. Дар ҳизбу ҳаракатҳо, гуруҳҳо ва аҳзоби тундрав ва ҳатто террористӣ шомил шудани мусулмонон саҳми ин марказҳо бештар аст [Bond And Simons, 2009. С. 54-58]. Тахмин карда шудааст, ки Арабистони Саудӣ дар се-чор даҳсолаи охир ҳудуди 90 млн доларро барои густариши андешаҳои ваҳҳобӣ дар ҷаҳон сарф кардааст ва ин пул умдатан сарфи бунёди мадрасаҳо, коллеҷҳо ва созмонҳои фарҳангию иҷтимоӣ дар кишварҳои дигар шудааст. Дар фосилаи солҳои 1982-2002 Арабистони Саудӣ 2000 мадраса, 1500 масҷид ва 210 марказҳои исломӣ

дар кишварҳои мухталифи исломӣ сохтааст. Дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, ба хусус дар Индонезия, Малайзия, Таиланд ва Филиппин бисёр шадидтар аз дигар кишварҳои исломӣ будааст [Baladas, 2008. С. 3].

"Ҳайат-ул-ағосат-ил-исломият-ил-оламият"ва "Муассисат -ул-ҳарамайн-ил-хайрия" ду маркази хайриявӣ дар Арабистони Саудӣ мебошанд, ки фаъолиятҳои зиёде дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, бавижа дар Индонезия доранд. Бе гумон ин ду маркази хайриявӣ дар бунёди мадраса, масҷид, дармонгоҳ, биноҳои истифодаи умум ва кумакҳои мустақим ба мусулмонони кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ пештоз мебошанд. "Ҳайат-ул-ағосат-ил-исломият-ил-оламия", ки фаъолияти худро аз миёнаҳои асри XX дар Ҷидда оғоз кардааст, дорои бахшҳои гуногуни муҳандисӣ, беҳдошт ва саломат, некӯаҳволии иҷтимоӣ, умури динӣ ва қуръонӣ аст, ки намояндагиҳои худро дар кишварҳои мухталиф, аз ҷумла дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва бахусус дар шаҳри Ҷакартаи Индонезия дорад. "Ал-ҳарамайн-ил-хайрия" низ аз соли 1988 ибтидо дар шаҳри Қарочии Покистон ва сипас дар шаҳри Ар-Риёзи Арабистони Саудӣ фаъолияти худро оғоз кард ва то соли 2004, ки ба далели ҳимоят аз терроризм дар манотиқи мухталифи ҷаҳон идораҳои он дар Ар-Риёз ва дигар кишварҳо баста шуданд. "Ал-ҳарамайн-ил-хайрия" дар ҳимоят аз ваҳҳобият ва исломи тундрав дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ муқассир аст ва фаъолияти ин муассиса ба таври ғайрирасмӣ то имрӯз идома дорад [The Involvement of Salafism..., 2013. С. 8].

Дар солҳои охир баъзе аз марказҳои хайриявии дигар низ барои густариши андешаҳои ваҳҳобӣ дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ташкил карда шудаанд, ки ба таври мустақим ё ғайримустақим аз тарафи Арабистони Саудӣ ё марказҳои ваҳҳобии дар Арабистони Саудӣ ҷой гирифта ҳимоят карда

мешаванд. Аз ин марказҳо метавон ба “Девон-ул-даъват-ал-исломия”, ки дар соли 1967 дар Индонезия оғоз ба кор кардааст, Кумитаи пешгирӣ аз бухрон машҳур бо номи КОМПАК-ро, ки аз соли 1988 дар ҳамин кишвар роҳандозӣ шудааст ва маркази хайриявии ислоҳ дар Таиланд, ки тавассути Исмоил Лутфӣ ташкил карда шудааст ишора кард [Noorhadi, 2011. С. 96; Joseph L., 2006. С. 48; The Involvement of Salafism..., 2013. С. 8].

Аз он ҷумла, созмони таблиғотии байналмилалии “Робитат-ул-олам-ил-ислом” мутаъаллиқ ба саъудиҳо дар соли 1969 намояндагии худро дар Ҷакарта боз кардааст. Масъулияти ин намояндагӣ бар уҳдаи Муҳаммад Назир, аз раҳбарони исломии Индонезия, ки иртиботи наздик ва хубе бо саъудиҳо дошт, гузошта мешавад. Муҳаммад Назир дар бархе аз аҳзоб ва гуруҳҳои сиёсию динӣ фаъолият дошт ва аз афроди машҳуру фаъол дар ҷазби кумакҳои молии Арабистони Саудӣ барои фаъолиятҳои таблиғӣ дар Индонезия буд.

Аз солҳои 70–уми асри XX сар карда то имрӯз гуруҳҳои исломии низомӣ ва сиёсии зиёде дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ташкил шудаанд, ки ҳарчанд дар аҳдофу рӯйкардҳо мутафовитанд, аммо аз истифодаи номи Ислом барои пешбурди аҳдоф ва ҷазби мусулмонон барои расидан ба мақсадҳои худ бо ҳам муштараканд. Бархе аз ин гуруҳҳо, бавижа онҳое, ки дар Таиланд фаъоланд ба дунболи ташкили ҳукумати исломӣ дар манотиқи таҳти нуфузи худ ё дар ҳама кишварҳои мусулмонони Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ҳастанд ва гуруҳҳои дигар танҳо дар баробари ҳукуматҳои секулёрии кишвари худ ё дар баробари иқдомоти аврупоиён ва масеҳиён ва гоҳ мусулмонони мутаъаллиқ ба дидгоҳҳои дигар, даст ба таблиғ ва ё амалиётҳои низомию харобкорона мезананд [Barry, 2002. С. 15; John Gershman, 2002. С. 66.]. Бархе аз ин гуруҳҳо бо гуруҳҳои террористии шинохташуда

ва бузург, чун Толибон, Ал-Қоида ва ДИИШ ҳамкорӣ доранд. Бунёнгузорони ин гуруҳҳо аз аъзои Толибону Ал-Қоидаву ДИИШ ва аз донишомӯхтагони донишгоҳҳо ва марказҳои илмии Арабистони Саудӣ ва ваҳҳобиён мебошанд [Imtiyaz Yusuf, 2007. С. 18]. Ҳарчанд кумакҳои ваҳҳобиён ва кишвари Арабистони Саудӣ ба ин гуруҳҳои тундравро наметавон бо далел исбот намуд, аммо гузориши баъзе аз гуруҳҳову марказҳои пажуҳишию амниятӣ нишондиҳандаи ҳимояти ин гуруҳҳо аз ҷониби ваҳҳобиён аст. Яке аз муҳимтарини ин гуруҳҳо "Ал-ҷамоат-ул- исломия" аст, ки аз соли 1993 то соли 1994 шакл гирифта, робита бо яке аз гуруҳҳои исломии дар Индонезия буда, бо "Дор-ул-ислом" дорад, ки ин созмон дар миёнаи асри ХХ дар Индонезия фаъолият кардааст. "Ал-ҷамоат-ул-исломия" дар бисёре аз кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, чун Малайзия, Сингапур, Таиланд ва Филиппин фаъолият дорад ва ин созмон ҳатто дар Покистон ва Австралия низ шохаҳои худро дорад. Ҳарчанд аз соли 2009 бештар фаъолияти он дар Индонезия мутамарказ шудааст. Ин гуруҳ аз замони таъсис то ба имрӯз бо Ал-Қоида ҳамкорӣ доштааст ва бахши зиёде аз манобеи молии ин созмонро Ал-Қоида таъмин мекардааст. Бар асоси гузоришҳои хадамоти иттилоотии Малайзия ва Сингапур Ал-Қоида дар фосилаи солҳои 1996 то 2001 130 000 доллар ба "Ал-ҷамоат-ул-исломия" кумак кардааст. Ал-Қоида кумакҳои худро аз тариқи созмонҳои хайрия дар Арабистони Саудӣ ва Индонезия ба "Ал-ҷамоат-ул-исломия" расонидааст. "Ҳайат-ул-ағосат-ил-исломият-ил-оламия" ва КОМПАК созмонҳои хайриявие мебошанд, ки дар заминаи кумак ба "Ал-ҷамоат-ул-исломия" фаъолият доштаанд. Бахше аз манобеи молии ин гуруҳро низ кишварҳои Покистон ва Аморати Муттаҳидаи Араб таъмин мекунанд. Фаъолиятҳои ин гуруҳ, ки хостори мубориза алайҳи ғарб, ташкили ҳукумати исломӣ дар ҷануби Таиланд

ва Филиппин ва таъсиси хилофати исломӣ дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ аст, муҷиб шудааст, ки кишварҳое чун Амрико, ки мудаъии мубориза бо терроризм ҳастанд, дар ду даҳаи охир ба кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ таваҷҷуҳи зиёде зоҳир кунанд ва гоҳ ин минтақаро ҷабҳаи дуюми мубориза алайҳи терроризм донанд. Бавижа пас аз ҳодисаҳое, чун бомбагузорӣ дар Бали дар соли 2002 ва инфиҷор дар меҳмонхонаи Ҷакарта дар соли 2009, ки ба ин гуруҳ ("Ал-ҷамоат-ул-исломия") мансуб шуд, маҳофили сиёсӣ ва амниятӣ беш аз пеш "Ал-ҷамоат-ул-исломия"-ро мавриди таваҷҷуҳ қарор доданд [The Involvement of Salafism…, 2013. С. 8; John Gershman, 2002. С. 66; Terrorism in Southeast Asia, 2009. С. 5-9]. Марказҳои хайриявии Арабистони Саудӣ ва Ал-Қоида тавассути "Ал-ҷамоат-ул-исломия" ба бархе аз гуруҳҳои низомии фаъол дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, ба монанди "Лашкари муҷоҳидин" ва "Лашкари ҷунд-уллоҳ" дар Индонезия низ кумакҳои худро мерасонидаанд [Zachary, 2007. С. 67-72].

"Ҷабҳаи озодӣ"-и бахши исломии Моро[26] ва гуруҳи Абусайёф аз гуруҳҳои исломии низомӣ ва тундрави мавриди таваҷҷуҳу ҳимояти Арабистони Саудӣ қарор дошта дар ҷануби Филиппин фаъолият менамояд. Бисёре аз аъзои ин ду гуруҳ аз донишомӯхтагон дар Арабистони Саудӣ ба ҳисоб меравáнд. Филиппин аз ҷумлаи он кишварҳое аст, ки бо далели фаъолияти шумораи зиёди ин гуруҳҳои тундрав ва низомӣ дар ҷанубу шарқи ин кишвар мавриди таваҷҷуҳи ваҳҳобиён ва гуруҳҳои террористӣ, чун Ал-Қоида ва ДИИШ қарор гирифтааст. Усома бини Лодан аз бастагони наздики худ Муҳаммад Ҷамол Халифаро барои эҷоди шохае аз Ал-Қоида ба Филиппин фиристода буд. "Ҳайат-ул-ағосат-ил-исломият-ил-оламия" аз ҷумлаи он созмонҳое буд, ки ба Ал-Қоидаи

[26] Moro Islamic Liberation Front

Филиппин кумаки молӣ мекард. Яке аз роҳҳои нуфузи Арабистони Саудӣ дар Филиппин ва кумак ба гуруҳҳои исломӣ додани чандсад ҳазор раводид (виза) барои мардуми Филиппин бо баҳонаи кор дар он кишвар буд. Албатта бархе аз ин гуруҳҳои исломии фаъол дар Филиппин беш аз он ки дағдағаи исломхоҳӣ дошта бошанд, ба дунболи дастёбӣ ба худмухториянд [John Gershman, 2002. C. 60-61; Bilveer, 2007. C. 21].

Созмони озодибахши Потони муттаҳид (PULO)[27] аз созмонҳое аст, ки аз соли 1960 бо мақсади барпо намудани ҳукумати исломӣ дар 4 вилояти мусулмоннишини ҷануби Таиланд ташкил шудааст. Ин созмон дар ду даҳаи оғози фаъолияти худ башиддат мавриди ҳимояти Арабистони Саудӣ қарор мегирад ва ҳатто маркази идории он дар шаҳри Мадина барпо карда мешавад ва шумораи зиёде аз мусулмонони потонӣ дар Арабистони Саудӣ, зиндагӣ мекарданд. Ҳарчанд Арабистони Саудӣ аз соли 1980 инҷониб барои берун рондани онҳо заҳмат ба харҷ додааст. Фаъолияти PULO дар ҷануби Таиланд ва ҳимояти ваҳҳобиҳо боиси он гардидааст, ки салафигарӣ ва ваҳҳобият дар солҳои охир рушди назаррасе дар ин минтақа дошта бошад, ба гунае, ки батадриҷ ихтилофоти шадиди қавмӣ ва гуруҳӣ дар ҷануби Таиланд ҷои худро ба ихтилофи миёни мусулмонон ва ғайримусулмонон додааст [John L., 1995. C. 11-12].

Илова бар гуруҳҳои бузурге, ки ном бурда шуд, даҳҳо гуруҳҳои низомии исломӣ ва тундрави дигар низ дар солҳои охир дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ шакл гирифтаанд, ки дар андеша ва идеология мутаасир аз ваҳҳобиятанд ва манобеи молии онҳо низ ба сурати мустақим ва ғайримустақим аз

[27] Patani United Liberation Organization (PULO)

тариқи муассисаҳои ваҳҳобӣ ва Арабистони Саудӣ таъмин мешаванд [Barry, 2002. C. 9; Zachary, 2007. C. 22].

Хулоса Ислом дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дорои вижагиҳои хос аз Ислом дар дигар сарзаминҳои исломӣ, бавижа кишварҳои Осиёи Миёна ва кишварҳои Шарқи Наздик аст. Аз як сӯ вуруди Ислом ба ин минтақа бидуни лашкаркашӣ ва аз тариқи фаъолиятҳои таблиғотии бозаргонон ва сӯфиёни мусулмон сурат гирифтааст. Ва аз сӯи дигар Ислом дар ин минтақа башиддат дорои рангу бӯи адёну наҳлаҳои маҳаллӣ гардидааст ва мусулмонони ин минтақа бо далели дурӣ аз марказҳои нахустини зуҳуру густариши Ислом беш аз ҳар чиз дар банди эътиқодот ва одобу русуми пешини худ ҳастанд. Ин боис шудааст, ки чеҳраи Ислом дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ аз оғози вуруд то ба имрӯз чеҳрае бисёр мутасомеҳ, раводор ва осонгир бошад. Ин вижагии Ислом дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ шинохта мешавад. Имрӯза низ мусулмонону андешамандон дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ талошҳои зиёде анҷом додаанд, ки чеҳраи хандону мадоромеҳвари Ислом дар ин минтақа ҳифз карда шавад. Донишмандони мусулмон ва бештари гуруҳҳои сиёсиву иҷтимоии мусулмон низ барои нишон додани адами муғойироти Ислом бо улуму донишҳои ҷадид ва низ ҳамхонӣ ва ҳамроҳии Ислом бо арзишҳои имрӯза чун демократия ва ҳуқуқи башар кушишҳои дархӯри таваҷҷуҳе кардаанд. Омӯзиши асли тасомеҳу таҳосил ва мадоро ва ба расмият шинохтани пайравони ҳама динҳо аз усули муҳими омӯзишӣ маҳсуб ёфта, дар зинаҳои мухталифи таҳсилоти динӣ ва ғайридинӣ, дар низоми омӯзишӣ ва парваришии кишварҳои ин минтақа, бавижа дар Индонезия ба унвони бузургтарин кишвари мусулмон мавриди истифода қарор гирифтааст. Панчасила ба маънои усули панҷгонаи: эътиқод ба худои ягона; инсони одил ва мутамаддин; ваҳдати миллӣ;

демократия, ки бо сиёсати оқилона ва намояндагӣ; ва татбиқи адолати иҷтимоӣ барои тамоми халқи Индонезия аст, ки соли 1945, чанде пеш аз эълони истиқлолияти давлатии Индонезия аз ҷониби президенти ояндаи ин кишвар Сукарно таҳия шуда буданд. Бо ин ҳол аз ибтидои асри XIX ва бо вуруди андешаи ваҳҳобият ба кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ бархе аз мусулмонон дар ин минтақа батадриҷ ба самти ифротигароӣ ва адами мадоро пеш рафтанд. Бо афзоиши фаъолияти ваҳҳобиён ва кӯмакҳои густурдаи моддию маънавии Арабистони Саудӣ ва марказҳои хайрия ва омӯзишии ваҳҳобӣ, бахусус аз нимаи дуюми асри XX гароиш ба ифрот ва тундравӣ низ дар ин минтақа афзоиш ёфтааст. Имрӯзҳо ҳарчанд Исломи мадоромеҳвар ва ғайримутасибу миёнарав ҳам чунон дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ пештоз аст ва аксарияти мусулмонон ва андешамандони мусулмон пайрави ин гуна исломанд, аммо фаъолиятҳои ваҳҳобиён бо ҳимояти Арабистони Саудӣ боис шудааст, ки исломи ифротӣ ва тундрав низ басуръат рушд кунад. Дар солҳои охир шумораи зиёде аз гуруҳҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ, омӯзишӣ ва фарҳангии мусулмонон дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ шакл гирифтааст, ки ҳамагӣ муттаасир аз андешаҳои ваҳҳобӣ ва мутамоил ба рафторҳои тундгароёнаанд. Бархе аз гуруҳҳои исломии дигар низ пойро фаротар гузошта ва дар пайи тамос бо созмонҳо ва гуруҳҳои террористӣ, чун Ал-Қоида ва ДИИШ ҳастанд ва хушунатомезӣ ва гоҳ икдомоти террористиро тарвиҷ ва таблиғ карда ва ба он даст задаанд. Ин гуруҳҳои тундгарои исломӣ муҷиб шудаанд, ки бархе аз нозирон нисбат ба густариши исломи ифротӣ ва интиқоли Осиёи Ҷанубу Шарқӣ аз Исломи миёнарав ва мадороталаб ба исломи тундгаро ва хушунатталаб ҳушдор диҳанд ва ин интиқол метавонад барои ҷаҳони Ислом хатари бузурге дошта бошад,

# Боби сеюм: ДИИШ ВА ТАҲДИДИ ТАШКИЛИ ДАВЛАТИ ИСЛОМӢ ДАР ОСИЁИ ҶАНУБУ ШАРҚӢ

Воқеъаҳои дар Шарқи Наздик ба амал омада барои кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ бетаъсир нестанд, амният ва устувории ин кишварҳоро халалдор месозанд. Мусулмонони ОҶШ, ки теъдодашон зиёда аз 250 млн. нафар аст таҳаммулгароии диниро пеша мекарда бошанд ё ин ки садоқати худро ба ҷиҳоди ДИИШ нишон медодабошанд, ин аз вазъияти имрӯз ва ояндаи ин минтақа вобаста аст.

Ҳанӯз соли 2014-ум кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ созмони террористии ДИИШ-ро маҳкум карда дар мубориза барзидди он ҳамдилии худро ба ҷомеаи ҷаҳон ифода намуда буданд. Ин бо таъсири ҷомеъаи ҷаҳон иброз доншта нашуда буд, балки бо дар назардошти таъмини амнияти худ ва пурзур гардидани таъсири ҳаракатҳои радикалӣ дар минтақа аст. Вазири дифоъи Малайзия Ҳисҳауддин Ҳусейн эҳтимоли фаъол гардидани фаъолияти ДИИШ-ро дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ кушоду равшан арзёбӣ намуда буд ва ҳукумати Филиппин эҳтимоли ба амал омадани амалиётҳои нави террористиро аз ҷониби илқогарони ин созмон истисно намекунад. Аз кишварҳои минтақа Индонезия дар вазъияти нозук қарор дорад, на ба он хотир, ки Ислом дар ин кишвар дини ҳукмрон аст, балки кайҳост дар ин кишвар гурӯҳҳои террористӣ-ҷиҳодии исломӣ фаъолият доранд, ки бо созмонҳои террористии байналмиллалӣ дар алоқа ҳастанд ва мехоҳанд, ки ба ДИИШ пайванданд ва инро иброзҳои видеоии сарварони ин созмонҳо исбот менамоянд, ки дар шабакаҳои интернетӣ гузошта шудаанд. Ба гурӯҳи роҳбарони чунин созмонҳои террористӣ Абубакр Башир ва дигаронро лохил намудан мумкин аст. Абубакр Башир ташкилдиҳандаи созмони террористии «Ҷамоаи исломия» (Jemaah lslamiyah - JI) ва роҳбари ташкилоти экстремистии

«Ҷамоаи Аншарут Тавҳид» (Jamaah Ansharut Tauhid - JAT) ба ҳисоб меравад. Амон Адураҳмон созмондиҳандаи бошишгоҳи ҷангҷӯён дар вилояти Аче, Ҳалави Мақмун носеҳи радикал аз «Маҷлиси муҷоҳидини Индонезия» (Majelis Mujahidin Indonesia - MMT), Сантасо террористи машҳур ва хатарноки ҳаракати террористии “Муҷоҳидини Тимори Индонезия” (Mujahidin Indonesia Timur - MIT) ба ҳисоб меравад, ки мавқеъи ДИИШ-ро дар минтақа ифода мекунанд.

Имрӯзҳо фаъолияти худро дар Индонезия боз як созмони дигари террористӣ, ки манфиатҳои ДИИШ-ро ифода мекунад ба роҳ мондааст. Зерсохторҳои он барои ҳимоя аз ДИИШ дар Индонезия намоишҳои оммавиро зери унвони «Форуми фаъолони шариати Ислом» (Forum Aktivis Syariat Islam - FAKSI) ташкил намудаанд. Инчунин хитобномаҳои ин гурӯҳ дар сомонаи иҷтимоии «Twitter» бо забони араби интишор шуда аст ва дар он гуфта мешавад: «Давлати Исломӣ ба зуди ба Индонезия меояд. Ҳамду сано Худоро, ки номи Давлати Исломии Осиёи Ҷанубу Шарқиро поянда месозад» [The Evolution of ISIS in Indonesia, 2014. C. 12].

Ҳамрайъи бо ДИИШ-ро бо мушкилии умумӣ 18 созмони террористӣ ва экстремистии Индонезия иброз доштаанд. Онҳо асосан тарафдори ғояи (идеологияи) такфир ҳастанд ва боварии қатъӣ бар он доранд, ки ҳар касе, ки қонунҳои Исломро рад мекунад ва барои ҳукумат ва давлати худ кор мекунад «кофир» мебошад [Chan, 2015. C. 7].

Малайзия кишваре мебошад, ки ҳеҷгоҳ гирифтори таҳдидҳои ҳамлаҳои террористии радикалҳои исломии маҳаллӣ нагардидааст, ии ҳам бошад бо шарофати фаъолияти босамари қувваҳои зиддитеррористӣ мебошад, вале фаъол гардидани фаъолияти экстремистии исломӣ, ки онро ғояи ташкили хилофати бузурги исломӣ рӯҳбаланд мегардонад хатари ҷиддиро эҷод кардааст. Исломгароёни

маҳаллӣ гурӯҳҳои нави экстремистиро ташкил намудаанд, ки танҳо номҳои мухтасарашон маълум аст, ба монанди BKAW, BAJ, Dimzia ва ADB. Ҳукумати Малайзия чунин мешуморанд, ки исломиҳои маҳаллӣ бо экстремистҳои созмонҳои террористии Индонезия ба монанди «Ҷамоаи исломия» (Jemaah Islamiyah) ва Малайзия ба монанди «Kumpulan Mujahidin Malaysia» робита доранд ва ин созмонҳо ба ҷалби ҷангҷӯён ба ДИИШ, ки тайёрии низомиро дар бошишгоҳҳои Таиланд ва Филиппин гирифтаанд, машғул ҳастанд.

Дар Филиппин ҳамрайъиро бо ДИИШ аъзоёни гурӯҳи ҷангталаби "Абу Сайёф" (Abu Sayyaf) бо роҳбарии Иснилон Хапилон, ки дар ҷангалзорҳои анбуҳи галаҷазираҳои Сулу паноҳ мебаранд иброз доштаанд. Ба тарафдории ғояҳои ДИИШ аъзоёни созмони террористии исломии BIFF (Bangsamoro Islamic Freedom Fighters) ҳамфикрии худро баён намуда аз "Фронти озодихоҳи исломии Моро" (Moro Islamic Liberation Front) ҷудо гардидаанд. Ба тарафдории онҳо зерсозмони террористии «Ҷамоат Ансарал Халифа» (Jama'at Ansar Al-Khilafa - JAK) баромад намуда дар навори видеои чунин иброз доштааст: BIFF то он рузе ҷиҳод хоҳад намуд, ки агар дар рӯи замин қонунҳои шариат пойдор нагарданд ва аъзоёни он тайёр ҳастанд барои амали гардидани ин мақсад қурбон гарданд.

Дар як вақт ҳамрайъии худро иброз доштани террористони Филиппин ва Индонезия ин гувоҳи он аст, ки дар байни онҳо алоқаҳои зич пойдор аст. Ин алоқаҳо ҳамон вақте барқарор кардашудаанд, ки «Ҷамоаи Исломӣ» (Jemaah Islamiah - JI) дар бошишгоҳҳои террористомодасозии қисми ҷанубии ҷазираи Минданао, ҷойе ки то ҳол террористони Индонезия ва Малайзия паноҳ меёбанд, дар омодасозии террористон иштирок намудаанд. Онҳоро тарафдорӣ аз ақидаҳо ва ғояҳои ҷиҳодии салафии Ал-Қоида ва ДИИШ муттаҳид месозанд. Фаъолияти ДИИШ барои бунёди

“Хилофат” барои исломгароёни маҳаллӣ (Осиёи Ҷанубу Шарқӣ) аҳамияти махсус дорад ва аз ҷониби онҳо ҳамчун исботи равшан барои ғалабаи идеологияи дар шакли муайян татбиқнамудаи онҳо қабул карда мешавад. Ҳамаи исломгароёни ОҶШ суннимазҳаб мебошанд ва муносибати бадбинона ба шиамазҳабҳоро доранд, ки ин нишондиҳандаи тамоюлҳои нави рушди экстремизми исломии радикалӣ дар ОҶШ ба ҳисоб меравад. Агар дар ибтидои асри XXI исломгароён бар зидди насрониҳо, ҷуҳудҳо ва душманони хориҷӣ мубоиза мебурданд, акнун ба қатори онҳо шиамазҳабон, ки дар Малайзия ва Индонезия дида мешаванд дохил карда мешаванд. Ба ақидаи исломгароён мавҷудияти он (шиизм дар минтақа) барои ҷомеаи мусулмонон хатар дорад.

Ҳамаи созмонҳои террористии Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар инкори низоми демократии идораи давлат ва ба ҷои он ҷори шудани низоми исломии идораи давлат, ақидаи ягона доранд. Дар байни созмонҳои экстремистии Индонезия бошад оиди имрӯз ё фардо ба амал овардани он ҷудоӣ вуҷуд дорад [Nuraniyah, 2013]. Мавқеъи онҳо дар минтақа бо дар назардошти ҳодисаҳои Шарқи Наздик пурзӯр мегардад. Террористон аз мусулмонони ОҶШ даъват ба амал меоранд, ки бо яроқ дар даст ба тарафдории ДИИШ мубориза баранд. Имрӯзҳо беш аз 600 нафар шаҳрвандони Индонезия, 80 нафар шаҳрвандони Малайзия ва зиёда аз 100 нафар шаҳрвандони Филиппин шомили ДИИШ ҳастанд. Дар сафҳои артиши ДИИШ аз Сингапур ва дигар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, инчунин занҳо низ мавҷуданд. Барои намояндагони кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ қисми махсус, ки ҷангҷӯён бо забони малайӣ гуфтугӯ мекунанд ташкил дода шудааст. Қисми махсус «Katibah Nusantara Lid Daulah lslamiyyah» бо мақсади ҳамкори намудан бо исломгароёни Индонезия ташкил карда шудааст. Ҷавононе,

ки шомили ин қисм мебошанд асосан 20-30 сола, маълумотдор, дорои вазъи хуби иқтисодӣ ҳастанд ва онҳоро бошад бунёди Хилофати исломӣ, рӯҳбаланд гардонидааст. Барои бунёди Хилофати исломӣ мубориза дар Сурия ва Ироқ оғоз гардидааст ин боварии онҳоро дуруст арзёбӣ мекунад. Ин интихоб бар он асос меёбад, ки мувофиқи ақидаи онҳо оид ба охират ҷанге, ки пеш аз ба охир расидани дунё ба амал меояд бояд дар Шом (Сурия) оғоз гардад [Arianti, 2014. C. 2].

Дар маҷмӯ, фаъолияти ДИИШ дар ОҶШ барои паҳн гардидани таъсири худ ва барои ҷалб кардани ҷангҷӯён ба ин созмон равона гардидааст ва ин бо роҳҳои гуногун амалӣ карда мешавад: ба воситаи хатибон дар масҷидҳо, дар байни хонандагони мадрасаҳо ва мактабҳои динӣ, дар интернат-мактабҳо, ки аз ҷониби созмонҳои исломии радикалӣ маблағгузори карда мешаванд, ба воситаи паҳн кардани адабиётҳои динии хислати экстремистӣ-террористӣ дошта, бо истифодаи гурӯҳҳои радикалӣ дар сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ бо мақсади таблиғот бурдант ва ғайра.

Имрӯз дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ 10'000 сомонаҳои интернетии экстремистӣ ба қайд гирифта шудааст. Дар Малайзия ДИИШ ҷангиёни худро тариқи маҳфилҳои таълимии исломӣ интихоб мекунанд. Дар навбати худ ин маҳфило тарафдорони ҷиҳоди ДИИШ-ро аз Сингапур низ чидагирӣ мекунанд. Хатмкардагони мактабҳои динӣ алоқаҳои маънавии худро на танҳо бо муридони худ, инчунин дар байни худ нигоҳ медоранд. Бори аввал нест, ки дар байни онҳо робитаҳои хешутаборӣ ва ҳамкорӣ барқарор карда мешаванд. Ва ҳамин тавр тарафдорони ҷараёни идеологии экстремистӣ ва радикалӣ бо ба роҳ мондани робитаҳои авлодиву хешутаборӣ иттиҳодияҳои васеъеро ташкил медиҳанд, ки тамоми гӯшаву

канори кишвар то хурдтарин маҳаллаҳоро фаро мегирад [Ефимова, 2014. С. 120].

Ба ақидаи олимони институти сулҳ ва демократияи «Ситора», ки дар Чакарта ҷойгир аст, гурӯҳҳои ҷавонони радикалӣ барои ҷиҳодгароёни ДИИШ сарчашмаи афзоянда ба ҳисоб мераванд, ки баъдан аз онҳо террорист омода месозанд. Ин террористонро бе ягон калавиш барои амалӣ гардонидани мақсадҳои худ, пеш аз ҳама ташкили давлати исломӣ истифода хоҳанд бурд [Hariyadi, 2018].

Ҷанҷӯён аз кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ба сафҳои артиши ДИИШ асосан ба тариқи Туркия шомил мешаванд. Ба Туркия бошад бо гирифтани раводиди сайёҳӣ, донишҷӯӣ ё дар асоси миссияҳои башардӯстона, ки аз ҷониби ҷамъияти Хилоли Аҳмари Индонезия (HASI), бо ҳамкорӣ бо «Ҷамоаи Исломӣ» (Jemaah lslamiyah - JI) ва «Ҷамоаи Аншарут Тавҳид» (Jamaah Ansharut Tauhid - JAT) ташкил карда мешаванд ворид мегарданд [Arianti, 2013]. Баъдан ғайр аз роҳҳои қонунӣ бо кумакҳои гурӯҳҳои ташкилӣ низ ба ДИИШ мепайванданд. Бештари иштирокчиёни миссияҳои башардӯстона ба Сурия меоянд, то ки ба бародарони суннимазҳаби худ, ки дар ҳудудҳои идорашавандаи ДИИШ қарор доранд кумакҳои хайриявии худро расонанд. Ҷангҷӯён ба он хотир фиристода мешаванд, ки дар набардҳо дар Сурия ва Ироқ иштирок намоянд ва баъдан ба давлати Исломӣ ҳиҷрат кунанд. Омили динӣ сабаби асосии гаравидани онҳо ба гурӯҳҳои террористӣ ба ҳисоб меравад ва ҷанбаи иқтисодии он низ ба назар гирифта мешавад. Барои иштирок дар амалиётҳои ҷангӣ террористон дар як моҳ то 600 доллари амрикоӣ мегиранд ва агар бо оилаашон ба Давлати Исломӣ (Сурия) оянд, ки имрӯзҳо маъмул гаштааст подош бо дар назардошти шумораи аъзоёни оила дода мешавад. ДИИШ яке аз созмонҳои террористии серсармоядор (2 млрд доллари амрикоӣ) дар ҷаҳон ба ҳисоб

меравад ва на танҳо имконияти харидори намудани яроқ, балки қувваҳои инсониро низ дорад.

Таҳдиди паҳнгардии таъсири ДИИШ дар баъзе кишварҳои ОҶШ ва мустаҳкакмгардии мавқеъи исломи радикалӣ, гувоҳи он аст, ки террористон омода ҳастанд оид ба садоқат ва вафодории худ нисбат ба Халифат қасам ёд кунанд ва тарафдорони ин ғоя дар байни ҷомеа кам нестанд. Барои мисол: тариқи интернет зиёда аз 3000 индонезӣ садоқати худро нисбат ба кори ДИИШ баён намудаанд. Бовуҷуди он ин базаи иҷтимоӣ метавонад зуд васеъ гардад, агар ҷангҷӯёни дар сафҳои артиши «Давлати Исломӣ» иштироknамуда ба Ватан баргашта фаъолияти тарғиботии худро давом диҳанд.

Сарвари идеологияи исломӣ-радикалии Индонези Абу Бақар Башир дар соли 2012 иброз дошта аст, ки Сурия барои исломгароён як мактаби нав ба ҳисоб меравад. Ҷангҷӯёни исломгарои оқил, ки дар «Давлати Исломӣ» аз тайёрии ҳарбӣ гузаштаанд, руҳияи ҷангии худро баланд бардоштаанд ва алоқаҳои байналмиллалии худро васеъ кардаанд, ки метавонад онҳоро бо захираҳои молӣ таъмин гардонанд ва ин ба онҳо имконият медиҳад, ки амалиётҳои террористии худро муваффақона барои сарнагун кардани давлатҳои дунявӣ ва ташкили хилофати исломӣ, амалӣ гардонанд.

Чигунае, ки сардори Агентии милллии зидди террористии Индонезия Ансёд Мбаи возеҳ қайд намудааст: "имрӯзҳо онҳое, ки аз «Давлати Исломӣ» ба Ватан бармегарданд ва ба чӣ кор машғул хоҳандшуд, ин моро ба ташвиш меоварад" [Hamon, Ahn, 2018]. Ақидаҳои Ансёд Мбаиро ноиби вазири Сингапур тарафдорӣ менамояд ва чунин мешуморад: "бо омадани ҷангҷӯён аз Шарқи Наздик ба ОҶШ ҳамлаҳои террористии «гургони танҳо» - и илҳомгирифта аз ғояи «Давлати Исломӣ» пурзӯр мегардад. Ин «гургони танҳо»

қодир ҳастанд дар кадом ҳолате, ки набошад, зарба зананд ва аз ҳамаи воситаҳое, ки дар ихтиёрашон ҳаст истифода баранд” [Parameswaran, 2015].

Чунин андешаҳо беасос набаромадаанд, моҳи феврал – апрели соли 2015 дар маркази Ҷакарта таркишҳо ба амал омаданд, ҷавобгарӣ ба ин таркишҳоро аз рӯи маълумотҳои полиси шаҳрӣ Унгунг Кахён террористони аз «Давлати Исломӣ» баргашта ба худ мегиранд. Дар Малайзия бошад таҳдиди созмони нави террористии «Маҷмуал Архабилӣ» (Majmu'ah al-Arkhabiliy) ба қувваҳои амниятии кишвар ошкор гардонида шуд, ки асосан ҳайати ин созмон аз индонезиҳо ва малайзиҳо таркиб ёфта аст ва таҳти фармондеҳии ҷангҷӯёни «Давлати Исломӣ» қарордоштааст. Ба ақидаи С. Ҷонс як чанд нафар метавонанд як ҳаракати террористии миқёси хоксорона доштаро идора намоянд [Amaud Richard, 2014]. Эҳтимолияти инро маълумотҳои оморӣ метавонанд исбот кунад. Аз рӯи тадқиқоти иҷтимоӣ ва пурсиши ақидаи ҷомеа 39 % мусулмонони малайзӣ истифодаи таҷовузро нисбати душманони Ислом раво дидаанд ва ҷадвали қиёсии ин пурсиш дар Индонезия 18% -ро ташкил медиҳад [Liow, 2015].

Ҷангҷӯёни исломӣ, барои ташкили Хилофати исломӣ на танҳо дар Шарқӣ Наздик мубориза мебаранд, балки тайёрҳастанд, ин ғояро дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ бо барқарор кардани салтанати динӣ, таҳти унвони «Давлати исломии Нусантара» (Daulah Islamiyah Nusantara) дар ҳудудҳои Индонезия, Малайзия, Сингапур, ҷануби Таиланд ва Филиппин (дар ҷое, ки тарафдорони ташкили давлати исломӣ ҷой доранд) амалӣ гардонанд. Дар Индонезия ҷангҷӯёни исломӣ асосан дар Ява, ҷазираи Суматра ва галаҷазираҳои Сулавеси ва дар Малайзия дар иёлотҳои Перак, Салангор, Саравак ва Сабоҳ дида мешаванд ва ин ҷойҳо, ҷойҳои сусти мудофиа ҳастанд, барои террористони

исломӣ. Иёлотҳои Перак, Салангор, Саравак ва Сабоҳ асосан дар ҷазираи Борнео на онқадар дуртар аз сарҳадҳои ҷанубии Филиппин ҷойгир ҳастанд.

Дар қисмати ҷанубии Филиппин кайҳост, ки исломиҳои радикалӣ аз созмони экстремистии "Фронти озодихоҳи исломии Моро" (Moro Islamic Liberation Front) фаъолият доранд ва мехоҳанд дар ҷазираи Минданао бо ба он ҳамроҳ кардани иёлотҳои Сабоҳ ва Сараваки Малайзия, Бруней ва Индонезия хилофати исломиро бунёд созанд.

Дар минтақа ҳамаи созмонҳои террористии исломӣ аз якдигар мустақил ҳастанд, вале барои бунёди халифат дар ОҶШ робита ва ҳамкориҳои зич ва фаъол доранд. Мустаҳкам гардидани мавқеи ДИИШ дар Шарқи Наздик ба созмонҳои террористии исломии минтақа руҳу илҳоми тоза мебахшад. Бешубҳа ҳар он қадаре, ки ДИИШ дар Шарқӣ Наздик ба комёбиҳо ноил шавад, ҳамон қадар ва бештар исломгароёни радикалӣ аз кишварҳои ОҶШ ба тарафдории он бо дар назардошти манфиатҳои иқтисодӣ, даъват ба амал меоранд. Роҳбарони гурӯҳҳои террористӣ аз таҷрибаи худ истифода бурда кӯшиш мекунанд, ки ба захираҳои пулии ДИИШ роҳ ёбанд ва то ин ба онҳо имконият диҳад, ки фаъолияти худро дар минтақа давом диҳанд.

Дар байни кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ аз лиҳози паҳнгардии таъсири ҳаракатҳои радикалии исломӣ, Таиланд ҷойи махсусро ишғол мекунад. Дар муддати 50–соли охир ҳаракатҳои ҷудоихоҳ ва исломгароёни радикалӣ бо даъвати ташкили "Давлати исломии Патаки" дар ҷануби ин кишвар, дар ноҳияҳои наздисарҳадӣ бо Малайзия ба амнияти Таиланд халал ворид месозанд. Патаки дар муддати 400 соли гузашта султонии хурди исломии мустақил буд ва дар ибтидои асри XX ба шоҳигарии Сиам ҳамроҳ кардамешавад, вале мусулмонони малайзии он, ки 85% аҳолии онро ташкил медиҳанд бо аз даст додани истиқлолият мутеъ намегарданд

ва умед доранд, ки истиқлолияти онҳо эҳё мегардад ва ин мунокишаи хомӯшнашавандаро дар байни онҳо ва ҳукумати марқазӣ ба миён овардааст. Ҳукмати Таиланд бошад дар ин минтақа 60 ҳазор аскару афсари худро нигоҳ медорад, ки ба сари ҳар 30 нафар 1 аскар рост меояд. Ба ақидаи роҳбари созмони ҷудоихоҳӣ "Созмони озодибахши Потони муттаҳид" (Patani United Liberation Organization - PULO) Абу Иммад ҳузури низомиҳои таиландӣ, барои амалӣ гардидани тарҳҳову лоиҳаҳо наметавонад монеа шавад [Patrick, 2011].

Исломгароёни таиландӣ пинҳонкорона фаъолият мекунанд. Онҳо дар шабакаҳои созмонҳои пинҳонкор муттаҳид гардидаанд, ғайри чашмдошт пайдо мешаванд, ҳамлаҳоро амалӣ мегардонанд ва боз дар ҷангалҳои анбуҳ паноҳ мебаранд. Дар муқоиса бо ҷангҷӯёни ДИИШ ҷангҷӯёни таиландӣ асроромез будани худро авлотар мешуморанд ва барои ба худ ҷалб накардани диққати ҷомеаи ҷаҳон «кодекси хомӯшӣ» - ро риоя мекунанд. Мувофиқи тактикаи онҳо ҷангҷӯи исломӣ ҳеҷгоҳ набояд дар ҳузури одамон кор пеш барад.

Имрӯзҳо вазъият тағйир ёфтаистодааст, радикалҳои исломӣ дар ҷануби Таиланд кушоду равшан дар шабакаҳои иҷтимоӣ бо даъватҳои экстремистӣ, ба таври оммавӣ аз мусулмонон исрор менамояд, ки бар зидди золимон ба ҷанг дароянд ва барои асоснок намудани даъвати худ ҳодисаҳои дар Таиланд ба амал омадаро бо ҷаҳони боқимондаи мусулмонон муқоиса мекунанд. Онҳо таиландиҳоро ҳамчун мустамликадорон қабул доранд ва аз ҷониби онҳо дар ҳудудҳои мусулмоннишин бо ҷорӣ намудани ҳолати ҳарбӣ, назорати пурзӯрро ба роҳ мондаанд.

Нафрат ба таиландиҳо сабаби асосии ташкили шабакаҳои созмонҳои исломии пинҳонкор гардидааст, ки ном ва пешвои ягонаи худро надоранд. Дар муқоиса бо дигар

созмонҳои экстремистии исломии кишварҳои ОҶШ онҳо ба шабакаҳои байналмиллалии террористии исломӣ ҷалб карда нашудаанд, бо ДИИШ равобит надоранд ва иброз доштаанд, ки ба ӯ (ДИИШ) эҳтиёҷ нест. Ба ин нигоҳ накарда дар муборизаи истиқлолиятхоҳонаи онҳо шаклҳои гуногуни зӯроварӣ истифода бурда мешаванд ва бо ин муборизаи онҳо суст намегардад. Дар мубориза алайҳи золимон дар гузаронидани амалиётҳои кушоди террористӣ асосан ҷавонон иштирок мекунанд. Онҳо аз марг наметарсанд ва мақсади ягона доранд ин мубориза бурдан аст [Patrick, 2014].

Мувофиқи маълумотҳои Департаменти давлатии ИМА экстремистони мусулмони ҷануби Таиланд дар ҳоли имрӯз дар як сол бештар аз ислмогароёни Яман ва ё Сомали амалиётҳои террористӣ ба амал меоранд. Аз январи соли 2006 то апрели соли 2014 аз ҷониби ҷангҷӯёни PULO 17 ҳазор ҳамла амалӣ гардидааст. Аз рӯи баҳодиҳии ташкилоти мустақили Deep South Watch дар як сол (солҳои 2016 – 2017) 280 бомба тарконида шудааст. Муборизаи мусаллаҳонаи мусулмонони экстремист дар даҳ соли охир бештар фаъол гардидааст, ки 6'200 нафарро қурбонии ҷангҳои худ намудаанд, ки ин аз қурбонгардидагони Тангнои Ғаза (Gaza Strip) дар ҳамин давраи нишондодашуда бештар мебошанд. Куштор ҳар рӯз ба қайд гирифта мешавад ва зиёда аз 60% - и он қурбони амалиётҳои террористӣ мебошанд [Jitpiromsri, 2014].

Гурӯҳҳои асосии террористӣ дар ҷануби Таиланд BRN – Coordinate (Barisan Revolusi Nasional Koordinasi) қисми ҳарбии он Runda Kumpulan Kecil, BRN Pejuang Kemendekaan Patani (Ҷанговарони озодихоҳи Потон) Gerakan Mujahidin Islam Patani, Barisan Bersatu Mujahidin Patani ва Patani United Liberation Organization - PULO ба ҳисоб мераванд.

Ба ақидаи директори ташкилоти мустақили Deep South Watch Срисомнод Титпиронс баъд аз Афғонистон Таиланд дуюмин нуқтаи даргири ҷаҳон ба ҳисоб меравад ва вазъият метавонад торафт бадтар гардад [Patrick, 2011].

Таҳдиди ҳақиқии исломигардонии ҷануби Таиланд ба вуҷуд омадааст ва ҷавобгӯи манфиатҳои исломгароёни радикалии Индонезия, Малайзия ва Филиппин мебошад, ки дар ин самт аз Ал-Қоида ва ДИИШ дастгирӣ меёбанд. Аз ин бармеояд, ки ин мушкилӣ мушкилии сирф дохилӣ нест ва ба омили таҳдидкунанда ба амнияти минтақа табдил гардидааст.

Имрӯзҳо мубориза бо исломгароёни радикалӣ дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар якчанд самт бурда шуда истодааст, инчунин бо иштироки созмонҳои байналмиллалии исломӣ. Вазири корҳои дохилии Сингапур Тео Чи Хин дар яке аз баромадҳояш иброз доштааст, ки дар мубориза бар зидди паҳн гардидани ғояҳои экстремистӣ нақши муҳимро ҷамоаҳои исломӣ, созмонҳои динӣ ва олимони диншинос мебозанд.

Созмонҳои бузурги исломии Индонезия - Indonesian Ulema Counsil (MUI), Nahdlatul Ulama ва Majelis Mujahidin Indonesia мусулмонони кишварро манъ кардаанд, ки ба тарафдории ДИИШ мубориза баранд ва дар баробари ин экстремизмро маҳкум кардаанд. Онҳо иброз доштаанд, ки «Давлвти Исломӣ» дар асоси манфиат ва даромадҳои шахсии худ фаъолият мебарад, на ин ки барои бунёди давлати исломӣ. ДИИШ – ро ҳамчун як ҳаракати тундгарои ғайриинсонӣ, дур аз қоидаҳои исломӣ дониста аз аҳли дин даъват ба амал овардаанд, ки бар зидди фишорҳои идеологии он мубориза баранд. Ҳамин гуна ташкилотҳои динии Малайзия низ бар зидди ДИИШ баромад намудаанд. Дар ахбороти National Fatwa Council оварда шудааст, ки иштирок дар задухӯрдҳои низомии ДИИШ ва ба ҷангҷӯёни

он кӯмак кардан барои мусулмонон мамнӯъ ҳисобида мешавад.

Ягонагии идеологии мавқеъи созмонҳои бонуфузи динии кишварҳои ОҶШ дар муносибат оид ба имконияти муборизаи оммавӣ бурдан бар зидди паҳнгардии экстремизми исломӣ дар ОҶШ назари некбинонаро талқин мекунад.

Давлат ба кӯмак ва ҳамкории чунин созмонҳо такя намуда кӯшиш менамояд, ки пояҳои иҷтимоии гаравидан ба ДИИШ-ро дар ҷомеа бартараф намояд. Чи гунае, ки сарвазири Малайзия иброз доштааст: “мо бо ҷамоаҳои исломӣ якҷо кор хоҳем бурд, чунки ДИИШ Исломро ифода намекунад, онро барғалат тафсир месозад ва ба Ислом ҳеҷ гуна манфиате намеоварад” [Indonesian and Malaysian Officials Discuss ..., 2014].

Паҳнгардии таъсири ДИИШ-ро собиқ президенти Индонезия Сусило Бамбанг Юдойоно дарк намуда фаъолият ва таълимоти ин ҳаракатро дар кишвар манъ намудааст. Баъд аз ин ҳабси шахсони гумонбари бо ин ҳаракат ҳамкорикунандаро гузаронида аст.

Дар Малайзия соли 2014 полис 19 нафарро барои омода кардани таркишҳо дар клуб ва дискоклубҳо ва дар заводи пивобарорӣ аз озодӣ маҳрум кардаанд. Соли 2015 120 нафар барои таваҷҷӯҳ доштан ба ДИИШ ва бо кӯшишҳои ба он пайвастан боздошт гардидаанд. Дар соли 2016 вазири корҳои дохилии Малайзия Зоҳид Ҳамилӣ мардумро огоҳонидааст, ки аъзоёни ДИИШ нақша доранд дар Малайзия бо мақсади амалигардонии амалиётҳои террористӣ одамони бойро рабоянд ва бонкҳоро ба яғмо баранд.

Баъд аз ин ҳодисаҳо президенти Малайзия Наҷиб Тун Разоқ ба муқовимати фаъол бар зидди терроризм гузашта дар назди аҳли ҷомеа нутқи пуртаърифи худро, оид ба

ДИИШ дар Шарқи Наздикро бозпас гирифтааст. Дар Малайзия барои муборизаро бар зидди терроризм асоснок намудан моҳи марти соли 2015 қонуни нав оид ба мубориза бар зидди таҳдидҳои терроризм тасдиқи худро пайдо мекунад.

Конуни нав имконият медиҳад, ки бе ягон рухсатнома шахсони гумонбарро дар амалӣ гардонидани кирдорҳои террористӣ, боздошт намояд. Дар навбати худ идораҳои амниятии Индонезия, аз он ҷумла зерсохтори зиддитерористии Detachment 88 аз набудани чунин қонунҳо дар Малайзия ва Сингапур шикоят мекунанд. Агар дар Малайзия ва Сингапур пайравони ДИИШ ҳангоми ба майдонҳои набард фиристода шуданашон боздошт гарданд дар Индонезия барои ҳукумат иҷозат дода нашудааст, ки чунин шахсонро ба ҷавобгари кашанд. Имрӯзҳо вазифаи асосии сохторҳои миллии зиддитеррористӣ бо мониторинг ҷори кардан аз болои фаъолияти созмонҳои террористӣ маҳдуд мегардад. Ба ақидаи олимон нигоҳ доштани институт ва заминаҳои ҳуқуқии нарм дар мубориза бар зидди терроризм имконияти бар зидди терроризм ва пайравони он мубориза бурданро дар Индонезия маҳдуд мегардонад. Барои президенти Индонезия Ҷоко Видодо, барои заминаҳои ҳуқуқии пурзур бунёд кардан метавонад мушкили пеш ояд, чунки дар парлумони кишвар ҳизбҳои оштинопазири (антагонистӣ) исломӣ ҷой доранд ва мехоҳанд таъсири президентро дар кишвар суст гардонанд. Ба ин нигоҳ накарда дар Индонезия бар зидди паҳнгардии таъсири экстремизми исломӣ чораҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва тарғиботӣ андешида мешаванд. Ба гурӯҳи чораҳои ҳуқуқӣ маҳрум кардан аз шаҳрвандӣ дар ҳолати аз тарафи давлати дигар ҷанг кардан пешбинӣ шудааст. Ба гурӯҳи чораҳои ташкилӣ пурзӯр кардани раводиддиҳӣ, назорат бурдан аз болои зиндонҳо ва масҷидҳо, дар ҷойҳое, ки ҷангҷӯёни

ояндаи ДИИШ интихоб карда мешаванд дохил карда мешаванд. Ба гурӯҳи чораҳои тарғиботӣ истифода бурдани ВАО ва сомонаҳои иҷтимоии интернетӣ, ки зиёда аз 80% пайравони ДИИШ тариқи чунин каналҳо ҷалб карда мешаванд, дохил карда мешаванд. Инчунин дар байни аҳолӣ, корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида мешавад ва дар рафти он фаҳмонида мешавад, ки таълимоти «Давлати Исломӣ» таълимоти бадхоҳона ва мухолифи арзишҳои ҷомеаи индонезӣ мебошад.

Таҳдиди паҳнгардии ДИИШ дар Индонезия на танҳо бо қурбониҳои инсонии амалиётҳои террористӣ, инчунин бо кӯшишҳои бунёди хилофат муайян карда мешавад. Хатари бузург дар эҳтимоли илҳоди ҷомеаи мусулмонон, паҳгардии тафриқаи динӣ, номустаҳкам кардани пояҳои идеологияи Панчасилӣ, ки ягонаги ва устувории Индонезияро таъмин мекунад дида мешавад. Чи гунае, ки президенти собиқи Индонезия қайд намудааст: “Индонезия давлати исломӣ нест. Мо ҳамаи динҳои ҷаҳонро эътироф мекунем. Фаъолияти “Давлати исломӣ” на танҳо номувофиқ, балки нанговар аст барои Ислом. Фалсафаи ДИИШ муқобили арзишҳои бунёдии (фундаменталии) ҷомеаи индонезӣ аст” [Indonesia President Says ..., 2014]. Чунин мавқеъро баргузидаҳои идории Малайзия низ дар муносибат бо таъсири ДИИШ ишғол намудаанд. Радикализм ва зӯроварӣ, ки шеваи ин ҳаракат аст барои амалӣ намудани барномаи қабулнамудаи президенти кишвар Наҷиб Тун Разоқ «Малайзия дар ягонагӣ» хатар эҷод мекунад [Hamid, 2013]. Ба ақидаи президенти кишвар Наҷиб Тун Разоқ “ҳамаи шаҳрвандон новобаста аз нажод, дин ва назари сиёсиашон бояд идеологияи экстремистиро маҳкум кунанд ва боварӣ дошта бошанд, ки боэътидолӣ (мадороталабӣ) гарави таъмини сулҳ ва хушоҳангӣ дар кишвар мебошад” [White Paper to Combat Islamic State ..., 2018].

Дар Филиппин дурнамои муваффаққиятҳои мубориза бо радикализми исломӣ ва ҳаракатҳои ҷиҳодӣ, дар дидибаромадани муноқишаи байни ҳукумат ва "Фронти озодихоҳи исломии Моро" (Moro Islamic Liberation Front) дида шаванд. Дар байни ҳукумати Филиппин ва "Фронти озодихоҳи исломии Моро" соли 2014 созишномаи сулҳ баста шудааст ва ин созишнома имконият медиҳад, ки ҷамъиятҳои маҳаллӣ дар ҷазираи мусулмоннишини Минданао мухторияти худро ташкил диҳанд ва ин метавонад дар ин ҷо пояи иҷтимоии экстремистони давлати исломигарoро суст гардонад.

Ба ақидаи коршиносон дар Минданао сулҳ ҳамон вақт барқарор карда мешавад, ки агар беяроқгардонии умумии роҳзанҳо ва террористон гузаронида шавад. Мо сулҳро мехоҳем иброз медоранд ислмгароён, вале барои сулҳу суббот будан мубориза бояд бурд [Patrick, 2018].

Ҳарчанд, ки муборизаи зидди террористии ҳукуматҳои кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ бомуваффаққият набудаанд, вале тавонистаанд пеши роҳи паҳнгардии таъсири «Давлати Исломӣ»-ро гиранд. Дар ин самт бисёр чизҳо вобаста аст аз мутобиқгардонии ҷидду ҷаҳди кишварҳо дар сатҳи минтақавӣ ва байналхалқӣ. Мустаҳкамгардии мавқеи ДИИШ дар Шарқи Наздик метавонад омили илҳомбахши террористон ва экстремистони исломӣ дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ гардад, ки мақсади асосии онҳо бунёди хилофати исломӣ мебошад. Албатта, ки ин мақсад дар наздикиҳо ва ҳатто дар дурнамои наздик амалинашаванда аст, вале ба ин нигоҳ накарда паҳнгардии таъсир ва таҳдиди ДИИШ дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ бо дар назардошти афзоиши зуроварӣ, хатари бузургро ифода мекунад.

## Боби чорум: ҶАМОАИ ИСЛОМИЯ: ТАШКИЛ ВА ФАЪОЛИЯТИ ОН ДАР ОСИЁИ ҶАНУБУ ШАРҚӢ

Тундгароии динӣ дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ на танҳо он кишварҳоеро, ки аксари аҳолиашон мусулмонанд, балки кишварҳоеро, ки аксари аҳолиашон мусулмон нестанд (ба монанди Филиппин, ки аксари аҳолиаш католик ва Таиланд, ки аксари аҳолиаш буддоӣ ҳастанд) таҳдид мекунад. Ба ғайр аз ин дар Филиппин ва Таиланд экстремистҳои исломӣ дар бисёр маконҳои зисти мусулмонон бо ҳукуматҳои маҳаллӣ ҷангҳои бисёрсолаи худро қатъ накарда, аз онҳо талаб доранд, ки ба чунин ноҳияҳо мухторият диҳанд, то ки дар ин маконҳо мусулмонон мувофиқи меъёр ва аҳкоми шаръ зиндагӣ кунанд. Дар Малайзия ва Индонезия вазъ мураккабтар аст, зеро дар он ҷо ба радикалҳои мусулмон ва талаботашон оиди таъсиси давлати исломӣ мусулмонони мадоромеҳвар, ки ҷонибдори давлати дунявианд, муқобил меистанд. Алҳол мусулмонони боэътидол вазъиятро зери назорат доранд, вале ҳамеша дар зери фишори радикалҳо қарор дошта, тундгароён аз ҳар фурсати барояшон муносиб истифода бурда, нақшаҳои худро амалӣ мекунанд.

Имрӯз ин воқеиятро эътироф накардан мумкин нест, ки дар минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ифротгароии исломӣ амалан фаъол гардидааст. Ин воқеият омилҳои худро дорад. Дар навбати аввал, сабабгори ин ҳолат сиёсати таҷовузкорона ва воқеан зиддиисломии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар Шарқи наздик ва Ховари миёна аст, ки боиси эътирозу норозигии мусулмонони кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ гардидааст. Дар Филиппину Таиланд Ислом ҳамчун унсури муҳими муттаҳидкунанда ва мутамойизи ақалиятҳои миллии маҳаллӣ (муборизаи мусулмонони ҷазираҳои Минданао ва Моро дар ҷануби Филиппин) буда, як шакли асосии мубориза барои ҳуқуқу озодиҳои миллиашон

мебошад. Дар раванди радикализатсия инчунин функсияи муҳими иҷтимоии Ислом мусоидат менамояд, ки баъди аз фазои идеологии ҷаҳон рафтани ғояҳои коммунистӣ таълимоти Исломро мусулмонони ОҶШ ҳамчун доктринаи иҷтимоии адолату баробарӣ қабул мекунанд ва ҷавобгӯи орзуву ормонҳои қишрҳои камбизоату нодори аҳолӣ мебошад. Дар байни дигар омилҳо таблиғи фаъоли тундгароён аз тарафи фондҳои гуногуни динӣ, воситаҳои ахбори омма ва интишори китобу дастурҳои зиёд, ки мунтазам аз ҷониби марказҳои радикалии исломии кишварҳои араб ба мамлакатҳои ОҶШ равона мешаванд, нақши муҳим доранд. Ҳамаи инҳо бозори доираҳои исломи сиёсиро, ки шиорҳои Исломро ҳамчун воситаи муборизаи сиёсӣ истифода мебаранд, гарм нигоҳ медорад.

Аммо дар фаъолшавии исломи радикалӣ дар ОҶШ омили дигарро низ махсус қайд кардан бамаврид аст, ки гоҳо нодида гирифта мешавад: исломиҳои радикалӣ на ҳамчун ҷараёнҳои сиёсии маҳдуди маҳаллӣ, балки ҳамчун фронти исломии ҷаҳонӣ баромад мекунанд. Аз ин ҷиҳат ташкилотҳои исломии ОҶШ сохтори муназзам дошта, аз хориҷ ёрии молии фаровон дастрас менамоянд. Ташкилотҳои радикалии исломӣ дар муборизаи хеш на танҳо аз терроризм истифода мебаранд, балки сохторҳои ба доираи қонун даровардашуда (легалӣ) низ доранд, ки натанҳо таблиғот дар намозҳои панҷгона, инчунин аз болои таълимоти фанҳои динӣ, фаъолияти пешвоёни сиёсӣ, ки ҷонибдори давлати исломии шариатбунёд дар ОҶШ мебошанд, назорат мебаранд.

Ҷараёни радикалии исломӣ дар таркиби хеш гурӯҳҳои зиёди фаъолияташон ба доираи қонун даровардашуда ва ғайри онро дар кишварҳои ОҶШ муттаҳид мекунад. Ташкилоти “Ҷамоаи исломия” фаррохтарин ва сераъзотарин ташкилоти радикалии исломӣ дар ОҶШ мебошад ва аз ҷиҳати моҳияту ном ба монанди “Ал-ҷамоат-

ал-исломия”-и Миср аст. Ба андешаи мутахассисон, он дар кишварҳои ОҶШ ҳамчун як шуъбаи ташкилоти террористии “Ал-Қоида” фаъолият менамояд. “Ҷамоаи исломия” ба гунаи “Ал-Қоида” дар ҷаҳон бо амалҳои бераҳмона ва ғайриинсонии хеш машҳур аст: таркишҳо, куштору одамрабоиҳо бо ном ва дар зери парчами мубориза барои ғалабаи “Ислом” дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ сурат мегирад. Хуни ҳазорон куштагони бегуноҳи миллату мазҳабҳои гуногун ба гардани ҷанговарони “Ҷамоаи исломия” рост меояд. Мақсади террорҳои онҳо аз он иборат аст, ки Исломро як ҷузъи сохтори сиёсии бисёре аз кишварҳои ОҶШ намоянд ва тарзи зиндагии онҳо бояд мувофиқи Исломи “ҳақиқӣ” ба роҳ монда шавад. Ин мақсад дар барномаи “Ҷамоаи исломия” барои кишварҳои ОҶШ аз рӯзҳои аввали таъсиси ин ташкилот муқаррар шуда буд. Дар он нишон дода мешавад, ки Индонезия бояд давлати исломӣ гардида тадриҷан ба “хилофати нави осиёӣ” табдил ёбад ва ҳудудҳои Индонезия, Малайзия, Бруней, Сингопур, қисматҳои ҷанубии Филиппин, Таиланд ва Мянмаро дар бар гирад [Asia Pasific Report, 2002, №.48].

Бунёнгузор ва пешвоёни собиқадори “Ҷамоаи исломия” ду имом: Абдулло Сунҳор ва Абубакри Башир ба ҳисоб мерафтанд. Онҳо фаъолияти хешро аз соли 1969 ба таври хеле оддӣ сар кардаанд – радиостансияи пинҳонии онҳо асосҳои Исломро барои қишри бенавои индонезӣ таблиғу тафсир менамуд. Баъдан онҳо мактаб-интернате кушоданд, ки бачагонро аз оилаҳои серфарзанди камбағал гирифта, тарбия ва таълим медоданд. Аллакай дар ҳамон замон террористи рақами як дар ОҶШ Абубакр Башир шиори мактаби навро муайян намуда буд: “Марг дар роҳи Худо мақсади олии мо” [Сафин, 2008, №1. С. 65]. Наврасони индонезӣ, ки аз муаллимон-экстремистҳо донишҳои муайяни диниро гирифта буданд, ҷабҳаи аввалини гурӯҳҳои радикалии исломиро ташкил медоданд ва бар зидди ҳокими

ҳамонвақтаи кишвар, генерал Суҳарто, ки намояндагони мазҳабии аз режими давлат норозиро ба таъқибу шиканҷа гирифтор менамуд, мубориза мебурданд.

Ин марҳаларо дар таърихи "Ҷамоаи исломия" марҳалаи ташаккули фазои идеологӣ номидан мумкин аст, ки шогирдони Абдулло Сунҳор ва Абубакр Башир бар зидди режими ҳукмрон ва ғарбгароии ҷомеаи индонезӣ мубориза бурда, намунаи рафтори динии "сазовор"-ро ба мардум нишон медоданд. Онҳо худ қатъиян мувофиқи шариат зиста, дигаронро ба ин роҳ даъват мекарданд. Мақсаду ормонҳои муқаддасашонро эълон карда буданд - зиндагии хешро сарфи хидмати "Исломи ноб" намудан.

Аммо марҳалаи "идеологӣ" дер давом накард. Зарурати ба даст овардани ёрии моддӣ бо мақсади густаришу рушди фаъолияти минбаъда аъзоёни боғайрати "Ҷамоаи исломия"-ро аз тоату ибодат ба роҳзанию ғоратгарӣ водор намуд. Бо тарафдорони дар он замон камшуморашон онҳо ба сӯзондани калисоҳо, клубҳои шабона ва ҳатто кинотеатрҳо, ки дар назарашон манбаи фасоди ҷомеаи онвақта маҳсуб меёфтанд, оғоз намуданд.

Аз охири солҳои 1970 гурӯҳҳои радикалии исломӣ, ки пинҳонӣ амалиёт мебурданд, тадриҷан дар бунёди умумии сохтмони давлати исломӣ ва хилофати Осиёи Ҷанубу Шарқӣ муттаҳид шуда, дар шаклҳои мухталиф дар атрофи "Ҷамоаи исломия" гирд омаданд. Аввалин задухӯрди хунини қувваҳои афзояндаи ҳаракати исломиҳои тундгаро ҳодисаҳои фоҷиабори соли 1984 дар бандари Танжун Приок-и Ҷакарта ба вуқуъ пайваст. Дар он ҷо дар байни ҳаводорони исломи тундгаро ва қувваҳои мусаллаҳи зиёди ҳукуматӣ задухӯрди хунин ба амал омад. Дар натиҷа пешвоёни тундгаро Абдулло Сунҳор ва Абубакр Башир аз хавфи зиндонӣ гардидан ба Малайзия фирор намуданд. Дар Малайзия низ ба ҷалби ҷавонон (ба монанди Индонезия ҷавонон аз оилаҳои бенаво) оғоз карда, саъй менамуданд, ки

ҳаракати худро аз ҳисоби ташкил намудани гурӯҳҳои мусаллаҳ пурқувват намоянд. Баъдан онҳо марҳала ба марҳала ба Афғонистон сарбоз фиристода, дар он ҷо дар лагерҳои махсус таълими ҳарбӣ гирифта, заминаи ташкилоти низомӣ-ҷангиро дар чорчӯбаи "Ҷамоаи исломия" бунёдгузорӣ намуданд. Зимнан, маълум аст, ки ҷамъоварӣ ва маблағгузории сарбозон ва ба Афғонистон фиристодани онҳо аз ҷониби "Лигаи ҷаҳонии ислом"- и Арабистони Саудӣ, ки бо номи "Робита" маъруф аст, маблағгузорӣ карда мешуд. Ҳамаи сарбозони истихдомшуда дар Пешовари Покистон тавассути "маркази хизматрасонӣ" ба Афғонистон фиристода мешуданд. Ин марказро Абдуллоҳ Аъзам, ки дар замонаш ӯро Усома бин Лодан назарияпардози "Ал-Қоида" таъин карда буд, роҳбарӣ менамуд [Сафин, 2008, №1. С. 65].

Сохтори "Ҷамоаи исломия" бо чунин тарз ташкил шуда аст: шахси олимақоми он амир ба ҳисоб мерафт, ки ин мақомро то замони вафоташ Абдулло Сунҳор ба ӯҳда дошт. Дигар бунёдгузори "Ҷамоаи исломия" Абубакр Башир, аз рӯи баъзе сарчашмаҳо аз соли 1999 то соли 2002, яъне то зиндонӣ шуданаш вазифаи амириро иҷро намудааст. Баъди ӯ амир Абу Зуҷаноҳ таъин мегардад ва ба ном ин мақомро иҷро менамуд [Australian, 17.03.2004]. Аммо, яқинан, ин нуктаи назар дуруст нест, чунки маҳз роҳбарони чор шӯрои зери назорати амирро танҳо худи Абубакр Башир таъин менамуд: Шӯрои роҳбарӣ, Шӯрои корҳои дин, Шӯрои олии илоҳиёт ва Шӯрои интихоботӣ. Дар навбати худ, тамоми минтақаи ОҶШ вобаста ба таъиноти вазифавиашон ба чор маъмурият (округ) тақсим мешуд. Қисмати аввал, Сингапур ва Малайзия буданд, ки воситаҳои молии фаъолияти "Ҷамоаи исломия"-ро таъмин мекарданд. Округи дуюм, қисмати зиёди Индонезияро дар бар гирифта, фазое барои пеш бурдани ҷиҳод муайян гардида буд. Округи сеюм, ҷазираҳои Минданао, Сабох ва Сулавеси барои истихдом ва

тайёр намудани муҷоҳидон муайян шуда буд. Округи чорум, қаламрави Австралия ва Папуа таъиноти амалиётҳои молию тиҷоратӣ доштанд [Сафин, 2008, №1. С. 66].

Муттаҳидшавии гурӯҳҳои парокандаи исломӣ дар ибтидои солҳои 1980 дар ташкилоти "Ҷамоаи исломия", роҳбарӣ ва назорати ягона ба гурӯҳҳои тундгарои исломиро дар ОҶШ неру бахшид ва имкониятҳои навро фароҳам овард. Ин, албатта дар замони андак ба вуқуъ наомадааст, чунки ҳодисаҳои Афғонистон солҳои зиёд диққат ва неруи исломиҳои Осиёи Ҷанубу Шарқиро ба худ ҷалб карда буд. Танҳо замоне ки "собиқадорони Афғонистон" ба ватан баргаштанд, қувваи худро барои мубориза ҳо дар ОҶШ сафарбар карда тавонистанд. Ба саҳнаи сиёсӣ баромадани "Ҷамоаи исломия"-и нав дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ бо ташкили таркиши мудҳише дар ҷазираи Бали дар соли 2002 "муаррифӣ" карда шуд. Баъди ин дар августи соли 2003 таркиши нав дар меҳмонхонаи "Мариот" дар Ҷакарта садо дод, ки шумораи зиёди қурбониҳоро ба бор овард. Илова бар ин дар соли 2003 "Ҷамоаи исломия" қариб ки ташкилоти террористии рақами яки сайёра эътироф мешуд. Ҳамон вақт тавассути қувваҳои таъиноти махсуси Таиланд ва ИМА ҳангоми гузаронидани саммити АТЭС дар Бангкок кӯшиши ҷанговарони ин ташкилот барои таркондани бомбаи химиявӣ ошкор карда шуд. Мувофиқи изҳороти сарвазири ҳамонвақтаи Таиланд Таксин Чиннават ҳадафи ҳуҷуми террористон дар рӯзҳои вохӯрии байналмилалӣ таркондани сафоратхонаҳои ИМА, Британияи Кабир, Исроил, Австралия, Сингапур ва мақсади асосии террористон куштани президенти ҳамонвақтаи ИМА Ҷорҷ Буш ба ҳисоб мерафт. Ба сифати ашёи хом гӯё радиоактив сезий-137 аз Руссия ба ОҶШ овардаро метаркониданд [Независимая газета, 16.06.2003].

Баъди ифшои нақшаҳои саркардаҳои "Ҷамоаи исломия" - куштани пешвоёни ҷаҳон, аз ҷумла президенти Амрико, дар

тамоми кишварҳое, ки мавҷудияти ташкилотҳои пинҳонии он тахмин карда мешуд, шикори ҳақиқии аъзоёни "Ҷамоаи исломия" оғоз ёфт. Яке аз пешвоёни ин ташкилот дар ибтидои соли 2005 дар Филиппин бо гумони даст доштан дар силсилаамалҳои террористӣ дар Манила ва тайёр кардани амалиётҳои нав дастгир шуд. Пас аз бозпурсии хадамоти ҷосусии Филиппин маълум шуд, ки дар ҷануби кишвар 30 нафар аъзоёни "Ҷамоаи исломия" амалиётҳои инфиҷориро анҷом медиҳанд. Илова бар ин, муайян намуданд, ки ҳамаи онҳо бо ташкилотҳои исломии зиддидавлатӣ, пеш аз ҳама бо гурӯҳи "Абусайёф" ҳамкории зич доранд. Муқаррар шуд, ки "Ҷамоаи исломия" дар тамоми инфиҷорҳои калони солҳои охири Филиппин бевосита даст доштааст [Пульс планеты, 22.03.2005].

Усулҳои корбарии террористони "Ҷамоаи исломия" комилан мисли ҳамсафони онҳо аз ташкилоти террористии "Ал-Қоида" мебошад, ки барои ҷалби ҷанговарони интиҳорӣ маблағҳои махсус ҷудо мекарданд. Чунин тарзи мубориза барои кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ то замонҳои охир хос набуд. Дар ин тарзи мубориза танҳо "Ҷамоаи исломия" пешгом буд, чунки он дар татбиқи нақшаҳои худ усулҳои самаранокро истифода менамуданд. Эътироф намудан лозим аст, ки ҳукумати кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, мисли ҷомеаи ҷаҳонӣ то ҳол роҳу усулҳои босамари мубориза бо ин шакли терроризмро наёфтаанд. Ташкилотҳои террористӣ ба сифати муборизаи асосӣ, ки боиси афзоиши бесарусомонӣ ва сардаргумӣ дар ҷаҳон ва пеш аз ҳама дар минтақаҳои калидии он мегардад ва кишварҳои зиёдеро таҳдид мекунад ва ҷаҳонро ба ин ё он андоза ба самти бесуботӣ мебарад аз худкушҳо ва куштори оммавӣ истифода мебаранд.

Ҳангоми тавсифи сохтори дохилии "Ҷамоаи исломия" гуфтан мумкин аст, ки он пеш аз ҳама ташкилоти террористии низомиест, ки сохтори силсилавии мураккабро

доро мебошад ва аз бригада то взвод тобеи роҳбари ташкилот буда, дар шароити сахт пинҳонӣ амалиёт мебарад. Зимнан, бозпурсии дастгиршудагон аз ҷониби кормандони ҳифзи тартиботи дохилии кишварҳои ОҶШ нишон медиҳад, ки аъзоёни фармондеҳии марказӣ ва қумондонҳои қисмҳо нисбати роҳбари ташкилот салоҳияту ҳуқуқҳои бештар доранд. Дар мавриди қабули қарорҳои бурдани амалиётҳои тактикӣ ва стратегӣ қумондонҳои тамоми сатҳҳо ба дараҷабандии расмӣ маҳдуд нашуда, аз рӯи шароит метавонанд худашон қарори дахлдор қабул кунанд ё амалиётро бе алоқа бо роҳбарияти марказ мустақилона гузаронанд.

Қисми зарбазанандаи ташкилоти террористии "Ҷамоаи исломия" отряди махсуси "Лашкари Кос" мебошад. Дар бораи мавҷудияти он танҳо августи соли 2003 дар инфиҷори меҳмонхонаи "Мариот"- и Ҷакарта, ҳангоме ки ҷанговари инфиҷорӣ худро тарконд, маълумот пайдо карданд. Ин ҷузъи ташкилот бениҳоят махфӣ аст. Аз рӯи маълумотҳои пароканда ба ҳайати он дигар намуди ҷанговарони маргталаб низ дохил мешаванд. Истихдоми чунин ҷанговарон ба салоҳияти қумондонҳои махсуси санҷида, ки дар Афғонистон омӯзиш дидаанд, гузошта мешавад. Навдаъватшудагон асосан аз ноҳияҳои мавриди низоъу мунокишаҳо қарор додашуда гирифта мешаванд, чунки ҷангҳои доимӣ ба тарзи ҳаёт ва назароти онҳо таъсири сахт гузоштааст. Бисёрии онҳо аз хешу ақрабо ва наздикони худ дар натиҷаи амалиётҳои ҷангӣ ё бархӯрдҳои мазҳабӣ маҳрум шудаанд ва барои интиқом ситондан аз душман омодаанд. Пеш аз амалиётҳои террористӣ онҳоро ба мактабҳои махсус мефиристанд ва дар давоми ду моҳ онҳо таълим мегиранд. Зимнан, на ҳар як номзади интихобшуда ба имтиҳони сахт мувоҷеҳ мешавад. Дар нақши террористи худкуш ё ҷавонони мутаассиб, ё ба синни балоғатрасидагони ташнаи интиқом ва тарбиягирифта баргузида мешаванд, ки барои такмили

далоили хеш ба тайёрии кам эҳтиёҷ доранд. Ба воситаи таълимоти равонии махсус, аз ҷумла воситаҳои наркотикӣ ва психотропӣ дар ин одамон ҳисси интиқому нафрат ба бераҳмиҳои содир намудаи душманон зиёд карда мешавад. Ба онҳо талқин карда мешавад, ки дар пуштибонии душманон "кофирон" пинҳон шуда, орзуи нест кардани мусулмононро доранд ё режими мавҷуда аз ҷониби кофирон идора мешавад. Дар чунин шароите, ки бар зидди Ислом дар миқёси ҷаҳон ҷанги тоталӣ бурда мешавад, тамоми кор мувофиқи ақидаи ин устодон раво аст. Ин таблиғоти оддӣ дар шароитҳои воқеии мубориза пинҳонӣ натиҷаҳои дилхоҳ медиҳад. Ҳамон тавре ки бозпурсии ҷанговарони "Ҷамоаи исломия" нишон медиҳанд, аксари онҳо худро муборизони зидди шарру бадӣ ҳисобида, ба Ғарб имкон доданӣ нестанд, ки уммати мусулмонро кушта, кишварҳои мусулмоннишинро ба мустамликаҳои нав табдил диҳанд. Дар ҷодаи ҷанги террористӣ бо амри дил иқдом намуда, аксари онҳо иброз медоранд, ки дар ин ҷиҳоди муқаддас дар орзуи шаҳодатанд [IIAS Newsletter, Leiden. July, 2003].

Эътирофи ин нукта ҷоиз аст, ки стереотипи таркиби иҷтимоии гурӯҳҳои террористии анъанавӣ, ки гӯё аъзоёни он аз табақаи нодору бенаво бошанд, қобили қабул нест. Он гунае ки ҳуҷҷатҳои политсияи Индонезия шаҳодат медиҳанд, намояндагони табақаҳои поёнӣ дар ташкилотҳои террористӣ зиёданд. Аммо иттиҳоди исломиҳои радикал ихтилотеро дар бар мегирад, ки дар он одамони қишрҳои гуногуни иҷтимоӣ дар зери идеологияи ягона бо ҳам муттаҳид шудаанд. Одамони таълимоти хоса дошта маъмулан ашхосеанд, ки мутаассибии мазҳабии онҳо то ба ҳадди азхудгузаштагии комил расидааст. Дар ин хусус, қисман таҳлилҳои мақоми иҷтимоии террористони худкуш, ки зери парчами "Ал-Қоида" табоҳкорӣ кардаанд, шаҳодат медиҳанд. Дар бисёр маврид ин ашхос одамони соҳиби

маълумоти олӣ, донандаи забонҳои хориҷӣ ва бо фарҳанги ғарб ошно мебошанд.

Таъкид кардани ин нуқта ҷоиз аст, ки роҳбарияти "Ҷамоаи исломия", мувофиқи ҳуҷҷатҳои мавҷудаи политсия, асосан аз соҳибмаълумотҳои табақаи миёнаи аҳолианд, ки дар байни табақаҳои аҳолии камбағал дар интихобот дастгирии лозима наёфтаанд. Рушди авзои сиёсӣ дар Индонезия гувоҳи он аст, ки радикалҳои исломӣ имконияти ҷиддии муваффақияти электоралӣ надоранд. Чи хеле ки қайд карда будем, онҳо заминаи иҷтимоӣ низ надоранд. Дар ин росто шарқшиноси рус Г.И. Чуфрин чунин мегӯяд: "Талаботи бунёди давлати исломӣ, ки аз доираҳои мусулмонони муътақид маншаъ мегирад, аз ҷониби аҳолӣ пуштибонии кофӣ намеёбад ва ҳизбҳои исломӣ, ки ҳамеша дорои неруи бузурганд, то ҳол имкон наёфтаанд, ки тамоюли ҷамъият ва рафти ҳодисаҳоро дар Индонезия ба манфиати хеш равона намоянд [Юго-Восточная Азия..., 1995. С. 35].

Фаъолии экстремистҳоро сатҳи пасти пуштибонии иҷтимоӣ поин намебарад, чунки онҳо нисбат ба душманонашон устуворӣ ва иттиҳоди мустаҳкамтар доранд. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки ба мусулмонони оддӣ ва ташкилотҳои миллӣ ва исломии мустақил, ки тамоюли радикалӣ доранд, таъсиру нуфуз дошта бошанд. Намояндагони ин ташкилотҳо аксаран дар лагерҳои "Ҷамоаи исломия" таълим гирифтаанд. Фаъолияти якҷоя на танҳо дар ягонагии идеологӣ ва шароитҳои ягонаи тайёр намудани ҷанговарон, инчунин дар асоси робитаи хешу таборӣ низ асос ёфтааст. Маҳз аз ҳамин сабаб гурӯҳҳои исломӣ системаи мураккаберо мемонанд, ки бо муносибатҳои хешу таборӣ, аъзоёни оила ҷалб гардида, онҳоро шабеҳи як қбилаи бузург кардааст [International Crisis Group, №63, 26.08.2003].

Мувофиқи гуфтаҳои мутахассисон доир ба ташкилотҳои террористии ОҶШ, ҳангоми баҳо додан ба фаъолияти "Ҷамоаи исломия" ба нақши занҳо дар ташкилотҳои террористии ОҶШ баҳои сазовор дода намешавад, ҳол он ки занҳо дар конгломерати ин ташкилотҳо нақши пайвасткунандаро мебозанд. Дар бисёр ҳолатҳо роҳбарони қисмҳои болоии "Ҷамоаи исломия" робитаро тавассути муносибатҳои хешовандӣ ба роҳ монда, дар ин кор хоҳарон ва дигар ақрабони хешро истифода мебаранд.

Ба ғайр аз хешу ақрабони худ пешвоёни "Ҷамоаи исломия" ба амалиётҳои террористӣ ғоратгарону ҷинояткорони ашаддиро низ ба кор мегиранд. Махсусан ин кор дар ҷазираҳои Молук дар Амбон ва дар Сулавеси, ки дар он ҷо ихтилофоти мазҳабӣ ва этникӣ шиддатнок буда, дар шароити ҷанги шаҳрвандии дарозмуддат одамоне ёфт мешаванд, ки худро ба бераҳмӣ, ғоратгарӣ ва қатли одамон доғдору табоҳ кардаанд. Аз ҷониби ҳукуматдорон онҳоро зиндону ҷазои сахт таҳдид мекунад ва дар чунин вазъият онҳо ба чизи дигаре умедвор нестанд. Истифодаи унсурҳои ҷинояткориро ҷангҷӯёни "Ҷамоаи исломия", бешубҳа аз "Ал-Қоида" омӯхтаанд, ки ин ташкилот аз ин унсурҳо дар мубориазааш бар зидди артиши Амрико ва ҳукумати дастнишондааш дар Ироқ ва дигар кишварҳо истифода бурдаанд.

Дар баробари унсурҳои ҷиноӣ "Ҷомоаи исломия" дар мубориазаи хеш гурӯҳҳои низомии исломии тундгароро ба амалиёт сафарбар менамоянд ва инҳо гурӯҳҳоеро мемонанд, ки дар онҳо аз хусусиятҳои бандаҳои ҷиноӣ ва шӯришгарон сифатҳое дида мешавад ва онҳо фаъолияти сиёсиро бо duздию ғоратгарӣ ва таҳдиднамоӣ омезишш медиҳанд. Қувваҳои мусаллаҳи Индонезия дар замонаш гурӯҳҳои террористии исломиро таълим ва маблағ дода, дар баъзе амалиётҳои нимҳарбӣ истифода менамуданд. Масалан, гурӯҳи ҳарбии "Сарбозони муҷоҳид" сарбозонашро аз

мардони бекори шаҳрҳо ҷамъоварӣ карда, ба оилаҳояшон ҳангоми хизмат моҳона дода мешуд. Ин бандаҳо ҳангоми куштори оммавии коммунистҳо дар солҳои 1965-1966 ва ба муқобили озодихоҳони Тимори Шимолӣ дар солҳои 1990-ум истифода бурда шудаанд.

Фаъолияти "Ҷамоаи исломия" аз қаламрави Индонезия берун ҳам меравад. Соли 1995 Абдулло Сунҳор урдугоҳи тайёр намудани ҷанговаронро аз Афғонистон ба ҷануби Филиппин, ба ноҳияҳое, ки таҳти назорати ҷанговарони Фронти озодихоҳи исломии Моро (Moro Islamic Liberation Front) буданд наздик ба минтақаи амалиёт меоварад. Зоҳиран, онҳоро орзуи бунёди хилофат ба ин иқдом водор намуда буд. Ғайр аз ин, дар Индонезия пойгоҳҳояшон ҳамеша дар зери хавфи нобуд шудан буданд. Дар соли 1995 ҳукумати душмани ашаддии мусулмонони ифротӣ генерал Суҳарто, ки ҳамеша бо онҳо дар мубориза буд поён пазируфт.

Баъди суқути ин режим урдугоҳи нави "Ҷамоаи исломия" дар заминаи пойгоҳи амалкунанда дар ҷануби Филиппин (дар ҷазираи Минданао) ба пойгоҳи Фронти озодихоҳи исломии Моро кӯчонида шуд. Ҳамкории ҷанговарони филиппинӣ ва индонезӣ ба туфайли ба "Ҷамоаи исломия" пайвастани роҳбари мусулмонони ҷудоихоҳи Моро - Саломат Қосим ба вуқуъ пайваст ва Фронти озодихоҳи исломии Моро амалан як шуъбаи "Ҷамоаи исломия" гардид. Мувофиқи маълумоти политсияи Филиппин, чи хеле ки дар боло зикр карда будем, дар солҳои охир беш аз 30 нафар аъзоёни "Ҷамоаи исломия" дар Филиппин ҳамеша ба корҳои инфиҷорӣ машғул буданд ва онҳо дар ин ҷо бо қувваҳои зиддиҳукуматӣ, пеш аз ҳама бо гурӯҳи террористии "Абусайёф", ки барои ҷудоии ноҳияҳои ҷанубии Минданао аз Филиппин мубориза мебурд, алоқаи зич барқарор менамоянд. Назарияпардозони "Ҷамоаи исломия" дар байни шӯришгарон оиди ҳамроҳ намудани ҷануби Филиппин ба

“хилофати исломии нав” корҳои ташкилӣ ва таблиғотӣ мебаранд. Маълумотҳое ба даст омадаанд, ки дар бисёр амалиётҳои террористии солҳои охир дар Филиппин “Ҷамоаи исломия” ширкат намудааст [Пульс планеты, 27.04.2006.].

Масъалаи иртиботи “Ҷамоаи исломия” бо “Ал-Қоида” яке аз масъалаҳои мубрами рӯз аст. Солҳои зиёд дар байни муҳаққиқон ақидае роиҷ буд, ки “Ҷамоаи исломия” шуъбаи “Ал-Қоида” ё як қисмати он буда, аз ҷониби Бин Лодан роҳбарӣ мешавад. Рушди ҳодисаҳо дар солҳои охир аз дигар шакли иттиҳоди онҳо гувоҳӣ медиҳанд. “Ҷамоаи исломия” бо “Ал-Қоида” бисёр хусусиятҳои муштарак дорад, ки онҳоро бо ҳам наздик кардааст, аз ҷумла идеологияи “ҷиҳод” ва ҳамкории дурударози роҳбарияти онҳо дар Афғонистон. Роҳбарони “Ҷамоаи исломия” бо Бин Лодан эҳтироми хоса дошта, тамоми аҳкомоташро риоя менамоянд. Масалан, онҳо изҳор доштаанд, ки пурра ҷонибдори фатвои соли 1998 дар бораи ҷиҳоди саросарии ҷаҳонӣ ба муқобили кофирон мебошанд. Барои ин ва дигар корҳояшон онҳо ҳамеша аз ҷониби “Ал-Қоида” дастгирии бевоситаи молӣ мeёбанд [International Crisis Group, №127, 24.01.2007]. Намунаи ҳамкории ин ду ташкилот изҳороти Абубакр Башир аст: “Ман мутааллиқ ба “Ал-Қоида” нестам, лекин ба муборизаи Усома бин Лодан эҳтироми беандоза дорам, чунки ӯ шарафу номуси мусулмонони тамоми ҷаҳонро боло мебарад” [The Straits Times, 24.01.2002].

Ин чиз ҷолиби диққат аст, ки фаъолиятҳои террористӣ дар ОҶШ ва роҳбарони он дар зери нуфузи Ал-Қоида ва “Маҷлиси шӯро”-и он мебошанд. “Маҷлиси шӯро” манбаъ ва сарчашмаи асосии воситаҳои пулию молӣ мебошад. Дар бораи қудрату нуфузи “Ал-Қоида” дар ОҶШ ҳамин гувоҳ басанда аст, ки бо даъвати он якчанд гурӯҳҳои террористӣ манфиатҳои маҳдуди миллию мазҳабияшонро як сӯ гузошта, дар иттиҳоди “Anti-American Terrorist Soldiers” муттаҳид

шудаанд, то ки ба муқобили ИМА дар Афғонистон мубориза баранд. Маҳз робитаю муносибати террористони ОҶШ бо “Ал- Қоида” ба онҳо имкон медиҳад, ки худро як ҷузъи ҷабҳае эҳсос кунанд, ки “муборизаи таърихӣ” мебаранд ва мақсаду дурнамояшон дар оянда густариши сарҳадҳои нуфузи Ислом дар ҷаҳон мебошад. Дар навбати худ, “Ал-Қоида” гурӯҳҳои Абусайёф, Фронти исломии озодибахши Моро дар Филиппин ва шуъбаҳои “Ҷамоаи исломия”-ро дар Индонезия ва дигар кишварҳои ОҶШ бо яроқу аслиҳа таъмин менамояд [Inside al Qaede, 2002. P. 48].

Роҷеъ ба он ки тундгароёни исломии минтақа дар фаъолияти хеш беш аз пеш бо шабакаҳои террористии байналхалқӣ алоқаманд мешаванд ва дар муборизаҳояшон усулҳои такмилёфтаро истифода мебаранд, бархӯрдашон дар ОҶШ ба ҳодисаҳои Сурия, Ироқ ва Афғонистон гувоҳ буда метавонад. Пешвоёни мусулмонони ростгарои Малайзия дар рӯзи аввали амалиётҳои ҷангӣ мусулмонони тамоми ҷаҳонро ба ҷиҳод алайҳи ИМА ва Британияи Кабир даъват намудаанд, ки бешубҳа дар ин кор нақши созмони террористии Ал-Қоида бузург аст.

Робита бо “Ал-Қоида” фаъолияти гурӯҳҳои “Ҷамоаи исломия”-ро нисбат ба дигар гурӯҳҳо хавфноктар мекунад, зеро амалиётҳои низомиаш ба корпоратсияҳои ҷиноии байналмилалӣ, ки шаклҳои муборизаи мусаллаҳонаро истифода мебаранд, бештар наздикӣ дорад. Ба ин кор инчунин реҷаи рафтуо ба Малайзия мусоидат менамояд, масалан, барои шаҳрвандони кишварҳои исломӣ раводид талаб карда намешавад, дар Филиппин назорати муҳоҷират дар сатҳи паст қарор дорад. Таиланд қонуни аввалини “шустани пулҳои чиркин”-ро танҳо дар соли 1999, Филиппин бошад дар соли 2001, Индонезия бошад дар соли 2004 бо дастгирии Бонки рушди Осиё оғоз намудаанд.

Дар айни замон, имрӯз ақидае ҳам вуҷуд дорад, ки “Ҷамоаи исломия” тобеи “Ал-Қоида” набуда, худ вазифаҳои

стратегии муайян дошта, дар қабули қарорҳо мустақил ва воситаҳои молии хешро дорост. Чи хеле ки рӯзномаи англисии "Таймс" хабар медиҳад, саркардаҳои "Ҷамоаи исломия", мустақилияти хешро таъкид карда, эътироф кардаанд, ки ташкилоташон аввалин амалиётҳояшро 50 сол муқаддам - дар он ҳангом, ки ҷаҳон номи Бин Лоданро нашунида буд, ба амал овардаанд. Онҳо, инчунин эътироф мекунанд, ки "Ал-Қоида" корҳои онҳоро дар созмони гурӯҳҳои террористӣ нусхабардорӣ карда, таҷрибаи собиқадорони "Ҷамоаи исломия"- ро, ки дар муборизаи зидди таҷовузи шӯравӣ дар Афғонистон истифода мебурд истифода намудаанд [The Times, 03.10.2005].

Зарурате ба миён меояд, ки ба мавҷудият ва муборизаи "Ҷамоаи исломия" нигоҳи дигар дошта бошем. Ҳақиқатан, ин ташкилот дар "рӯйхати сиёҳи" расмии СММ ҳамчун "созмони террористӣ" қайд шудааст. Бар замми ин, Гурӯҳи буҳронии байналмилалӣ (International Crisis Group), ки ба номи "Ҷамоаи исломия" парвандаи махсусе таҳия намудааст ва муҳтавояшро қисман дар боло овардем, ташкилоти боэътиборе мебошад, ки ба он пешвоёни сиёсии як қатор давлатҳо, аз ҷумла президентҳо, роҳбарони ҳукумат ва вазирони корҳои хориҷӣ дохил мебошанд.

Ба ҳар ҳол дар Индонезия, дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва дар тамоми арсаи байналмилалӣ, зоҳиран саволи риторикие садо медиҳад; "Ҷамоаи исломия" ба манфиати кӣ кор мекунад? Ба таври дигар гӯем, оё фақат мубориза барои "Исломи ноб", ҳуқуқи шаръӣ ва хилофати ҷаҳонӣ илҳомбаши фаъолиятҳои террористии онҳост? Оё онҳо бо амалу кирдорҳое, ки дар боло зикр кардем, мақсадҳои дигаре низ доранд? Охир, аён аст, ки ба ҳабскуниҳо, эътирофот ва ҷараёнҳои судии овозадор нигоҳ накарда, то ҳол риштаҳо, фишангҳо ва қувваҳои ҳаракатдиҳандаи шабакаҳои террористии ОҶШ дар паси пардаҳо ноаён мондаанд. Ҳамин чиз низ хоси онҳост, ки террористони ба

гуноҳ муттаҳамшуда дар суд беҳаёёна ва густохона рафтор намуда, суханони таҳқиромез мегӯянд ва хотираи қурбониёни амалиётҳояшонро таҳқир мекунанд. Бунёдгузор ва яке аз пешвоёни асосии “Ҷамоаи исломия”, ки дар ин ҷо бисёр зикраш намудем, Абубакр Башир дар баёноташ, ба далелҳои муътамад нигоҳ накарда, ҳатто изҳор медорад, ки мавҷудияти “Ҷамоаи исломия” як фасона асту халос.

Дар ин маврид беихтиёр ба чунин андеша меравӣ, кӣ манфиатдори чунин ташкилот аст ва кадом қувваҳои сиёсӣ ба таври пинҳонӣ дар пуштибонии террористони мутаассиб қарор доранд? Ҳангоме ки ба ин масъала амиқан нигоҳ мекунед, аён мешавад, ки “бозингарони ин майдон” кам нестанд ва баъзеи онҳо аз мақсади ташкили давлатҳои исломӣ дар ин минтақа фарсаххо дуранд. Барои онҳо мавҷудияти ташкилоти фаъоли террористӣ дар минтақа зарур аст. Ин барои ислоҳи вазъ ва ҷобаҷогузории қувваҳо имкон дода, ба доираҳои муайян имкон медиҳад, ки шароитро ба манфиати хеш тағйир диҳанд. Ошкор намудани тарафҳои манфиатдор яке аз роҳҳои ҷустуҷӯи ҳақиқат аст.

Мантиқан аён аст, ки барои барқарор намудани давлати исломӣ дар минтақа, исломиён ба дастгирии васеи ҷомеа манфиатдоранд, аммо терроризм ҳамчун василаи ягонаи ба ин мақсад расидан, ҳадди ақал аз лиҳози идеологӣ онҳоро ба шикаст мувоҷеҳ намудааст, масалан таркиш дар Балии Индонезия, ки шумораи зиёди ҳаёти одамонро аз байн бурд, афкори ҷомеаи Индонезия ва ҷаҳонро дигар кард. Аксарияти аҳолии Индонезия, ки мусулмонони муътадил ҳастанд ин таркиш онҳоро бетаъсир намонд ва баъзе муҳаққиқон чунин меҳисобанд, ки он ба обрӯву нуфузи ҳизбҳои исломӣ дар интихоботҳои парлумонии солҳои минбаъда таъсири манфӣ расонидааст.

Агар ташаббускорони ин иқдоми террористӣ бо ин таркиш мақсади “гарм” кардани вазъият дар кишвар, минтақа ва ҳатто берун аз онро медоштанд, ин гапи дигар

будд. Дар ин сурат мақсади гузоштаашон, бешубҳа ҳал шуда буд, чунки ин амалиёти террористӣ бисёриҳоро, аз ҷумла исломиёни ОҶШ-ро, ки нияти беэътибор кардани ҳукуматҳои кишварҳои минтақа ва ноором кардани вазъ дар кишвар, бедор кардани тамоюлҳои зиддиғарбӣ ва зиддиамрикоиро доштанд, бетараф нагузошт. Бо ин амали худ онҳо, аз рӯи гуфтаи Абубакр Башир, ба сокинони кишварҳои ОҶШ фаҳмонданӣ буданд, ки "илҳомдиҳандагон"- и ин амал қувваҳои махсуси ИМА ва Исроил буда, маҳз ҳаминҳо душманони мардуми ОҶШ мебошанд. Зимнан, баъди таркиши харобиовари соли 2002 дар ҷазираи Бали пешвои "Ҷамоаи исломия" изҳор дошт, ки ин таркишҳо барои Вашингтон дар доғдор намудани чеҳраи Ислом – ҳамчун дини ҷангҷӯ ва барои бадном кардани мусулмонону Ислом ва "барангехтани ҷангҳои байнимазҳабӣ" лозим буданд. Ҳақиқатан, аввалин пурсишҳои гузаронидаи ширкати британягии Би-Би-Си баъд аз таркишҳо нишон доданд, ки аз се ду ҳиссаи индонезиягиҳо бар ин ақидаанд, ки барои Индонезия хавфи Амрико аз "Ал-Қоида" дида бештар аст [Гушер, 2006, № 4. С. 5].

Ҳамин чиз аҷиб аст, ки баъди таркиш исломиҳои радикал бо ҳар роҳу восита саъй мекарданд, ки мумайизони (эксперт) хориҷиро таҳдид карда, ба рафти тафтишот халал ворид намоянд. "Ҷамоаи исломия" таҳдид менамуд, ки агар ҳукумати кишвар ба ҳабси исломиҳо оғоз кунад, бар зидди он "ҷиҳод" оғоз хоҳад шуд.

Назари дигаре низ мавҷуд аст, ки таркишҳои дар Индонезия рухдода ҳақиқатан кори дасти исломиҳо мебошанд, зеро радикалҳо тавассути зурӣ таваҷҷуҳи мусулмононро, ки гӯё ба хотири манфиатҳои онҳо бо кофирон мубориза мебаранд, ҷалб карданӣ мешаванд. Таркишҳо ва террорҳои инфиродӣ бояд баёнгари иқтидори радикалҳо бошанд ва дар навбати худ, арзиши онҳоро дар

муборизаҳои сиёсии дохилӣ гаронтар намоянд. Илова бар ин, зурӣ ҳамчун як воситаи сафарбаркунии ҷонибдорон аз тарафи гурӯҳҳои гуногуни радикалӣ кайҳо таҷриба карда шудааст. Ин ба ақидаи бисёр мутахассисон, ба он вобастагӣ дорад, ки радикализми исломӣ авҷи маъруфияташро сипарӣ намуда, хешро аз лиҳози идеологӣ мусаллаҳ медонад ва дар амалиётҳояш аз қатъитарин чораҳо парҳез намекунад.

Маълум аст, ки баракси Исломи замони муқаддам ё "Исломи ноб", ки барои истиқрори он радикалҳо саъю талош доранд, ин хилофатсозони нав ба одамони ғайри мусулмон ва мусулмонони дигар мазҳабҳо муносибати ғайриинсонӣ ва ваҳшониятро раво медоранд, ки терроризми рӯйрост аст. Исломи ибтидоӣ бо таҳаммулгароии диниаш (махсусан, бо ду шохаи дини иброҳимӣ – яҳудӣ ва насронӣ) ва бо мусулмонкунии нарми хеш бо сокинони қаламравҳои ба хилофат ҳамроҳкардааш фарқ мекард. Аз ин бармеояд, ки исломиҳои ОҶШ на бо сухан, балки дар амал он "Исломи ноб"-ро, ки иддао доранд, худ инкор мекунанд. Илова бар ин, дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ бошад террор боварии доираҳои исломиро нисбати онҳо коста ва онҳоро аз пуштибонӣ ва дастгирии оммавии мардум маҳрум намудааст.

Азбаски террористон ба обектҳои ҳарбӣ ва сиёсӣ бевосита ҳамла карда наметавонанд, зарбаҳояшонро ба аҳолии мулкӣ равона мекунанд. Ин ҳадаф ба ғайр аз нишонрасияш босамар низ мебошад. Бесарусомонӣ ва пешгӯинашавандагии зарбаҳо биси изтироби умумӣ мешавад. Дилхоҳ одам дар дилхоҳ макон ва замон ҳадафи террори онҳо мегардад. Таҳдид ва хавфу хатар оромию суботи зиндагии мардуми кишварро барҳам мезанад. Чи хеле ки мутахассиси исломшинос Р.Г. Ланда қайд мекунад: "муборизаи беқоида, берун аз ахлоқу усулҳо ва орӣ аз виҷдон кори ҳаққу мубориз ва беҳтарин ормонҳоро (идеал),

ки худ майл бар он доранд, бадному доғдор менамояд” [Ланда, 2005. С. 262].

Маълум аст, ки барои ҳаросафкании оммавӣ, бунёд намудани бесарусомонӣ ва тарс, пеш аз ҳама аъзоёни “Ал-Қоида, ки дар ОҶШ маскан гузидаанд, манфиатдор мебошанд. Намояндагони созмони зиддиттилооти Индонезия далелҳои роҳ ёфтани агентҳои ин шабакаи байналхалқии террористиро ба ҷазира эътироф мекунанд. На ҳамаи онҳо ба рӯйхати роҳбарони “Ҷамоаи исломӣ” дохил мешаванд. Як қисми аъзоёни “Ал-Қоида” дар ОҶШ мустақилона фаъолият мебаранд. Аз рӯи маълумотҳои хадамоти махсуси Индонезия ба ҷанговарони “Ал-Қоида” муяссар шудааст, ки дар галаҷазира сохтори хешро бунёд намуда, бо як қатор гурӯҳҳои индонезӣ, робита барқарор намоянд. Мумайизон чунин ҳам меҳисобанд, ки худи географияи Индонезия ҳамчун кишвари ҷазиравӣ ба “Ал-Қоида” имкон додааст, ки дасти касифашро ба Индонезия дароз карда, қаламравашро чун майдони транзитӣ ё мисли пойгоҳи нигаҳдорӣ ва омода кардани террористҳояш истифода намояд. Аз ин рӯ андеша ва пешниҳоди баъзе сиёсатшиносон ҳақ аст, ки мувофиқи он “Ҷамоаи исломия” на ташкилоти мустақил ё иттифоқчии “Ал-Қоида”, балки ҳамчун як ҷузъи он аст, ки дар ОҶШ мустақар гашта, барои амалиётҳои террористиаш аз исломиёни маҳаллӣ истифода мебарад.

Ин ҳам аён аст, ки амалҳои террористӣ ба манфиатҳои баъзе ҳарбиёни радикалии индонезӣ ҷавобгӯ мебошанд, ки замони Суҳарторо, замонеро, ки артиш дар сари қудрат буд, хуб дар ёд доранд. Амалҳои экстремистон қадру қимати ҳарбиҳоро, ҳамчун қудрати ягонае, ки индонезиҳоро аз хавфи терроризм ҳимоя карда метавонад, боло мебарад. Илова бар ин, арзиши онҳо дар арсаи байналхалқӣ, махсусан дар ИМА, баланд мешавад ва амрикоиҳо генералҳои исломситезро чун иттифоқчии хеш дар мубориза

бар зидди терроризм қабул мекунанд. Президенти Индонезия ва сарфармондеҳи қувваҳои мусаллаҳ Сусило Бамбанг Юдхойоно баъди таркишҳо дар ҷазираи Бали 1 октябри соли 2005 ба муносибати 60-солагии артиши миллӣ баромад намуда, изҳор дошта буд, ки қувваҳои мусаллаҳ бояд дар муборизаи зидди терроризм дар тамоми қаламрави кишвар иштирок кунанд. Аз рӯи суханони сарвари давлат, дар баробари хадамоти махсус ҳарбиён низ вазифадоранд, ки амалҳои террористиро, мисли таркишҳое, ки дар Бали рух дода буданд пешгирӣ намоянд [The Straits Times, 03.10.2003].

Ҳанӯз дар моҳи майи соли 2005, пеш аз таркишҳои Бали, вазири мудофиаи Индонезия Ювоно Сударсоно ҳангоми сафараш ба ИМА изҳор дошта буд: “Аз сабаби камфаъолии ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳарбиён ягона қувваеанд, ки якпорчагии кишварро нигоҳ дошта метавонанд. Индонезияро лозим аст, ки пеш аз саҳна тадриҷан рафтани қувваҳои мусаллаҳ ҳукумати шаҳрвандии қавӣ дошта бошад” [The Straits Times, 16.03.2003]. Ю. Сударсоно дар чанд даҳсолаи охир аввалин шаҳрванди мулкиест,ки дар мақоми вазири мудофиа тарафдори фаъоли нақши сиёсии артиш дар ҷомеа буд.

Гуфтаҳои боло ба хулосае меоранд, ки фаъолияти “Ҷамоаи исломия” на танҳо муборизаи бераҳмонаи радикалҳои исломӣ барои ҳадафҳояшон аст, балки террористону экстремистони “Ҷамоаи исломия” нохудогоҳона барои қувваҳои нерумандтари дигар ҳамчун олоте барои бароварда кардани манфиатҳояшон дар замони даркорӣ истифода бурда шаванд. Як чиз аён аст, ки ҳам дар Индонезия, ҳам дар дигар кишварҳои ОҶШ ва ҳам дар тамоми ҷаҳон қувваҳои сиёсие вуҷуд доранд, ки бо ҳар роҳу восита мақсадҳои сиёсӣ ва робитаю алоқаҳои хешро пинҳон медоранд ва баъди ҳар амалиёти террористии муваффақи ҷанговарони исломӣ таъсиру нуфузашон бештар мешавад.

## Боби панҷум: БАРРАСИИ РАВАНДИ ВУРУД ВА ТАҲЛИЛИ ГУСТАРИШИ ИСЛОМ ДАР ИНДОНЕЗИЯ

Пас аз устувор гардидани ҷойгоҳи Ислом дар нимҷазираи Арабистон дар ҳамон қарни нахустини исломӣ, Ислом дар пайи пирӯзиҳои мусулмонон дар дигар минтақаҳои ҷаҳон, ба монанди Эрон, ҳавзаи Баҳри Миёназамин, Шимоли Африқо, Осиёи Сағир (Ғарбӣ), Осиёи Миёна ва Аврупо густариш ёфт. Ҳузури фотеҳони мусулмон дар ин манотиқ, ба тадриҷ боиси ошноии мардумони ин сарзаминҳои фатҳшуда бо Ислом ва дар ниҳоят гароиш ба Ислом гардид, вале вуруди Ислом ба Индонезия, ки яке аз пурҷамъияттарин кишвари мусулмони ҷаҳон ба ҳисоб меравад аз дигар минтақаҳо фарқ мекунад. Аз он ҷое, ки ҳамвора дар тӯли таърих дида мешавад, яке аз омилҳои муҳим дар барқарорсозии робитаҳо миёни халқияту миллатҳои мухталиф муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ будааст. Мусулмонон бо галаҷазираҳои Индонезия, бо мавҷуд будани муносибатҳои фарҳангӣ ва мазҳабӣ, ҳамвора робитаҳои иқтисодӣ-тиҷоратӣ доштаанд, ки ин худ омили асосии барқарорсозии иртибот миёни мусулмонон бо мардуми Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва Уқёнус гардидааст. Бодалели фосилаи зиёд доштани Индонезия аз Сарзамини исломӣ ва дигар сарзаминҳои исломии ҳавзаи пайдоиши Ислом ва мавҷудияти монеаҳо ва мушкилоти иртиботӣ бо дунёи исломии он замон, Индонезия бо доштани беш аз 90 дарсад ҷамъияти мусулмон, ба унвони бузургтарин кишвари мусулмонии пешрафтаи ҷаҳон шинохта шудааст.

Индонезия бузургтарин кишвари мусулмонӣ мебошад ва дар арсаи байналмилалӣ аз аҳаммияти бузург бархурдор аст, ҳамчунин, яке аз кишварҳои муассир дар ҳавзаи ҷанубу шарқии Осиё ба шумор меравад. Бинобар ин омӯзиш ва шинохтии умумии он дар ҳоли имрӯз зарур аст. Истилоҳи Индонезия ба кулли ҷазираҳое, ки имрӯза ҳудудҳои

Ҷумҳурии Индонезиро ташкил медиҳанд истифода бурда мешавад ва маънои “ҷазираҳои Ҳинд”-ро дорад ва дар асл номи ҷурофӣ буда барои тамоми ҷазираҳои байни қитъаи Осиё ва Австралия, аз ҷумла Филиппин низ истифода бурда мешавад ва миллионҳо мардуми галаҷазираҳо ин номро пазируфтаанд. Истилоҳи Индонезия дар солҳои 1945-1949 ба унвони номи расмии ин ҷумҳурӣ дароварда мешавад. Ва онро ба истилоҳи камтаршинохташудаи “Нусантара” тарҷеҳ додаанд [Vlekke Bernard, 1959. С. 27-28]. Галаҷазираҳои Индонезия дар уқёнуси Ҳинд, байни қитъаҳои Осиё, Австралия ва уқёнуси Ором қарор гирифтааст. Ин галаҷазираҳо ба далели наздикӣ ба гулӯгоҳи Малакка аз аҳмияти хоссе бархурдоранд. Ин ҷумҳурӣ иборат аз 13700 ҷазира мебошад, ки аз ҷазираи Симёлуэ то Гвинеяи нав тӯл кашидаанд. Ҷазираҳои муҳими Индонезия иборатанд аз: Суматра, Ява, Калимантан (Борнео), Сулавеси, Тимор ва Гвинеяи нав, ки ин мулкҳо аз 6000 ҷазираи дигар иборат мебошанд. Марзи хушкии Индонезии бо кишварҳои ҳамсоя, танҳо бо Малайзия ва Гвинеяи нав ҳамсарҳад мебошад. Обу ҳавои Индонезия бо қарор гирифтан дар ду тарафи хати экватор гарм ва боронӣ аст ва он бузургтарин галаҷазираи ҷаҳон ба шумор меравад [Ҳамид, 1953. С. 3].

Бузургтарин ва пурҷамъияттарин ҷазираҳои Индонезия Суматра ва Ява ҳастанд, ки дорои мавқеи бозаргонӣ ва кишоварзии бисёр муносиб мебошанд, аммо Ява ғанитарин ва пурҷамъияттарин ҷазираи Индонезия аст, ки ҳамвора дар тӯли таърих бо далели мавҷудияти растаниҳои дорувори ба монанди: филфил, ҷавзи ҳиндӣ, колонко, кабобаи чинӣ, мехак ва дигар доруву давоҳои гуногуни пурарзиш ва гаронқиммат мавриди таваҷҷуҳи бозаргонон ва тоҷирон қарор гирифтааст. Дар гузашта доруву давоҳои гуногуни ин ҷазираҳо, ки бо киштиҳои тиҷоратӣ ба дигар нуқтаҳои ҷаҳон

бурда мешуданд, барои мардум даромади калонеро меовард [Мислюна, 1912. С. 184].

Сокинони аслии Индонезиро намояндагони нажоди муғулоии ҷанубӣ - индонезӣ (orang-orang Indonesia), ки дар маҷмӯ аз 131 қавму қабилаҳои мухталиф иборат аст, ташкил медиҳанд ва теъдоди зиёди чиниён, ки дар асрҳои гузашта ба Индонезия муҳоҷират кардаанд ва бузургтарин ҷамъияти чиниҳои муқими ҷанубу шарқии Осиё ба ҳисоб мераванд дар галаҷазираҳои Индонезия умр ба сар мебаранд. Забони расмии Ҷумҳурии Индонезия забони молоӣ (индонезӣ) аст, ки пас аз истиқлол ба даст овардани он шинохта шудааст. Забони молоӣ забони гуфтугуии индонезигиҳо ба ҳисоб меравад ва бо дар назардошти ин дар Индонезия 25 забон ва 250 лаҳҷа ривоҷ доранд ва истифода бурда мешаванд. [Ҳамид, 1953. С. 5].

Таърихи сиёсии Индонезия то қарнҳои XIV-XV бо далели кам будани сарчашмаҳо ва манобеъ мушаххас нест, вале аз ҷумлаи давлат ва ҳукуматҳое, ки дар ин даврон вуҷуд доштанд, метавон ба Маҷапаҳит дар ҷазираи Яваи Шарқӣ ва Малакка дар ҷазираи Малакка ишора кард, ки аз инҳо - Маҷапаҳит бузургтарин императории қабл аз исломии Индонезия ва Малакка эҳтимолан бузургтарин давлати бозаргонии исломӣ буд. Императории Маҷапаҳит қудрати бузурги такякунанда ба тиҷорат буд, ки дар охири қарни XIV ва аввали қарни XV қудраташ рӯ ба завол ниҳод ва пас аз пошхурии он ҳукумати нави бозаргонӣ дар ҷазираи Малакка шакл гирифт. Императории Малакка низ қудрати такякунанда ба тиҷорат буд, ки аз бозаргонон ва тоҷирон ҳимоят мекард ва дар пайи ҳимоят аз бозаргонони мусулмон ва сипас таъсирпазирӣ аз онҳо, намояндагони ҳукумати ин императорӣ мусулмон гардидаанд. Императори Малакка дар пайи анҷоми умури бозаргонӣ, бузургтарин низоми бозаргонии он замонро ба вуҷуд меоварад, ки ин яке аз

муваффақиятҳои сиёсати ҳукуматдорони он дар ҷодаи бозаргонӣ дар арсаи байналмилалӣ буд. Подшоҳи Португалия аз сарвати азими Малакка огаҳӣ ёфта ба василаи фиристодани намояндагон дар пайи бастани шартномаи дӯстӣ бо ҳукуматдорони Малакка мегардад. Ҳамин тавр миёни Малакка ва Португалия робитаҳои иқтисодӣ оғоз меёбанд ва фаъолияти идораҳои машваратии Аврупо дар ҷазираҳо дар қарни XVI ба кори худ шурӯъ мекунанд [Vlekke Bernard, 1959. С. 21].

Бинобар ин аввалин касоне, ки соли 1591 аз Аврупо вориди Индонезия гардиданд португалиҳо буданд. Аҳолии Индонезия аврупоиёнро ба унвони бозаргон ва бо рӯи хуш пазируфтанд. Вале андаке нагузашта дахолати онҳо дар мазҳаб ва иқтисодиёти ин кишвар оғоз гардид ва индонезигиҳо мухолифати худро ба онҳо нишон доданд, ки он боиси даргириҳои фаровони байни онҳо гардид ва дар соли 1565 Индонезия дар муқобили португалиҳо пирӯз шуд.

Баъд аз португалиҳо намояндагони Испания, сипас Фаронса, Голандия ва дар охир Англия ба унвони бозаргон вориди Индонезия гардиданд. Ҳузури Голандия дар Индонезия бори аввал дар соли 1652 истисморгарона буд, ки он ба муддати 350 сол идома меёбад ва дар охир соли 1941 хотима ёфт, то ин ки дар Ҷанги дувуми Ҷаҳонӣ Ҷопон Индонезиро тасарруф кард, вале дар соли 1945 Ҷопон дар ҷанг шикаст хӯрд ва ватандӯстони Индонезия бо раҳбарии доктор Сукорно ва доктор Муҳаммад бар зидди Голандия, ки қасди идомаи истисмори нави Индонезиро дошт, пирӯз шуданд. Ҷанг пас аз чаҳор сол (соли 1949) ба нафъи Индонезия анҷом ёфт [Ғуломризо, 1965. С. 53].

Истисморгарони Голандия бо бархӯрдорӣ аз ҳимояти империалистони Иёлотҳои муттаҳидаи Амрико ва Англия дар солҳои 1946-1949 бар зидди Ҷумҳурии Индонезия меҷангиданд ва Индонезия дар соли 1956 номаҳоеро, ки

Голандия дар соли 1945 ба онҳо таҳмил дода буд ифшо кард [Всемирная история,1977. С. 366-369].

Дар замонҳои пеш мавҷудияти ҷангалҳои анбӯҳ, манбаъҳои табиӣ, растаниҳои дорувории мухталиф ва дигар сарватҳои бекарони ҷазираҳои Индонезия ҳамвора мавриди таваҷҷуҳи баҳрнавардони мухталиф, ба хусус аҳолоии Ҳиндустон гардидааст. Дар натиҷа аз кишварҳои мухталиф сафари хориҷиён ба ин ҷазираҳо оғоз мегардад, ки ҳар кадоме аз онҳо дин, мазҳаб ва урфу одатҳои худро ҳамроҳ меоварданд. Пеш аз қарни аввали мелодӣ парастиши гузаштагон ва эътиқод ба асолати рӯҳ дар Индонезия ривоҷ доштааст ва дар қарни аввали мелодӣ бо вуруди ҳиндуҳо ба галаҷазираҳои Индонезия мазҳаби буддоӣ тавассути тоҷирони ҳиндӣ аз тариқи Ява ва Суматра вориди ин кишвар мегардад. Таъсири амиқи решадори мазҳабии ҳиндуён то қарни XIV мелодӣ, ки Ислом дар ин кишвар паҳн мегардид, маҳкам ва устувор буд [Ғуломризо, 1965. С. 28-30]. Чи тавре ки ҳиндуён тайи қарнҳои гузашта ба мардуми Индонезия таъсири сиёсӣ ва бозаргонӣ доштанд ва ду давраи дурахшони таърихии нуфузи ойин ва фарҳанги будоӣ дар Суматра ва Ява дида мешавад. Давраи якум дар қарни VII мелодӣ дар аҳди империтории Саривияҷо ва давраи дуввум дар аҳди империтории Маҷапаҳит бо роҳбарии Гаҷамада, ки қарни XIV мелодӣ давраи қудрат ва нуфузи он ба ҳисоб мераванд. Ява мустаҳкамтарин маркази ойини буддоӣ ва Суматра дорои бештарин шумораи пайравони ойини будоӣ буд, бо дар назардошти он ки гурӯҳи азиме аз мардумони ин сарзамин ҳамчунин бо ақидаҳои бутпарастӣ ва табиатпарастии қадимӣ ва одобу русуми ҷаҳлу хурофотӣ зиндагӣ мекарданд [Реклефс, 1991. С. 325]. Имрӯзҳо низ илова бар динҳои монотеизмӣ (эътиқод ба Худои ягона дошта) пайравони ақидаҳои бутпарастӣ ва динҳои таҳҷоии сокинони аслии ин кишвар вуҷуд доранд.

Индонезия пеш аз Ислом дар ҳудуди ҳазор сол таҳти таъсири ҳиндуён қарор дошт, ки дар қарни аввал ё дувуми мелодӣ ба унвони бозаргон ба Индонезия ворид гардида ва саранҷом ба воситаи маҳорат дар кордонии худ ин сарзаминро истило карда буданд [Ҷабалӣ, Мирсолеҳ, 1970. С. 61]. Мусулмонон аввалин шахсоне буданд, ки ба муқобили ҳуҷуми Ҳинд ва таъсири фарҳангии тамаддуни Ҳинд муқовимат нишон додаанд ва дар ин миён будоиён ва ҳиндумазҳабоне, ки буданд ба Ислом гаравидаанд, вале касе аз мусулмонон ба будизм ва ҳинду нагаравидааст ва дар ниҳоят Ислом худро ба унвони як унсури ғолибгардида дар Ҳинд муайян намуд [Vlekke Bernard, 1959. С. 492]. Шоёни зикр аст, ки аз давраи Сосониён ва сипас дар қарнҳои аввали исломӣ муносибатҳо миёни тоҷирони мусулмон бо Чин барқарор гардида ва тоҷирони мусулмон бо кишварҳои ҷанубу шарқи Осиё ба монанди Ҳинд, Чин, Галаҷираҳои Индонезия робитаҳои иқтисодӣ доштаанд [Кирачковский, 1960. С. 11]. Ромҳурмузӣ аз нависандагони қарни X мелодӣ ахбори комилеро аз робитаҳои тиҷоратии мусулмонон бо Суматра, тариқи киштиҳо сафар кардан аз Басра ва Уммон ба ин сарзамин ва аз ободу ободонӣ ва равнақи иқтисодии он нақл кардааст [Ромҳурмузӣ, 1930. С. 145-148]. Бояд гуфт, ки Ислом на танҳо дар Индонезия, балки дар дигар минтақаҳои ҷанубу шарқи Осиё ба монанди Чин, на ба василаи ҳуҷум ва зурӣ, балки тавассути густариш ёфтани робитаҳои тиҷоратӣ, тариқи роҳҳои хушкӣ ва баҳрӣ ва дар шакли мусолиматомез ворид гардидааст. Чи тавре ки дар замони худ Марко Поло ва Ибн Батута қайд крдаанд дар шаҳрҳои гуногуни Чин, ҷамоаҳои мухталифи мусулмонон зиндагӣ мекардаанд [Ibn Battuta, 1929. С. 32, Мислюна, 1912. С. 41]. Бояд гуфт, ки Ислом дар оғоз дар шаҳрҳои бандарии ин галаҷазираҳо ва дар миёни гурӯҳҳои иҷтимоие устувор гардид, ки аз сарзаминҳои дохилии ин ҷазираҳо буданд ва

роҳ сӯи ба баҳр ва он тарафи ӯ оварда буданд [Ҷонз, 1378. С. 172]. Таърихи воруди Ислом ба ин минтақаро бояд бо таваҷҷуҳ андохти назар кард ва метавон таъкид намуд, ки оид ба таърихи дақиқи воруди Ислом ба Индонезия ин аввалин таҳқиқот нест. Воруд ва густариши Ислом ба ин минтақаҳо ба василаи тоҷирони араб дар қарнҳои аввали исломӣ тариқи роҳҳои баҳрӣ ва хушкӣ муайян карда шудааст. Аввалин шаҳрҳое, ки Исломро пазируфтанд Бинҷай дар шимоли Суматра ва Бандунг дар Ява мебошанд [Ҳакимӣ, 1958. С. 273]. Ҳамин тарв Ислом тавассути бозаргонони араб дар шакли мусолиамтомез вориди Индонезия шудааст, вале иддае таърихи густариши Исломро дар ин сарзамин дар охири қарни XII мелодӣ медонанд [Ғуломризо Г., 1965. С. 261]. Мавҷудияти ҷомеаи бумии мусулмонон натиҷаи кӯшишҳои таблиғотии бозаргонони араб ва ҳиндуист, дар ҳоле ки дар марказҳои тиҷоратӣ, зиндагӣ мекарданд. Ин бозаргонон бо мардуми бумии ин минтақаҳо издивоҷ мекарданд ва ҳамсарон ва бандагони бутпарасти хонаводаҳои ин бозаргонон ба ин тартиб ядрои аслии як ҷомеаи мусулмонро, ки афроди он бо қудрати тамом дар зери таъсири он буданд, ташкил медоданд ва барои вусъат додани тиҷорати худ лозим медиданд бо дастгоҳҳои ҳукматӣ робитаи дӯстона барқарор намоянд. Бо ин восита мусулмонони Малай тавонистанд асоси устувори сиёсӣ ва иҷтимоиро барои фаъолиятҳои таблиғотии худ ба вуҷуд биёранд. Пас метавон натиҷа кард, ки аввалин густаришдиҳандагони Ислом дар галаҷазираҳои Индонезия бозаргонон будаанд [Арнолд, 1913. С. 266-268]. Дар қарни XIII мелодӣ бозаргонони мусулмон вориди Индонезия шуда дар байни ин кишвар ва кишвари худ робитаҳои тиҷоратӣ барқарор карданд ва ҳамзамон бо тиҷорат дини Исломро густариш доданд [Иззатуллоҳ, 1968. С. 139]. Ҳамчунин пижӯҳишгарони дигар бар он ишора кардаанд, ки пас аз

суқути Бағдод аз дасти муғулҳо дар соли 1258-и мелодӣ сӯфиён бо киштиҳои тиҷоратӣ ба дигар сарзаминҳо сафар карда таълимоти худро дар усули сода ва зоҳидона таблиғ кардаанд ва ин саркардагони ирфониро дар Исломи Индонезия дар қарни XVI ошкор намудаанд [Gibb, 1953. С. 218]. Бо ҳамин тартиб пас аз чанд соли иртиботи мусулмонон бо сокинони Индонезия Ислом аввал дар саросари Ява ва Калимантан ва сипас дар тамоми Индонезия роҳ ёфт.

Дар қарнҳои XIII ва XIV мелодӣ фаъолияти мусулмонон дар Суматра, ки доманаи он ба ҷазираҳои Ява ва Калимантан расида буд ба ихтилофи шадиди байни мардуми мусулмон ва ҳукумати мазҳабии будоиҳо кашида мешавад ва бо суқути императории Маҷапахит анҷом меёбад ва Индонезия дар муддати як аср маркази таблиғоти исломӣ дар ҷанубу шарқи Осиё қарор мегирад. Густариш ва пешрафти Ислом бо суқути императории Муҷубоҳот пойдор гардид. Бо густариши Ислом дар мазҳаб ва фарҳанги бараҳманӣ дар манотиқи кӯҳистон ва деҳоти дурдасти Ява ақибмонӣ ба вуҷуд меояд. [Ғуломризо, 1965. С. 31-32]. Пас аз суқути ин императорӣ дар қарни XIV мелодӣ давлати Малакка рӯи кор омад, ки ин императорӣ ба тиҷорат ва умури тиҷорӣ мутамарказ гардида буд ва дар мариди манфиатҳои худ ҳамвора аз бозаргонони мамлакатҳои дигар, ки ба Малакка сафар мекарданд, ҳимояти комил доштааст ва дар ниҳоят ба далели ҳамин муносибатҳои тиҷоратӣ ва фаъолиятҳои таблиғии бозаргонони мусулмон бо Ислом ошно гардида ва ба Ислом гаравидаанд, аз ҷумла подшоҳони ин императорӣ - Малик Зоҳир, ки дар сарчашмаҳо аз мусулмон буданаш дар қарни XIV мелодӣ таъкид карда шудааст, подшоҳи карим ва бахшанда дар мазҳаби шофеъӣ, ки ҳамвора дӯстдори камбағалон ва фақирон будааст ва аз усули исломӣ, ба монанди қироати

Қуръон ва баргузории намози ҷамоат дар асри ӯ ба хубӣ ба ҷо оварда мешудааст [Ibn Battuta, 1929. С. 650]. Ба ҳамин хотир ин императорӣ дар по бар ҷо кардани Ислом дар Малакка ва дар ниҳоят дар галаҷазираҳо бисёр нақш ва мавқеъи муассир дорад.

Бо вуҷуди таъкиди сарчашмаҳо аз нақши беназир ва аҳаммияте, ки бозаргонон дар густариши Ислом дар галаҷазираҳо доштаанд, зарурат пеш меорад аз гурӯҳи дигаре, ки дар давраи баъдӣ дар густариши Ислом дар Индонезия дорои нақше ҳарчанд на ба андозаи бозаргонон будаанд, ёдовар шуд. Ин гурӯҳ "мубаллиғон" будаанд, ки аввалини онҳоро дар шаҳри Аче дар шимолу ғарбии Суматра як нафар араб бо номи Абдуллоҳи Ориф мешиносанд, ки дар миёнаҳои қарни XII дар ин ҷазира зиндагӣ кардааст ва яке аз пайравони вай бо номи Бурҳониддин Исломро то соҳилҳои ғарбии ин ҷазира вусъат додааст [Арнолд, 1913. С. 268]. Албатта набояд аҳаммияти манфиатҳои тиҷоратии давлатҳоро низ аз назар дур дошт, зеро давлатҳое ба монанди Малакка дар ибтидо ба воситаи ҳифз ва вусъат додани манфиатҳои тиҷоратии худ бо бозаргонони дигар мамлакатҳо ва тоҷирони мусулмон робита барқарор карда ва дар пайи он бо Ислом низ ошно шуда ва ба Ислом гаравиданд. Илова ба ин ба унвони унсури муассир дар густариши Ислом дар Шарқи Дур ва ҷанубу шарқии Осиё аз сӯфиён низ ном бурда мешавад, ки баъд аз сукути Бағдод ва ҷабру ситами муғулон ба дигар сарзаминҳо ҳиҷрат кардаанд. [Арнолд, 1913. С. 268]. Дар ниҳоят бояд қайд кард, ки асосан фаъолияти бозаргонони мусулмон боиси густариши Ислом дар галаҷазираҳо гардид, вале дар баробари ин ҳузури сӯфиён ва мубаллиғони дини Исломро ба назар гирифт, чунки онҳо низ дорои нақши бузург дар ин раванд мебошанд.

Ба ин тартиб Ислом дар Индонезия дар асрҳои XIV ва XV мелодӣ ба шакли густарда ривоҷ ёфт ва мусулмонон дар ин асрҳо дорои қудрати зиёде буданд ва ҳайатҳои сиёсии ҳокимон низ мусулмон ва тарафдори мусулмонон буданд, то ин ки дар асри XVI мелодӣ бо воридгардии португалиҳо, ки мусулмононро монеъи роҳи тавсеаталабии худ дар галафазираҳо медиданд, ба онҳо муқобилият карда ва иқтидори сиёсии онҳоро аз байн бурданд.

Бо воридгардии дигар истисморгарони аврупоӣ, ба монанди Испания, Фаронса, Голандия ва Англия ба Индонезия, ҳарчанд қудрати сиёсии мусулмонон коҳиш ёфта бошад ҳам, вале Ислом аз назари таъсири фарҳангӣ ва иҷтимоӣ бисёр фаъол буд, аз ҷумла метавон ба таъсиси марказҳои омӯзишии исломӣ тавассути ҷунбиши “Муҳаммадия” ишора кард, ки барои густариши ақидаҳои исломӣ талош кардаанд [Ким, 1954. С. 230] ва дар натиҷа Индонезия табдил ба пурҷамъияттарин кишвари мусулмони ҷаҳон бо доро будан ба беш аз навад дарсад ҷамъияти мусулмон, пайрави мазҳаби шофеӣ, гардид.

Ин раванд дорои далоиле мебошад, чунки галаҷазираҳои Индонезия аз маркази дини Ислом дар фосилаи бисёр дур қарор доранд ва аз тарафи дигар сарзамини Индонезия аз ҷазираҳои пароканда иборат мебошад аз ин рӯ, баррасӣ ва муайянсозии далоили густариши Ислом дар ин сарзамин аз аҳамият холи нест. Ислом дини ҷаҳоншумул аст ва густараи он навоҳии бисёре аз кураи заминро дар бар гирифтааст. Ин густурдагӣ, ки аз маркази исломӣ, яъне Арабистон шурӯъ шуда ва дар тайи қарнҳо ба дурдасттарин сарзаминҳо паҳн гардидааст. Муҳимтарин омил, содагии усул ва ақидаҳои он аст, ки берун аз ҳар гуна печидагии эътиқодии каломист. Фарди мусулмон худ метавонад ба содагӣ ва бидуни ниёз ба восита бо худованд иртибот барқарор кунад ва аз дигар тараф усули Ислом (намоз, рӯза, ҳаҷ, закот, хумс) ба таври

муносиб бо умури иҷтимоии инсон созгорӣ дорад. Бино бар ин содагии усул ва ақидаҳои динӣ, омили муҳим дар гароиши ғайримусулмонон ба Ислом будааст. Инчунин кафолати моликияти хусусӣ, баробарӣ, аҳкоми ахлоқӣ ва баробарӣ дар гароиши мардуми бумӣ ба Ислом нақши муассирро бозидааст. Ҳамчунин афроде, ки ба даъват ва таблиғи Ислом дар галаҷазираҳои Индонезия мепардохтанд дорои ҳадафҳои ҳарисона ва истисморӣ набуданд, афроде буданд, ки дар исломпазирии мардумони Индонезия холис буданд. Ислом ҳеч гоҳ дар таҳмили худ бар қасди мардуми бумии дигар кишвар набудааст, зеро ҳангоме ки сарзамине фатҳ мешуд ба мардумони он дар баробари пардохти ҷизя озодии мазҳаб дода мешуд ва агар ҳам мусулмон мешуданд аз ҳуқуқи баробарӣ бо дигар мусулмонон бархурдор мегаштанд. Бино бар ин густариши Ислом дар галаҷазираҳои Индонезия дар натиҷаи даъват буд, на таҳмил.

Омилҳое, дар густариши Ислом дар галаҷазираҳои Индонезия муаасир буданд, метавон ба таври зер баён кард:

1. эҳтиром гузоштани таблиғгарони мусулмон нисбат ба арзишҳо, одоб, русум ва фарҳанги мардуми бумӣ, ки бар хилофи мафҳум, ақида ва фарҳанги исломӣ қарор намегирифтанд;
2. пайванди таблиғгарони аввалини Ислом бо фарҳанги бумӣ дар марҳилаҳои баъдӣ, ки аз мардуми бумии мусулмони ин сарзамин буданд ва бо шавқу рағбат ба таблиғи Ислом пардохтанд;
3. густариши Ислом дар ин ҷазираҳо ва минтақаҳо на бо далели ҳимояи манофеи истисмории давлати хосе ва ё ба воситаи марказҳои динӣ (миссионерҳо) густариш ёфтааст;
4. тоҷирон ва баҳрнавардони мусулмон, ки ба ин маҳалҳо мерафтанд дар муқоиса бо аврупоиён дорои

мақсадҳои истисморгароёна набуданд ва бо мардуми бумӣ рафтори одилона доштанд;

5. Маъмулан дар ҷараёни ба Ислом рӯй овардани ҷазираҳои Малая, дар ибтидо тӯдаи мардум ва сипас раҳбарон ба Ислом имон меоварданд [Реклефс, 1991. С. 333].

Имрӯзҳо Ислом дар Индонезия бисёр густариш ёфта ва дар байни гурӯҳҳои эътиқодманд пайравони бисёре пайдо кардааст. Масҷидҳо тақрибан дар ҳама ҷо барпо шуда ва теъдоди донишҷӯёни донишгоҳҳои исломӣ аз миёни гурӯҳҳое, ки огоҳ ба Ислом ҳастанд ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Иёлотҳои Индонезия суннат ва таърихи хоссе барои худ доранд, ки тибқи он мазҳаб бо зиндагии маданӣ ва сиёсии мардум ба ҳам омехта гардидааст ва дар иёлотҳои ҳиндунишин он аз қабили Сидоарджо ва Маджапахит низ ҳаёти мазҳабӣ ба таври худкор бо ҷомеаи сиёсӣ омехта гардидааст, аммо дар асри муосир байни зиндагии моддӣ ва маънавӣ хатти ҷудокунандае кашида шудааст ва Ислом ба монанди таваллуд, издивоҷ, зиёрат, марг ва ғайра маҳдуд гардидааст [Ренуер, 1952. С. 15]. Тибқи моддаи 29-ӣ Қонуни асосии Индонезия асоси давлат эътиқод ба Худои воҳиди мутаол мебошад ва давлат озодии ҳар касро дар пайравӣ аз дин, мазҳаб, иҷрои маросимҳои динӣ ва мазҳабӣ таъмин менамояд [Ҳамид, 1953. С. 41].

Тибқи ин модда ба дигар мазҳабҳои мавҷуд дар Индонезия ихтиёр ва озодӣ дода шудааст ва онро маҳдуд накардаанд ва бо дар назардошти он ки Ислом дини аксарияти мардуми Индонезия аст, вале ҳеч гоҳ дини асосӣ ва ягонаи ҳукумат ва давлат қарор нагирифтааст. Дар қонуни асосӣ ҷиҳати бароварда шудани хостаҳои мусулмонон, ташкили Вазорати дин баён гардидааст, агарчи ҳимоят аз озодии динӣ ва ҳифзи равобити мусолиматомез бо дигар мазҳабҳо вазифаи ин вазорат мебошад, аммо ҳадафи аслии он идораи умури мазҳабии мусулмонон аз қабили:

издивоҷ, марг, идораи молу мулки мадраса, масҷид ва зиёрат мебошад. Ин вазорат дорои ташкилоти идории густарда аст, ки робитаи ҳукумати марказиро бо ноҳияҳо ва ҷамоату деҳот барқарор ва таъмин менамояд [Lapidus, 1999. С. 1062].

Бо вуҷуди ин ки мусулмонони Индонезия аз бисёр ҷиҳат аз дигар ҷомеаи мусулмонон ҷудо ҳастанд, то ҷое ки ҳатто агар мусулмоне аз дигар ҷомеаи исломӣ вориди Индонезия шавад, дар нахустин нигоҳ шояд чунин пиндорад, ки мардуми Индонезия Исломро сар-сарӣ қабул доранд ва шояд ин бардошт аз зоҳирбинӣ падид ояд. Аз ҷумлаи нишонаҳои зоҳирӣ, ки боиси ин нигоҳи назар мешавад, ин аст, ки занони Индонезия бар хилофи занони дигар мамлакатҳои исломӣ ба монанди кишварҳои арабӣ, ниқоб истифода намекунанд ва дигар ин ки масҷид ба монанди масҷидҳои дигар кишварҳои исломӣ чандон назаргир ва бошукӯҳ нест ва ё ин ки мардумони мусулмони минтақаи Минангкабау ҳанӯз силсиланасабро аз ҷониби модар мегиранд. Иллати ин амр он аст, ки қонунҳои исломӣ бо урфу одатҳои маҳаллӣ сахт дарҳам омехта гардидааст. Бо ин ҳама мусулмонони Индонезия бисёр боимон ҳастанд ва ҳарсола чандин ҳазор нафар аз Индонезия ба зиёрати Каъба мераванд. Ислом дар зиндагии хусусии мардуми Индонезия, яъне дар эҳсос ва робитаи мустақим бо Худованд ва дар зиндагии иҷтимоӣ ва умумии онҳо низ таъсиргузор аст [Смит, 1932. С. 131-132]. Имрӯзҳо дар Индонезия созмон ва гурӯҳҳои исломӣ бисёр фаъол ҳастанд ва доманаи фаъолиятҳои худро тақрибан ҳамаҷониба густариш додаанд. Робитаи зич миёни ҷамоати мусулмон ва марказҳои исломӣ боиси қудрат бахшидан ба мусулмонон ва рушди онҳо гардидааст, аз ин рӯ созмонҳои таблиғотии ғайри исломӣ ҳамвора дар пайи латма задан ба ин робита мебошанд ва ҳадафашон ин аст, ки то тавонанд мусулмононро ба ҷиҳате, ки мехоҳанд аз асли худ дур созанд

ва мусулмонон эътиқоди худро ба дин, ақида, ахлоқ ва мероси фарҳангии хеш аз даст диҳанд [Эраҷ, 1952. С. 201].

Масҷид ба унвони намуди ҳувияти динӣ ва иҷтимоии мусулмонон дар таърихи Ислом аз аҳаммияти баланде бархурдор аст, зеро илова бар ин пойгоҳе барои рушди маданият, интиқоли таълим ва тарбияи исломӣ буда, ба унвони ҷойе барои муборизаҳои сиёсӣ ва муносибатҳои фикрӣ ва фарҳангӣ дар таърихи Ислом нақши худро бозидааст. Ба ин хотир ҳамвора сохти масҷид дар сарзаминҳои исломӣ мавриди таваҷҷуҳи мусулмонон қарор гирифта аст, ки дар доираи ҳамин таваҷҷуҳ дар тӯли таърих масҷидҳои бузург ва боазамат дар Индонезия низ сохта шудаанд. Дар бораи сабк ва меъмории масҷидҳо дар Индонезия бояд гуфт, ки дар омехтани фарҳанги арабӣ-исломӣ бо эътиқодоти бараҳманӣ ва ақидаҳои бумии мардуми Индонезия дар меъмории исломӣ ва бинои масҷидҳои ин кишвар, ки ба хубӣ таҷассум ёфтааст дида мешаванд. Имрӯз дар аксар масҷидҳои Индонезия тоқҳои гӯшадор, ки реша дар фарҳанги мазҳабии мардуми бумии Индонезия доранд, бо тоқҳои мудаввар ва гунбазҳои арабӣ паҳлӯи ҳам қарор доранд ва масҷиди исломӣ бар хилофи масҷиди мудаввари бараҳманӣ, бо шакли чоркунҷа сохта шуда ва манораҳои арабӣ низ аз масҷид гирифта шудаанд, зеро садои азонгӯй - сӯфии масҷид дар ҳавои сангин ва анбӯҳгардидаи Индонезия инъикос меёбад ва дар дурдаст ба гӯш намерасад,  аз ин рӯ, барои эълони вақтҳои намоз, ба ҷои он ки азон бигӯянд, табли бузургеро, ки “бадук” ном дорад, ба садо дармеоваранд. Дар маросим ва ойинҳои бузурги мазҳабии мусулмонони Индонезия бисёре аз одат ва русуми махсуси ҳиндуён ва бахше аз ақидаҳо ва тасаввуротҳои қадимии сокинони таҳҷоии  Индонезия низ омехта ва устувор гардидааст [Асадӣ, 1948. С. 286].

Индонезия аз як сӯ бо доро будани маҳсулоти содиротии мухталиф аз қабили филфил, каучук, равғани норгил, растани ва гиёҳҳои дорувории мухталиф ва ҳамчунин бо мавқеи транзитӣ доштани ҷазираҳои Суматра ва Ява ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад. Ба ин хотир тиҷорат дар ин сарзамин бо дигар минтақаҳо биёр густариш ёфтааст. Аз онҷое, ки яке аз омилҳои интиқоли фарҳангӣ ва мазҳабӣ миёни сарзаминҳо робита ва муносибатҳои тиҷоратӣ мебошад ва тоҷирони мусулмон бо ин галаҷазираҳо дорои иртиботи васеъ будаанд ва ба ин восита ба тадриҷ омезиш ва иртиботи мусулмонон бо аҳолии бумӣ боиси ошноӣ ва дар ниҳоят гароиши онҳо ба Ислом гардидааст ва аҳаммияти ин раванд дар он аст, ки дар Индонезия исломпазирии мардумони ин сарзамин дар зери сояи шамшер сурат нагирифтааст, балки раванди вуруд ва густариши Ислом табиӣ, мусолиматомез ва дар натиҷаи фаъолиятҳои таблиғотии бозаргонон сурат гирифтааст ва ба таври куллӣ метавон гуфт, ки муваффақияти тиҷорӣ ва вуруди бозаргонони мусулмон бо таблиғ ва рафтори мусолиматомези худ, боиси муаррифии Ислом ба аҳолии бумии Индонезия гардидааст. Ислом дигар дину мазҳабҳои Индонезияро таҳти таъсири худ қарор дода бо суръат густариш ёфт ва то қарни XII мелодӣ дорои қудрат ва нуфуз гардид, вале бо вуруди истисморгарони аврупоӣ ин қудрат рӯ ба коҳиш ниҳод, аммо имрӯз Ислом аз назари фарҳангӣ ва иҷтимоӣ дар Индонезия ба унвони бузургтарин кишвари мусулмони ҷаҳон омили таъсиргузор ба шумор меравад.

# Боби шашум: ҶАРАЁНҲОИ СУННАТӢ, ИСЛОҲТАЛАБӢ ВА РӮШАНФИКРИИ ДИНӢ ДАР ИНДОНЕЗИЯ

Ҷаҳони Ислом паҳнои васеъ аст, аз Шарқи қитъаи Осиё то Ғарби қитъаи Африқоро дар худ фаро гирифтааст. Имрӯз беҳтарин маркази ҷамъияти мусулмонони ҷаҳон на дар Шарқи Наздик ва на дар Ховари Миёна, балки дар Ҷанубу Шарқи Осиё, дар маҳдудае аст, ки аз ҷануби Таиланд ба тарафи Малайзия, Сингапур, Бруней ва Индонезия густариш меёбад ва то ҷануби Филлипинро дар бар мегирад. Индонезия бузургтарин ҷамъияти мусулмонро дар байни кишварҳои Ҷанубу Шарқи Осиё ва тамоми кишварҳои мусулмон доро мебошад. Дар асоси маълумоти омории ба руйхатгирии аҳолӣ, дар соли 2010 аз ҷамъияти 266 млн. нафараи Индонезия 239 млн. нафар мусулмон мебошанд. Ин нишондод ҳудуди 90% -и ҷамъияти ин кишвар ва ҳудуди 13% аз ҷамъияти якуним миллиардаи мусулмонони саросари дунё аст [Badan Pusat Statistik, 2010]. Бештари мусулмонон дар марказ ва ҷазираҳои ғарбии Индонезия ҷойгиранд. Тақрибан ҳама мусулмонони Индонезия суннимазҳабанд ва аққалияте аз шиъаён низ дар ин кишвар зиндагӣ мекунанд. Ҷомеаи исломии Индонезия аз лиҳози гуногунии қавмӣ, табақоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, гароишҳои сиёсӣ ва тамоюлоти фарҳангӣ аз гуруҳҳои зиёде иборат аст.

Ислом дар биёбони нимҷазираи Арабистон зуҳур карда дар минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар Индонезия густариш ёфта, нақши бузурги худро дар ҳама ҷабҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии мусулмонони Индонезия гузоштааст ва метавон таърихи Исломро дар Индонезия ба ду бахш: пеш аз истисмор (-и аврупоиён) ва пас аз он тақсим кард. Бо ин ки дар давраи нав нақши Ислом то ҳудуде нисбат ба давраи пеш аз истисмор камтар шудааст, вале муҳимтарин

омили таъсиргузор дар муносиботи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ин сарзамин ба шумор меравад. Шинохти гуногунии сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва динии ҷомеаи мусулмони ин минтақа аз аҳамияти калон бархурдор аст ва ба мо барои дарки беҳтари таҳаввулоти гуногуни ин ҷомеа ва дар натиҷаи барномарезии дақиқ, барои густариши муносиботу равобит бо ин ҷомеа (Индонезия) ёрӣ мерасонад. Аҳамияти имрӯзаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, бахусус аз лиҳози сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва таъсиргузории он ба таҳаввулоти ҷаҳони Ислом ва дигар кишварҳо беш аз пеш ошкор шудааст.

Дар миёни мусулмонони Индонезия се ҷараёни умдаи диниро метавон мушоҳида кард: ҷараёни исломи суннатӣ, ки худро вориси фарҳанги исломӣ ва устувори ин минтақа медонад ва дар воқеъ бояд онро Исломи индонезӣ, яъне Исломе, ки омехта бо фарҳанги бумӣ аст ва бисёр рангу бӯи ирфонӣ ва сӯфиёна дорад, донист. Ҷараёни ислоҳталабӣ ва навгароии динӣ, яке аз гароишҳои муҳим дар тафаккури исломӣ дар ин минтақа дониста мешавад. Манзур аз ислоҳталабӣ ва навгароии динӣ, ҷараёни таҳти таъсири ислоҳталабон ва салафиён, аз қабили Абдуҳ[28] ва Рашид Ризо[29], ки дар паи пок кардани Ислом аз хурофот мебошад ва мекушад дастовардҳои навини ғарбӣ, дар ҳавзаи омӯзиш ва фановарӣ, барои бозсозӣ ва тақвияти ҷомеаи Ислом бо дар назардошти бозёбии иқтидори гузаштаи Ислом ба кор бурда шаванд. Ҷараёни рӯшанфикрии динӣ ва илоҳиёти либералӣ низ бо ҷудо кардани дин аз сиёсат ва дар таъкид ба дур кардани исломи сиёсӣ мекӯшад, ки Ислом бо арзишҳои дунёӣ дар муқобил ва зидди ҳамдигар набошанд. Дар ин асно се ҷараёни умдаи динӣ дар Индонезия: ҷараёни исломи

[28] Шайх Муҳаммад Абдуҳ
[29] Сайид Муҳаммад Рашид Ризо

суннатӣ, ҷараёни ислоҳталабӣ ва навгароии динӣ ва ҷараёни рӯшанфикрӣ ё илоҳиёти либералӣ аз охири асри XIX то давраи муосир баррасӣ хоҳанд шуд.

Дар ҳавзаи ин таҳқиқот то кунун китоб ё мақолаи муфассале нашр нашудааст. Дар се китоби зер то ҳудуде ба мавзӯи ҷараёнҳои динӣ дар Ҷанубу Шарқи Осиё таваҷҷуҳ кардаанд: Ноиб Усмон “Тамаддуни исломӣ дар сарзаминҳои Малай”. Ин китоб маҷмӯае аз мақолоти донишмандони мухталиф дар муаррифии чеҳраи тамаддуни исломӣ дар Ҷанубу Шарқи Осиё аст, ки мутаассифона дар ин китоб таҳқиқ дуруст ба роҳ монда нашудааст ва ғайри истифода мебошад; Муҳаммад Озод “Индонезия ва сиёсати байналмилал”; Алиакбар Зиёӣ “Қавмиятҳои мусулмон дар Ҷанубу Шарқи Осиё: бо иловаи ҷараёншиносии ҷамоаи исломии Ал-Қоида”. Дар ин асарҳои илмӣ гароишҳои мухталифи динӣ, аз тасаввуфи эътидолӣ (мадоромеҳвар) то ваҳҳобияти ифротӣ ва ташкили гуруҳҳои мусаллаҳи тундрав, ба ном гуруҳҳои ҷиҳодӣ дар Ҷанубу Шарқи Осиё матраҳ гардидаанд.

Аз охири асри XIX равобити динӣ миёни Галаҷазираҳои Индонезия ва сарзаминҳои исломӣ, аз қабили Макка, Мадина, Миср ва Бағдод шакли тозае ба худ мегирад ва аз аввали асри XX таҳти таъсири мусаллаҳони динӣ, ба монанди Сайид Ҷамолиддин Асадободӣ, Муҳаммад Абдаҳ ва Рашид Ризо ислоҳталабони ҷадиди исломӣ густариш дода мешавад. Дар воқеъ мероси Муҳаммад Абдаҳ дар ибтидои асри XX дар навгароӣ ва ислоҳталабии исломӣ дар Индонезия таъсирбахш будааст. Ҳангоми таҳаввулоти ҷаҳонӣ, муборизаи мусулмонони Индонезия дар шаклҳои гуногун по ба арсаи вуҷуд гузошт. Онҳо таҳти таъсири таҳаввулоти Ховари Миёна, ки бештар идеологӣ ва омӯзишӣ, арзёби мешавад ва бархе аз омилҳои дигар ба ташкили гуруҳҳо ва ташкилоти исломӣ бо дар назардошти гуногунии иҷтимоъӣ ва сиёсӣ даст заданд. Ислоҳталабони

индонезӣ дар пок кардани Ислом аз бидъатҳо ва тавзеҳ додани боби иҷтиҳод барои мувофиқ гардонидани таълими Ислом ба шароити рӯз ва ҳамчунин баҳрамандӣ аз донишҳои ҷадиди ғарбӣ таъкид мекарданд [Ricklefs, 2008.С. 202-203; Noer, 1978. С. 59, 73-100; Eliraz, 2008.С. 402].

Дар чунин вазъият ва заминаи аҳамият ҷойгоҳ ва таъсири нашриёти ислоҳталаб ба монанди "Ал-манор" дар шаклгирии ҷараёни ислоҳталаби динӣ дар миёни мусулмонони Индонезия ошкор мешавад. Ин нашрия натанҳо ба таври мустақим ба воситаи мақолаҳояш ба густариши ислоҳталабии исломӣ муассир воқеъ гардидааст, балки интишори маҷаллаҳои ба ин монанд дар минтақа, ки пайравони зиёд доранд боис гардидааст. Аз ҷумлаи ин нашриёт метавон ба "Ал-имом" ва "Ал-мунир" ишора кард. "Ал-имом" нахустин нашрияи навгаро ва ислоҳталаби исломӣ дар галаҷазираҳои Индонезия ба шумор мерафт, ки дар қолаби моҳнома аз соли 1906 бо тиражи зиёд ба чоп мерасид [Azra, 1997. С. 143; Hamid, 1997. С. 241-242; Mutalib, 1997. С. 28]. Ин нашрия бо Сайид Шайх ал-Ҳодӣ, навгарои машҳури исломӣ, пешгом дар адабиёти навини Индонезия, муаллим ва рӯзноманигор дар Галаҷазираҳои Индонезия пайвастагӣ дошт. Сайид Шайх ал-Ҳодӣ соли 1934 вафот кардааст. Нашри ин маҷаллаҳоро Сайид Шайх ал-Ҳодӣ дар ҳамкории бо Сайид Шайх ибни Тоҳир Ҷалолуддин, Шайх Муҳаммад ибни Салими Кулолӣ, ки ҳарду дар Донишгоҳи Ал-азҳар ва Макка дарс хондаанд ва таҳти таъсири ҷараёни ислоҳталаби динии Муҳаммад Абдаҳ қарор доштанд ва бо Ҳоҷӣ Аббос Муҳаммад Тоҳо (аз аҳли Сингапур) дар Пинанг ба роҳ мондааст [Roff, 2009. С. 159, 167; Hashim, 2010. С. 95; Haji Salleh, 2009. С. 6]. Фаъолияти Сайид Шайх ал-Ҳодӣ бо нуфузи ҳукумати истисмории Британия ба бедории сиёсӣ дар байни индонезиҳо дар давраи пеш аз истисморӣ ва пас аз истиқлол равона гардида буд [Tan, 1999. С. 121, 137, 158;

Syed, 2008. С. 17-18]. Ӯ дар баробари дигар раҳбарони исломии ҷавон ва ислоҳталабон ба монанди Сайид Шайх ибни Тоҳир Ҷалолуддин дар ҷустуҷӯи тарҳе аз ислоҳи иҷтимоӣ буд, ки асосёфта бар усул ва тафаккури исломӣ ва ҳамоҳанг бо андешаҳои муосири илмӣ бошад. Дар ҳақиқат онҳо аз як сӯ дар паи пок кардани ақидаҳои ғайриақлонӣ дар таълими Ислом ва аз сӯи дигар дар паи тавсеаи омӯзиши илмҳои навин буданд [Tan,1999. С. 137; Milner, 2011. С. 138; Haji Salleh, 2009.С. 6; Syed, 2008. С. 18, 70].

Бо қудрат гирифтани ҷараёнҳои ислоҳӣ, интиқодоти онҳо нисбат ба исломи суннатӣ бартарӣ ёфт. Интиқодоти ислоҳталабон ба суннатгароён ин буд, ки бидъатҳо ва хурофотҳои садаҳои пешин мусулмононро мунҳариф сохта, ба заъфу сустӣ дучор кардааст. Дар натиҷа Ислом шукуфоии фикрӣ ва илмии садаҳои нахустинро аз даст дод ва боис шуд қудратҳои истисморгари аврупоӣ дар садаи XIX ба осонӣ бар кишварҳои мусулмон ҳукмрон гарданд. Ислоҳталабон таҷдиди ҳаёти Ислом ва мутобиқати онро бо ҷаҳони имрӯз дар сайқал додани имон ва ақида аз олоишҳо (нопокиҳо) ва бозгашт ба таълимоти нахустини исломӣ ва пайравӣ кардан ба паёмбари Ислом медонистанд. Ба назари онҳо мусулмонон дар таълим, тарбия ва улуми сиёсӣ ба фарогирии пешрафтҳои ғарбӣ ниёз доранд ва бояд чизҳоеро, ки дар Ислом ҳаром нест ва ба пешрафти ҷомеаи исломӣ кумак мекунад, аз ғарбиҳо ёд бигиранд. Муассиси навгароӣ ва ислоҳталаби исломӣ дар Индонезия “Созмони муҳаммадия” аст, ки бо ҷамъияти аз 25 то 30 милёнаи тарафдоронаш ифтихор мекунад [Fealy, Hooker and White, 2006. С. 40]. Ҷаноби Ҳоҷӣ Аҳмад Даҳлон мутаассир аз мадориси илмии Ховари Миёна “Муҳаммадия”-ро дар соли 1912 таъсис додааст. Вай даст ба як наҳзати бузурги омӯзишӣ, иҷтимоӣ ва ислоҳӣ мезанад ва бо таъсиси мадориси ҷадид ва ҳазфи ҷанбаҳои хурофотӣ аз фарҳангу

русуми мардуми минтақа кӯшиш намудааст, ки арзишҳои исломиро бо таълим, тарбия ва ҳаёти иҷтимоии муосир мутобиқ намояд [Noer, 1978. С. 73-74; Lapidus, 1999. С. 762; Hooker, 1983. С. 84-85]. "Муҳаммадия" зимни пазириши бархе аз урфу одатҳои ғарбӣ хостори эҳёи Ислом аст ва ба ибораи дигар аз исломи муосир ҷонибдорӣ мекунад. Бинобар ин ба таври мустақим ба умури пешоҳангӣ ва идораи ҷамъият таваҷҷуҳ кардааст. Ба ин тартиб аз гароишҳои суннатӣ ва ақлгароӣ дар канори ҳам баҳрабардорӣ кардааст [Syamsuddin, 1991. С. 218-274]. "Муҳаммадия" дар пайравӣ аз исломи сиёсии миёнарӯ ба ҷои ҷиҳод ба дунболи иҷтиҳод ва арзишҳои шикастгаро аст. Ва бо тарҳи Ислом ба унвони "раҳмат-ул-лилоламин" ба мубориза фарҳангӣ бо терроризм пардохтааст. Таъсиси маҷмааи ҷаҳонии сулҳ ва имзои ёддошти тафоҳуми ҳамкориҳои омӯзишӣ бо Австралия дар табодулоти фарҳангӣ, тақвияти демократӣ, ҳукмронии солеҳ, тавсеаи таҳаммулгаро - гузашт карданро дар ҷомеа ва баланд бардоштани некӯаҳволии мардумро аз намунаи иқдомоти "Муҳаммадия" донистааст [Indra Putri, 2012. С. 3-7].

Зуҳури ҷунбишҳоиислоҳталаби исломӣ, ки бар ислоҳоти динӣ ва истифода аз равишҳои навини омӯзишӣ ва фаъолиятҳои сиёсӣ таъкид мекарданд, вокуниши уламои суннатгарои Индонезияро ба миён овард. Онҳо бо таъсиси ташкилотҳое монанди "Иттиҳодияи уламои Минангкабау" дар соли 1921 ва дар дунболи он "Наҳзат-ул-уламо" дар соли 1926 бо мақсади муқобилият бо муассиса ва созмонҳои назири "Муҳаммадия" ташкил карда шудаанд [Lapidus, 1999. С. 754]. Ин уламо дар саросари Индонезия мадориси мазҳабӣ ва муассисоти омӯзишии маъруф ба "Песантрен"-ро идора мекарданд. Дар соли 1920 олим Абдулваҳҳоб Ҳасбуллоҳ бо ҳамкории дӯстонаш маҳфилеро барои мубоҳисоти илмӣ бо номи "Тасвир-ул-афкор" таъсис кард, ки ин маҳфил мадрасаи

“Наҳзат-ул-ватан”-ро бунёд ниҳод. Ҳошим Ашъарӣ бо ҳамроҳии Абдулваҳҳоб Ҳасбуллоҳ “Наҳзат-ул-уламо”-ро таъсис карданд. Созмони “Наҳзат-ул-уламо” имрӯзҳо иддаъо дорад, ки аз 35 то 40 милион узв дорад ва худро бузургтарин созмони иҷтимоии исломӣ медонад. Ин созмони исломӣ аз мазҳаби суннӣ пайравӣ мекунад ва пойгоҳҳои рустоии қавӣ дар маркази Ява, Суматра, Калимантан ва ҷазираҳои Нусатенгара дар ихтиёр дорад. Созмони “Наҳзат-ул-уламо” 4 мазҳаби фиқҳии исломӣ (ҳанафӣ, моликӣ, ҳанбалӣ, шофеъӣ)-ро ба расмият мешиносад [Tamara, 1997. С. 372-373; Fealy, Hooker and White, 2006. С. 40].

“Наҳзат-ул-уламо”, ки бо ҳадафи муҳофизат аз Ислоnatural суннатӣ таъсис дода шуда аст, илова бар шариати Ислом одобу русуми сӯфиёнро низ дастгирӣ мекард ва сӯфиёнро маънавитарин гурӯҳи мусулмонон медонист. Зуҳури ин ҷунбиш таҳаввули жарф ва муҳимме дар сохтори ҷомеаи суннатӣ ва исломии Ява эҷод кард. Суннатгароён ҷаҳонро собит ва бидуни тағйир медиданд, дар ҳоле, ки ислоҳталабон ба ҷаҳоне, ки доиман дар ҳоли тағйир аст, бовар доштанд. Ҳамчунин суннатгароён ба дур будани дин аз ирфон ва розолуди он таъкид карда, чунин мепиндоранд, ки танҳо хондани намоз, гирифтани рӯза ва тиловати Қуръон дар одам оромиши дарунӣ ва сафову покиро ба вуҷуд меоварад [Lapidus, 1999. С. 765].

Ҷараёни рӯшанфикрии динӣ шомили хаёлҳои мухталифе аст ва тақрибан ҳамаи онҳо ба ҷудоии дин аз давлат ва тақвияти исломи фарҳангӣ аз исломи сиёсӣ ва таксиргароии динӣ таъкид доранд. Аз шахсиятҳои асаргузор дар ҷараёни рӯшанфикрии исломӣ бояд аз Аҳмад Сукарно, аз раҳбарони мусулмони муборизони зидди истисмори Индонезия ва аввалин раисҷумҳури ин кишвар (аз соли 1945 то 1966) ёд кард. Ӯ зимни эътиқод ба миллигароӣ ва иттиҳоди он ба Ислом ва марксизм таъкид кардааст ва бо ҳамин асос дар

маҷмуаи мақолоташ, ки дар соли 1926 дар нашрияи “Индонезия моида” ба чоп расидааст, бар адами тафовути воқеӣ байни миллигароӣ, Ислом ва марксизм ба унвони идеология таъкид карда изҳор доштааст, ки ҳар яке аз ин се метавонад мабнои идеологияи истиқлолталабонаи Индонезия бошад [Legge, 1972. С. 68-69, 81-83; Purwanto, 2004. С. 1226]. Дар ин ҳол Сукарно, бахусус пеш аз истиқлоли Индонезия ба ягонагии (мустақилии) дин таъкид мекард. Ӯ ба ҷудоии дин аз сиёсат бовар дошт ва мувофиқи дахолати дин ба ҳавзае фаротар аз умури мазҳабӣ набуд. Албатта Сукарно гароишҳои исломии худро пинҳон намекард ва худро мусулмони демократ медонист. Аз назари ӯ дар кишваре монанди Индонезия байни сиёсат ва дин танҳо ду ҳолат мутасаввир аст: ваҳдати дин ва сиёсат бидуни демократия ё ваҳдати демократия ва сиёсат бидуни дин. Ӯ ҳолати дувумро бисёр тарҷеҳ медод, чаро ки аз назари вай дар ин сурат аҳкоми исломӣ нодида гирифта намешуд ва маҷлис метавонист онҳоро дар чаҳорчубаи қонунҳои давлатӣ биғунҷонад [Adams, 1965.С. 198-199; Noer,1978. С. 286-287]. Дар муқобил Муҳаммад Носир аз исломгароёни Индонезия ва роҳбари “ҳизби иттиҳоди ислом” ба мухолифат бо андешаҳои ғарбӣ ва миллигароёнаи Сукарно бархоста таъкид кардааст, ки Ислом ҳама паҳлӯҳои ҳаёти инсонро дарбар мегирад. Дар воқеъ роҳбарони ислоҳталабӣ ва навгароии исломӣ бо миллигароӣ мухолиф буданд ва онро дастоварди башарӣ медонистанд, дар ҳоле, ки Ислом аз назари онҳо асосёфта бар ваҳйи илоҳӣ аст ва эътиқодоту аҳкоми исломӣ бояд ба унвони ҳақиқате тағирнопазир ҳамвора бар зиндагии фардӣ ва иҷтимоии инсонҳо ҳукмрон бошад [Noer, 1978. С. 320-322, Ricklefs, 2008. С. 298-299]. Сукарно бо тартиб ва сомондиҳии “Панчасила” ё панҷ усуле, ки дар воқеъ нишондиҳандаи фалсафаи иҷтимоии пурнуфузтарин раҳбарони миллигаро ва дарбаргирандаи

андешаҳои роиҷ дар ҷомеаи инқилобӣ ва истисморситезии Индонезия пас аз Ҷанги ҷаҳонии дувум буд ва дар мароми таҳсилкардагони индонезӣ вуҷуд дошт, омехтае аз демократияи ғарбӣ, навгароии исломӣ, марксизм ва демократияи рустоӣ ва бумӣ ва порае аз ақидаи коммунистиро ба мардум баён дорад. Ба ин тартиб пазириши "Панчасила" дар Индонезия ба маънии ҷудоии дин аз сиёсат ва ё ҳамон секуляризм аст [Cribb, 2002. C. 1017; Lapidus, 1999. C. 1062; Eliraz, 2008. C. 391]. Навгароён ва рӯшанфикрони динии секуляр бо пазириши идеологияи "Панчасила" дар даврони Суҳарто ба густариши ҷудоии дин аз сиёсат ва ҷойгузинии исломи фарҳангӣ ба ҷои исломи сиёсӣ кӯмак карданд. Муҳамммад Суҳарто дувумин раисҷумҳури Индонезия дар соли 1990 созмоне бо номи "Анҷумани рӯшанфикрони мусулмон"[30]-ро таҳти идораи давлат ва бо манзури таҳқиқ ва густариши андешаҳои навгароёна дар Ислом ва иртиботаш бо давлатро дар Индонезия таъсис дод, то бо ҳифзу тақвияти моҳияти секулярии ҳукумат ва ҷараёнҳои исломгароро, ки хатари бузург барои қудрати ӯ ба шумор мерафтанд, заиъф гардонад. Бо рушди ҷараёнҳои исломии ифротӣ пас аз даврони Суҳарто аҳамият ва зарурати иртиботи ҷараёнҳои исломии либералӣ бо якдигар барои сафороӣ дар баробари ифротгароии исломӣ беш аз пеш эҳсос мешуд [Eliraz, 2008.C. 384, 391; Gross, 2007. C. 93].

Ҷараёни исломи либералӣ дар охири даҳаи 1960 ва аввали даҳаи 1970 оғоз шуд. Фазлурраҳмон мутафаккири навгарои покистонӣ-амрикоӣ дар эҷоди ҷараёни исломи либералӣ таъсири зиёде доштааст. Ин ҷараёнро шахсиятҳои индонезии барҷастае ба мисли Ҳорун Наситиён, Мунаввир Шозли, Нурчолис Маҷид, Абдурраҳмон Ваҳид, Аҳмад ал-Ҳабиб ва

---

[30] The Association of Muslim Intellectuals (ICMI)

Ҷуҳон Афандӣ бунёд ниҳодаанд [Eliraz, 2008. C. 383]. Ин даврони бархурдкунанда бо даргирии ду ҷараёни фикрӣ дар Индонезия: ҷараёне, ки аз ҳукумати секуляр дифоъ мекард ва дигар ҷараёне, ки савдои ҳукумати исломӣ дар сар дошт. Ҷараёни исломи либералӣ дар ин миён рӯйкарди ҷадидро матраҳ кард, ки дар асоси он танҳо бо тафсири нав аз илоҳиёти исломӣ метавон ба дурустӣ муносибати Ислом ва сиёсатро бозхонӣ кард. Онҳо бо ҷидду ҷаҳд кардан ва далел овардан ба мустақилияти илоҳиёт аз сиёсат ва давлатро таъкид мекарданд. Манзур аз ин таваҷҷуҳ ба замина ва шароит дар фаҳму тафсиру шарҳи дин аст. Ба ин тартиб онҳо умедвор буданд, ки Исломро бо шароит ва вижагиҳои галаҷазираҳо мутобиқ гардонанд. Ва рӯйкарди мусулмонони Индонезия ба навгароӣ, ки пайванди наздик бо барномаҳои вусъатдодаи низоми идории Суҳарто дошт, ҳамоҳанг ва ҳамроҳ созанд. Онҳо зимни қабули матлаб устувор будани Ислом ва тафсири Қуръонро дар фаҳми мусулмонон ба инобат гирифта суннатро мувофиқ бо шароит ва тақозои замон тағирёбанда донистаанд. Аз назари онҳо идаои ташкили ҳукумати исломӣ далоили рӯшан ва қатъӣ дар Қуръон ва суннат аст. Ба ин тартиб аз назари ин ҷараён Ислом маҷмуае аз таъолими тафсирпазир ва ғайриидеологӣ аст. Бо ҳамин асос фаҳми мусулмонон аз дин набояд ба макону замони хосе маҳдуд шавад ва ба иборaи дигар ба тафсири идеологӣ аз Ислом дар мухолифат ва муноқиша истифода бурд. Дар ин дидгоҳ фақат Худо ҳақиқати мутлақ аст ва ҳеҷ касе наметавонад иддаъокунандаи дарёфт ва шинохти воқеияти мутлақи Ислом бошад ва ба ин далел ҳам касе ҳақ надорад нигоҳи худ аз Исломро ҳақиқитар аз нигоҳи дигарон бидонад. Бинобар ин мусулмонон бояд ба таҳаммулгароӣ ва тамкинии динӣ, дар муносибат чӣ бо мусулмонон ва чӣ бо ғайри мусулмонон пойбанд бошад

[Eliraz, 2008. С. 385-386; Effendy, 2003. С. 62-79; Azra, 1997. С. 51].

Исломи либералӣ дар Индонезия дар миёни рӯшанфикрони мусулмони ҷавони индонезӣ мавқеияти бисёр муҳим пайдо кардааст ва дар ҳаёти рӯшанфикрии индонезӣ ва дар сарнавишти умумии ҷомеаи Индонезия таъсиргузор мебошад.

Аз даҳаи 1980 сар карда дар алоқа бо Ислом рӯшанфикрон ва бисёре аз мусулмонони табақаи миёнаи шаҳриро ормонҳои (идеализми) исломи либералӣ ва фаҳми мутараққитар аз Ислом ба худ ҷалб намудааст [Eliraz, 2008. С. 391, 403].

Исломи суннатӣ дар Индонезия бештар рангу бӯи ирфонӣ дорад ва ҳосили омезиши исломи сӯфиёна бо арзишҳои бумии мардуми ин минтақа аст. Ҷараёни исломи суннатӣ дар асри нав бо чолишҳои густурдае рӯ ба рӯ шудааст. Аз як сӯ ҷараёни ислоҳталаби динии Ховари Миёна ба монанди ҷараёни “Салафӣ” ва “Ваҳҳобӣ” ва аз сӯи дигар ҷунбишҳои рӯшанфикрии динии секуляр бо исломи суннатӣ ба мубориза пардохтаанд. Бунёдгароии исломӣ низ, ки аз тафаккуроти исломгароёни тундрав ғизо мегирад муҳимтарин чолиши исломи суннатӣ ба шумор меравад. Исломи суннатӣ низ кӯшидааст зимни ҳифзи ҳуввияти таърихияш то ҳудуде ба баъзе ислоҳот тан диҳад ва аз сӯи дигар бо таъсиси анҷуманҳо, созмонҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ, ҳамчунон аз ҷойгоҳ ва нақши мумтозаш дар ҷомеаи бузурги мусулмонони ин кишвар муҳофизат кунад. Муҳимтарин намояндаи исломи суннатӣ дар Индонезия ҳаракати “Наҳзат-ул-уламо” аст. Ба назар мерасад, ки ин ҷараён бо ҳамоҳангсозии худ бо пешрафту арзишҳои давраи муосир, бо боварҳои суннатии хурофотӣ ва номақбул битавонад ҳузури қудратманди худро дар ҷомеаи Индонезия идома диҳад.

Ҷараёни ислоҳталаб ва навгарои исломӣ, ки анҷумани “Муҳаммадия” муъаррифгари он аст, зимни мухолифат бо исломи суннатӣ ва таъкид бар ислоҳи тафаккури динӣ,

нигоҳе низ ба тавсеа ва пешрафт дорад ва эҳтиёткорона аз тарҳҳои (моделҳои) ғарбӣ, то ҷое, ки ба аҳдофи исломии он худашро ворид накунад, баҳра мебарад. Муҳимтарин чолиши ҷараёни ислоҳталаб ва навгарои исломӣ ин аст,ки дар доми ифротгароии исломӣ наяфтад ва аз миёнаравӣ дур нашавад. Ба назар мерасад, ки ин ҷараён бо қуввати дар масири ақлоният ва эътидол (мадоропешагӣ) дар байни мусулмонони Индонезия сар хоҳад бардошт.

Ҷараёни исломи либералӣ, ки яке аз намояндагони муҳимтарини он Нурчолис Маҷид аст дар миёни донишмандон ва табақаи миёнаи ҷомеа бо иқболи рӯ ба рушд рӯ ба рӯ шудааст. Ин ҷараён тавонистааст ба хубӣ худро бо арзишҳои даврони ҷадид ҳамоҳанг созад ва бо пуштибонии нерӯи андешамандони ҷавон ба монанди Авло-ал-Абсор фаъолияти худро пеш барад ва барои ояндаи рӯшан дар Индонезия заминасозӣ кунад.

Дар канори инҳо бояд аз ҷараёнҳои заифтаре аз қабили ҷараёнҳои ифротӣ, салафӣ ва ғайри динӣ ёд кард. Ин ҷараёнҳо албатта бо истиқболи умумӣ рӯ ба рӯ нашудааст, зеро дар табиати исломи индонезӣ рӯҳи миёнаравӣ ва тасомеҳу мадоро ғолиб аст. Ҳатто дар даврони қабл аз модерн уламо ва ҳокимони шаръ (оину тариқати дини ислом) дар пайи ҳамл кардани (бор кардани) андешаҳои яксӯ нигаронидашудаи худ бар ҷомеаи мусулмони Индонезия набудаанд. Албатта ногуфта намонад, ки ин ҷараёнҳо метавонанд дар сурати заиф шудани он се ҷараёни аслӣ, қудрат бигиранд ва ҷомеаи Индонезияро бархилофи ҳама фарозу нишебиҳо, ки тафаккури ҳамвазнии исломиро убур накардааст, бо чолишҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардонанд.

# ХУЛОСА

Тӯли чандин сол аст, ки дар як қатор кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ тамоюл ва рӯҳияи исломгароӣ рушд ёфта, нуфузи пешвоёни исломӣ дар ҷомеа қувват мегирад. Исломгароӣ аз ҷониби як қатор муҳаққиқон ҳамчун ҷараёни сиёсие ҳисобида мешавад, ки ҳадафи асосиаш исломӣ намудани сохтори сиёсӣ мебошад ва баъди ғалабаи инқилоби исломӣ дар Шарқи Наздик ба феномени ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Осиёи Ҷанубу Шарқӣ низ дар ин раванд истисно нест ва ин минтақа низ дар маркази диққати ин ҷараёни сиёсӣ қарор дорад ва дар кишварҳои ин қаламрав низ барқарорсозии “Исломи ноб” ва кӯшишҳои дар тамоми умури зиндагӣ, ҷорӣ намудани назария ва усулҳои он ба чашм мерасад. Исломгароӣ солиёни зиёде барои режимҳо хавфу хатаре надошт, аммо ҷонибдорони он қотеона, ҳадафмандона ва ба таври фаъол онро ба сифати алтернатива ба системаҳои мавҷудаи сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ пешбарӣ намуда, дар охир инро эътироф намудан лозим аст, ки ба дастовардҳои муайяне ноил ҳам шудаанд.

Воқеаҳои моҳи сентябри соли 2001-ум барои тавсеаи исломгароӣ дар минтақа асари зиёд дошт. Ин ҳодиса ва оқибатҳои он, аз ҷумла маъракаи зиддитеррористии ИМА дар Афғонистону Ироқ боиси баҳсу мунозираҳо оиди исломгароӣ гардида, воқеаҳои мазкурро обуранги радикалӣ бахшиданд. Масалан, дар Индонезия даъват ба ҷиҳоди густурда алайҳи “сионизми ҷаҳонӣ” мавзӯи асосии таблиғоти пешвоён ва мубаллиғони динӣ ва сиёсӣ гардидааст ва онҳо бо ин таблиғоташон манфиатҳои зиёди сиёсӣ ба даст меоваранд. Ин даъватҳо, барои ба амал омадани як қатор таркишҳои хунин ва қурбониёни зиёд дар шаҳрҳои мухталифи кишвар ва намоишҳои эътирозӣ бо талабӣ, ҷорӣ

кардани шариат мусоидат намуданд. Дар Малайзия шиору плакатҳои бешумори “Мо ошиқи ҷиҳодем” ва суратҳои Бин Лодан рамзу нишони ҷамъомадҳои ҷавонони малайзиягӣ гашта буданд.

Дар Филиппин низ радикализатсияи ошкорои ҳаракати исломӣ ба чашм мерасад. Он дар шакли муборизаҳои мусаллаҳона дар музофотҳои мусулмоннишини ҷануби кишвар ва дар авҷгирии фаъолияти Фронти озодихоҳи исломии Моро ифода меёбад. Гурӯҳи Абусайёф, ки бо “Ал-Қоида” робитаи зич дорад, вақтҳои охир бо мақсади дарёфти маблағ ва як шакли хосаи намоиши эътирозӣ бар алайҳи сиёсати “зидди исломии” Ғарб даст ба рабудани сайёҳони хориҷӣ дароз намудааст. Илова бар ин, ҳануз дар солҳои 70-80-уми қарни XX идеологияи ҷунбиши исломии Филиппин, ки дар он майли ҷудоихоҳӣ ба мушоҳида мерасид, аз Исломи ортодоксалии сиёсӣ ва аз бунёдгаро дур буд. Дар барномаҳои Фронти озодихоҳи исломии Моро шариатикунонии сохторҳои ҷамъиятии Ҷумҳурии Морои оянда ба таври дақиқ ва равшан баён наёфтаанд. То андозае ки ҷунбишҳои исломӣ дар Филиппин радикалӣ мешаванд, ҳамон қадар низоъҳои динӣ ва байнимазҳабӣ ҳам бештар мегарданд.

Авҷи фаъолияти террористии исломиҳо ОҶШ таркиш дар ҷазираи Балии Индонезия ба ҳисоб меравад, ки дар ин ҳодиса 200 нафар кушта ва 300 нафари дигар маҷруҳ гашта буданд. Бештари қурбониён сайёҳони хориҷии австралиягӣ мебошанд. Асар ва аломатҳои пас аз амалиёт боқимонда ба сӯи гурӯҳи террористии минтақавии пинҳонии “Ҷамоаи исломия” мебарад, ки ҳадафаш сохтани “давлати исломӣ” дар қаламравҳои Индонезия, Малайзия, Филиппин, Сингапур ва Бруней мебошад. Дар моҳи марти соли 2003 дар фурудгоҳи Даваои ҷазираи Минданао (Филиппин) ду таркиши азим ба амал оварда мешавад. Тобистони соли 2004

ҳам садои таркиш шунида мешавад ва ҳаёти чандин одамонро амалиёти террористии меҳмонхонаи “Мэриот”-и Ҷакарта аз байн бурд. Дар ин шароит муайян кардан муҳим аст, ки чӣ гуна ва то чӣ андоза ҷангҷӯёни исломӣ, дар авзои ҷомеаи кишварҳои ОҶШ, нуфузу таъсири пурзӯр дошта метавонанд? Чунин тарзи масъалагузорӣ дуруст аст, чунки аз рӯи қоида чунин амалиёт аз ҷониби аҳолӣ ва ҳукумат вокуниши ҷавобӣ дорад.

Таваҷҷуҳи мусулмонони суннатӣ ё мадоро ба дин зиёдтар мешавад. Аз хароб гардидани пояҳои ахлоқӣ ва аз мушоҳидаи оқибатҳои иҷтимоии он, ки омилаш фассод (корррупсия) мебошад, мусулмонони мадоропеша ба ҳолати яъс ва ноороми афтода, дин ва сохторҳои ташкилотии онро ягона роҳи ҳалли масъалаҳои мазкур мешисобанд ва худогоҳонаю нохудогоҳона “захира”-е барои пурра кардани сафҳои радикалҳои исломӣ мегарданд. Мувофиқи тадқиқотҳои фонди Осиёии дар ИМА буда, пешвоёни ташкилотҳои динии Индонезия дар ҳалли масоили маишӣ ва иҷтимоӣ нисбати полис ва судҳо аз боварӣ бештар бархӯрдоранд. Ректори Донишгоҳи давлатии исломӣ ва донишманди машҳури индонезӣ Азиюмардӣ Азро изҳор мекунанд, ки бисёр одамон ба ташкилотҳои динӣ муроҷиат мекунанд, чунки давлат аз уҳдаи ҳалли мушкилоти онҳо барнамеояд. Инро чунин тафсир намудан мумкин аст, ки пас аз фурӯпошии режими Суҳарто (ки исломситезиро пеша карда буд), демократикунонии ҷомеа, ки ҷамъият ба он тайёр набуд, ба раванди исломгароӣ табдил ёфт. Мувофиқи тадқиқоти маркази омӯзиши исломии Ҷакарта 61% пурсидашудагон ҷонибдори дар ҳаёти рӯзмарра ҷорӣ намудани меъёрҳо ва аҳкоми шаръӣ мебошанд, вале аксарияти онҳо мухолифи муҷозотҳои шариат, аз қабили буридани дасти дузд ва сангсор кардани занҳои зонияанд. Пешвоёни исломӣ дар ин ҷо тавассути парлумони кишвар

кӯшиши нобарорӣ “шаръикунонии” Сарқонуни кишварро карда буданд. Дар як қатор ноҳия ва музофотҳо, ки худмухторияти васеътареро ба даст овардаанд, ба таври ошкоро масъалаи бештар намудани нақши шариат дар ин ҷойҳо муҳокима мешавад. Ба қарибӣ волии Яваи Шарқӣ бо қарораш оиди ҳатмӣ будани рӯймолбандии духтарон дар мактабҳои давлатӣ ва дар рӯзҳои ҷумъаву идҳо ҷомеаи кишварро дар ҳайрат гузошт. Аммо ин ташаббус аз ҷониби бисёриҳо дастгирӣ наёфт ва бо доштани шумораи ками ҷонибдорон ба ин амр имкон дода нашуд, ки қонунӣ гардонида шавад.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки унсурҳо ва аҳкомоти динӣ дар ҷомеаи Индонезия ва Малайзия ҳамеша дар ҳаёти рӯзмарраи ин мардум роиҷ ҳастанд. Меъёрҳои динӣ дар ҳаёти оилавӣ, қисман дар ҳалли масъалаҳои саробонӣ, мерос, тақсими мерос ва ғайра ба назар мерасанд. Шикоятҳо аз ҷониби судҳои мазҳабӣ, баррасӣ мешаванд ва дар ин кишвар шумораи чунин судҳо ба 300 адад мерасад. Ин судҳо дар Суди олии кишвар намояндагӣ доранд. Дар Малайзия, ки тамоми шаклҳои қонунгузорияшро аз метрополияи пешинааш – Британияи Кабир ба мерос гирифтааст, масъалаҳои никоҳ, оила ва ахлоқи исломӣ тибқи шариат татбиқ карда мешаванд. Судҳои мазҳабӣ оиди масъалаи истеъмоли машруботи алкоголӣ, намоз нахондан, хиёнати заношавҳарӣ, ҳамҷинсгароӣ ва ғайра ҳукм мебароранд. Ин ҳукмҳо хеле сабук буда, бештар хусусияти тарбиявӣ доранд ва бо мақсаде амалӣ карда мешаванд, ки муттаҳамон аз такроран содир намудани ин гуноҳҳо худдорӣ намоянд. Аз рӯи моҳият дар ин кишварҳо масъалаи асосӣ, ҷорӣ кардани шариат нест, балки дар микёсу ҳудуди истифодаи он аст. Оиди ин масъала дидгоҳи мусулмонони ба истилоҳ мадоропеша ва радикалҳо тафовути калон дорад.

Мавқеи мусулмонони боэътидол аз он иборат аст, ки меъёрҳои ҳуқуқи шаръӣ бояд аз рӯи интихоб ва ихтиёрӣ, бе дахолат дар ҳарими зиндагии шахсӣ дар амал татбиқ карда шаванд. Барои мусулмонони муътадил дар он ҷомеае, ки идеали тундагароён мебошад, ҷой нест. Зимнан, ҷонибдорони исломи радикалӣ дар иҷрои тамоми аҳкоми шаръӣ, пофишорӣ мекунанд ва ба тамоми ҳаводиси зиндагии ҷомеа аз дидгоҳи шаръ назорат мебаранд. Аммо ҷонибдорони ин равия дар Индонезия бисёр нестанд. Музофоти Аче, ки мақсади аз кишвар ҷудо шудан ва давлати исломӣ гаштанро дорад, барои худ як озмоишгоҳе гаштааст, ки дар ин макон меъёрҳои шариат ба таври васеъ нуфузу таъсир доранд. Дар ин музофот чораҳо барои ба таври қатъӣ, маҳдуд кардани истеъмоли алкогол, рӯймолбандии ҳатмии занҳо, ҷудо гаштани мардону занон дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва манъи қимор амалӣ мешаванд. Аммо дар ин ҷо ҳам аз буридани дасти дузд ва сангсор кардани зани зония ҷонибдорӣ намекунанд.

Волии музофоти Аче Абдулло Путэ лоиҳаи қонунеро таҳия намудааст, ки мувофиқи он дар салоҳияти судҳои шариатӣ дар ҳаллу фасли масъалаҳои ҷиноӣ ва тиҷоратӣ низ ҷорӣ карда мешаванд. Аммо, чуноне ки таҳлилгарони маҳаллӣ ва ректори Донишгоҳи давлатии исломии Аче, иброз медоранд, ин қарор бештар хусусияти сиёсӣ дошта, дар амал татбиқ кардани он маҳол аст. Ҳарчанд музофот намояндагонашро ба Малайзия ва Миср барои омӯхтани таҷрибаи онҳо дар татбиқи пурраи шариат фиристода бошад ҳам, раиси суди Аче Суфиён Солеҳ иброз медорад, ки ин раванд мураккаб буда, замони дурру дарозро тақозо мекунад, ғайр аз ин, барои ҳалли ин масъала дар байни аҳолии панҷмиллионии Аче ҳамоҳангӣ лозим аст. Илова бар ин, аз замони шӯришҳои истиқлолхоҳии миёнаи солҳои 70-уми асри гузашта сар карда то ба имрӯз шумораи

қурбониёни мунокишаҳои зӯроварона дар Аче аз чандин ҳазорҳо мегузарад, вале пешвоёни асосии истиқлолхоҳ бошанд дар хориҷи кишвар зиндагӣ мекунанд.

Дар Малайзия ҳалли масъалаҳои динӣ бо тору пуди вазъи мураккаби сиёсӣ ва этникӣ дарҳам танидааст. Ҳизби оппозитсионии динӣ “Ҳизби исломии Малайзия” (ҲИМ) сиёсати хешро барои ба даст овардани ҳокимият дар асоси масъалаи доимии Малайзия - оқибмондагии малайзиҳои мусулмон, ки аксарияти аҳолиро ташкил медиҳанд ба роҳ монда, Исломро ҳамчун силоҳ дар мубориза хеш дар муқобили ҳизби ҳоким – Созмони миллии иттиҳоди Малайзия истифода мебарад. Ҳар ду ҳизб ҳам барои монополияи тафсиру татбиқи дурусти Ислом дар шароити кишвар мубориза мебаранд. ҲИМ исрор меварзад, ки дар кишвар барои ҳукми ҷиноятҳо фиқҳи исломӣ-ҳудуд на танҳо барои қарорҳои суди шариатӣ, балки барои муайян намудани тамоми паҳлуҳои зиндагии ҷомеа ҳамчун беҳтарин усул ҷорӣ карда шавад ва барои риоя накардани аҳкоми шаръ сахттарин муҷозот таъин карда шавад. Лекин аз татбиқи ҳудуд ҳамчун меъёри расмии ташхиси ҷиноят ва ҷазо дар иёлоти Келантан ва Тренггану дар шимоли Малайзия, дар музофотҳои мусулмоннишин, ки ин ҷойҳо пурра дар зери назорати исломиҳо мебошанд, 19 сол гузашта бошад ҳам, ин қонунро дар амал татбиқ карда наметавонанд. Созмони миллии иттиҳоди Малайзия бошад изҳор медорад, ки татбиқи аҳкоми шаръ, яъне ҳудуд ғайриконститутсионӣ аст. Куала Лумпур ба полисҳои иёлотҳои номбурда тавсия додааст, ки бо ҳукуматҳои маҳаллӣ, агар қарорҳояшон доир ба ҳуқуқвайронкуниҳо тибқи Сарқонуни кишвар набошанд, ҳамкорӣ накунанд. Зимнан, сарвазири иёлати Тренггану ва сарвари ҲИМ Ҳодӣ Аванг изҳор доштаанд, ки масъалаи мазкур роҳи ҳал дорад ва он роҳ маҳз ба фоидаи ҲИМ мебошад ва дар давоми сол

ин қарор қабул хоҳад шуд. Сарвазири иёлати Тренггану дар мусоҳибааш бо рӯзноманигоре изҳор доштааст, ки эълони ин тасмим дар байни мардум барои мубориза алайҳи ҷинояткорӣ "натиҷаҳои муассир" ба бор овард, чунки вайронкунандагони тартибот аз ин кор сахт дар ҳарос афтоданд.

Таърихи пайдоиши радикалҳои исломӣ дар Малайзия норавшан аст, вале мавҷудияти онҳо ҳақиқати воқеист. Ҳамин чиз равшан аст, ки алҳол, дар шароити ҳозира онҳо ба амнияти Малайзия хатар эҷод намекунанд. Аммо шароите ки дар Малайзия эҷод шудааст, худ далели он аст, ки дар сурати сиёсӣ шудани Ислом шохаи радикалии он, бо вуҷуди нақши муассир надоштанаш дар фазои сиёсии кишвар, дар таносуби ҷобаҷогузории қувваҳо дар кишвар таъсиргузор хоҳад буд. Ҳукумати Маҳатҳир Муҳаммад барои ба саҳнаи сиёсӣ омадани экстремистҳо манфиатдор буд, чунки онҳо барои ҳукумат силоҳи таблиғотие буданд, ки тавассути онҳо бар зидди мухолифони исломӣ мубориза мебурд. Писари пешвои рӯҳонии ҲИМ Ника Азиз, роҳбари ташкилоти "Гурӯҳи муҷоҳидони Малайзия" мебошад ва дар амалиётҳои экстремистию террористӣ гунаҳкор дониста шудааст. Ҳамроҳ бо писари яке аз роҳбарони ҲИМ даҳҳо нафар муҷримону ҷинояткорони радикал зиндонӣ шуда, обрӯйи ин ҳизбро доғдор намуда буданд.

Маҳатҳир Муҳаммад экстремизми исломиро қатъиян маҳкум намуда, бо ин амалаш на танҳо мусулмонони боэътидолро, ки аксариятро ташкил медиҳанд, ба худ ҷалб намуд, балки намояндагони мазҳабу равияҳои динӣ ва гурӯҳҳои этникии гуногунро низ ба худ моил кунонд. Дар натиҷа ба ӯ муяссар гашт, ки пойгоҳи сиёсии хешро, ки дар интихоботи парлумонии охири соли 1999 пароканда гардида буд, муттаҳид намояд. Суботи сиёсӣ имкон фароҳам намуд, ки якчанд чорабиниҳо дар Малайзия дар амал татбиқ

шаванд ва дар натиҷаи онҳо иқтисодиёти кишвар боло рафт. Барои Малайзия ҳамчун кишвари ба тиҷорати хориҷӣ вобаста муборизаҳои зиддитеррористию самти пешгирифтаи сарварони давлаташ, барои ба эътидол омадани муносибатҳояш бо шарики асосии тиҷоратиаш - ИМА боис гардид.

Табиист, ки на ҳамеша иштироки экстремизм дар фазои сиёсӣ чунин натиҷаҳои хуб ба бор меорад. Дар ҷануби Филиппин, масалан ҷанговарони Фронти озодихоҳи исломии Моро барои давлати мустақили исломӣ дар тамоми қаламрави ҷазираи Минданао мубориза мебаранд, ҳарчанд мусулмонон аз 14 музофот танҳо дар чортои он аксариятро ташкил медиҳанд. Хуруҷу авҷи зуровариҳо аз ҷониби исломиҳои радикал боис шудааст, ки президенти кишвар Глория Арройо, ки ҷонибдори сиёсати Амрико буд, дубора ҳамкориҳои ҳарбии густурдаро бо ИМА ба роҳ монад. Баъди таътили даҳсола дубора ба Филиппин баргаштани аскарони амрикоӣ дар байни сокинони кишвар вокунишҳои мухталиферо ба вуҷуд овард. Намоишҳои эътирозии шадиди сокинон, аз ҷумла ҷамоаҳои исломӣ барпо шуданд. Пурсишҳои озоди афкори омма дар Манила муайян намуданд, ки ин тадбири президенти кишвар, яъне дар мубориза бо терроризм ба ёрии ИМА такя намудан дар байни мардум тарафдорони зиёд низ дорад. Президент аз ин ҳавохоҳиҳо ба таври хуб истифода намуд.

Аксари гурӯҳҳои исломӣ дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, дар умум тарафдори зуроварӣ нестанд. Дар байни онҳо ҳизбҳои сиёсӣ ё гурӯҳҳое, ки аз “Эҳёи Ислом” ҷонибдорӣ мекунанд, пурқувват ва бонуфуз мебошанд. Яке аз калонтарини ин гурӯҳҳо “Наҳзат-ул-уламо” аст, ки на танҳо дар Индонезия, балки дар ҷаҳон пурнуфуз буда 30 млн. ҷонибдор дорад. Ин гурӯҳ тарафдори арзишҳои “анъанавӣ”-и мусулмонӣ мебошанд ва он обуранги таҳаммулгароӣ дошта, дар иҷрои

оинҳо ва аркони Ислом равияи плюралистӣ дида мешавад. Дар баробари “Наҳзат-ул-уламо” гурӯҳи бисёрмиллионаи ҷараёни “Муҳаммадия”-и Индонезия низ ба амалҳои террористии ҷазираи Бали мухолифати шадид нишон додаст ва он яке аз калонтарин ҳаракати исломӣ дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дониста мешавад.

Дар Индонезия бунёдгароии исломӣ ва экстремизм баъди ба даст овардани истиқлолият дар соли 1945 ва пештар аз он низ ҳамеша вуҷуд доштааст, вале онҳо муайянкунандаи идеология ва тамоюлҳои ҷомеаи мусулмонии индонезӣ намебошанд. Ҷонибдорони таҷаддудгароии зиндагӣ дар асоси шариат ва давлати исломӣ сохтани Индонезия ҳамеша ақаллияти аҳолиро ташкил медиҳанд. Ба андозаи пешрафти иқтисодӣ, бештар шудани фарқияти иҷтимоӣ, васеътар шудани фосилаи дорову нодорон барангезандаҳои ташаддуди эҳсосоти динӣ дар байни қишрҳои бенавои ҷомеа гардидаанд. Маҳз ҳамин чиз тавассути идеологҳои тундгаро дасисаи фаъоле мешавад ва онро барои манфиатҳои хеш истифода мебаранд. Ҳамзамон омили дигар ин Ал-Қоида ва ДИИШ аст, ки экстремистонро бо номи бародарии исломӣ аз Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ба доираи нуфузи хеш мекашад ва пешвоёни ҷудоихоҳи Аче ва дигар музофотҳои Индонезия, ки дар зери байрақи давлати исломӣ масъалаҳои худро ҳал мекунанд шомили ин гурӯҳо мешаванд.

Дар бораи сарчашмаи экстремизм дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ сухан ронда, қайд кардан лозим аст, ки дар илми сиёсатшиносии муосир сарманшаи ин равандро дар радикализатсияи эҳсосоти мазҳабии қишри камбизоат ва нобаробарии иҷтимоӣ дидан раво шуда бошад ҳам, омилҳои дигарро низ аз ёд баровардан лозим нест. Қисман, баровардани қушунҳои шӯравӣ аз Афғонистон ва фурӯпошии ИҶШС боиси фаъолшавии экстремизми исломӣ гардидааст ва назарияпардозони он тасдиқ мекунанд, ки бо

ёрии Аллоҳ дар мубориза бо “кофирон” давлати абарқудратеро шикаст доданд ва олами Ислом метавонад абарқудрати дигар ИМА-ро, ки дар тамоми олам зургӯӣ мекунад, мағлуб намояд. Тухми чунин ақидаҳо дар замини ҳосилхези Осиёи Ҷанубу Шарқӣ афтидааст ва дар ин кишварҳо тамоюли зиддиамрикоӣ, доимӣ ва устувор ба мушоҳида мерасад. Радикализм, ки дар замонҳои охир дар ҳаёти сиёсии минтақа нақши калон дошт, баъди сукути идеологияи марксистӣ, бунёди базавии хешро аз даст дод. Мавҷҳои таҷовузкоронаи маоизм ба Индонезия дар солҳои 60-уми асри гузашта, амалиётҳои густурдаи кхмерҳои сурх ва дастаҳои шӯришгар дар Малайзия, Таиланд ва Филиппин акнун дар саҳфаи таърих монданд ва такрори онҳо амри маҳол аст, чунки Ҷумҳурии мардумии Чини “инқилобӣ” ва Иттиҳоди Шӯравии “сотсиалистӣ” беобрӯ гашта, касе ба онҳо пайравӣ нахоҳад кард. Акнун ҳадафи волотар-муҳимтар, арзишмандтар аз ҳаёт лозим аст, то ки бо номи он зуроварӣ ба кор бурда шавад. Терроризм ба пойдевори идеологие эҳтиёҷ дорад, ки ба хотири он азхудгузаштагӣ намуда, аҳолии осоиштаро қатлу ғорат ва ҷазодиҳиҳои оммавӣ ва ғайраро ба роҳ монд. Халои (фазои холии) идеологӣ, ки баъди радикализми чапгаро ба вуҷуд омада буд, бо бунёдгароии экстремистӣ пур карда шуд. Авҷи ҷунбишҳои исломӣ дар ОҶШ як қисми ин раванд аст. Дар ин раванд низ мисли идеологияи марксистӣ, қишри камбизоату бенавоии аҳолӣ, ки наҷот ва ҳалли мушкилоти хешро дар он мебинанд, ҷалб карда мешаванд. Гурӯҳҳои исломии нимҳарбии радикалӣ унсурҳое мебошанд, ки хусусиятҳои бандаҳои ҷиноӣ ва шӯришгарро доранд. Намунаи он гурӯҳи Абусайёф дар Филиппин ва “Ҷанговарони ҷиҳод” дар Индонезия мебошанд, ки дар амалиётҳои онҳо унсурҳои сиёсӣ бо кирдорҳои ҷиноию таҳдиднамоӣ омехта аст. Дар Индонезия инҳо дар солҳои 90-ум ҳамчун дастаҳои

нимҳарбӣ бар зидди истиқлолхоҳии Тимори Шарқӣ истифода мешуданд. Гурӯҳи “Ҷанговарони ҷиҳод” сарбозонашро аз ҳисоби мардони бекори шаҳрҳо ҷамъоварӣ карда, ба оилаҳои онҳо ҳангоми хизматашон моҳона медод.

Ҳайати дастаҳои радикалии исломӣ аз ҷиҳати иҷтимоӣ хеле ҳарранга мебошанд. Ҳамин чиз аён аст, ки оммавияти ин ҳаракатҳоро дар Индонезия камбағалтарин қишри ҷомеа ташкил дода, дар ин дастаҳо мақомҳои поёниро ишғол мекунанд. Аммо нақши асосиро террористони касбӣ мебозанд, ки асли баромади онҳо аз оилаҳои доро аст. Онҳо имкон доранд, ки дар хориҷа зиста, ба минтақа танҳо барои иҷрои амалҳои террористӣ оянд ё дар ҳамон ҷо истода ба раванди воқеаҳо роҳбарӣ намоянд. Масалан, муҷрии таркиши маркази савдои Ҷакарта дар соли 2001 шаҳрванди Малайзия, ки дар ибтидо аъзои “Гурӯҳи муҷоҳидони Малайзия” маҳсуб меёфт ва баъдан пинҳонӣ ба Индонезия меояд, ки дар ҳайати “Лашкари муҷоҳидини ҷазираҳои Молук” амалиёт барад. Аз рӯи гуфтаи политсияи Индонезия, илҳомбахш ва роҳбари асосии ин амалиёт сарвари “Ҷунбиши истиқлолхоҳи Аче” ва писари президенти собиқ Суҳарто Томми мебошанд. Дар узвият ба ҳайати гурӯҳи экстремистии “Ҷамоаи исломия” фарзандони пешвоёни машҳури сиёсии Малайзия гунаҳкор дониста мешаванд. Ҳам “Ҷамоаи исломия” ва ҳам “ Гурӯҳи муҷоҳидони Малайзия”, ки ҳамчун гурӯҳҳои террористии минтақа қобилияти хешро дар гузарондани амалиётҳои густурдаи террористӣ нишон додаанд, аз ҷониби намояндагони соҳибмаълумоти синфи миёна роҳбарӣ шуда, аз ҷаҳонишавӣ манфиатҳои зиёд ба даст меоваранд ва худашон қурбонии он намешаванд. Ин ҳар ду гурӯҳ дар интихоботҳо аз ҷониби қишрҳои камбизоати аҳолӣ дастгирӣ наёфтаанд.

Дар ОҶШ гурӯҳҳои исломӣ ба якчанд категорияҳои муайян тақсим мешаванд: ҳаракатҳо барои эҳёи фарҳанг ва маънавиёти исломӣ; ҳизбҳои сиёсӣ; ташкилотҳои мусаллаҳ ва ғайримусаллаҳе, ки барои мухторият ва ҷудосозии ноҳияҳои мусулмоннишин мубориза мебаранд; гурӯҳҳои радикалии нимҳарбӣ ва шабакаҳою гурӯҳҳои хурди транснатсионалии террористӣ.

Омили динӣ, на ҳамеша накши пайвандкунандаро мебозад, мисоли равшани он кишвари калонтарини мусулмонии олами Ислом - Индонезия аст, ки 90%-и аҳолии 270 миллионаи он Исломро пайравӣ мекунанд[31]. Пайравӣ ба як дини воҳид ба хунрезии дурударози Аче мусоидат накарда бошад ҳам, лекин онро пешгирӣ ҳам карда наметавонад, чунки муборизони ин ду тараф ҳар яке мафҳуми Исломро ба таври хеш мефаҳманд. Чунин манзараи гуногунрангро дар байни тарафдорони "Исломи либералӣ", қисман дар муносибаташон бо экстремистҳо мушоҳида кардан мумкин аст. Дар муҳити минтақа қишрҳои гуногуни ҷомеа бо гароиш ба ҷараёнҳои мухталифи исломӣ, манфиатҳои мухталиф ва гоҳо ба ҳам зидро баён менамоянд. Ҳамаи ин ба як масъала - дар Индонезия ба шариатӣ намудани сарқонун робита дорад.

Зимнан, бояд дар байни талошу мақсадҳои содиқона ва кӯшишҳои динии қишрҳои гуногуни ҷомеа ва гоҳо изҳоротҳои "худтаблиғкунанда"-и сиёсатмадорон, ки хусусиятҳои ҳадафмандона ва муғризона доранд, сарҳадгузорӣ намоем. Имрӯз Ислом дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ василае барои ба даст овардани ҳокимият гаштааст. Дини Ислом ба таври бесобиқа имрӯз бар зарари рисолати асосии он сиёсӣ карда мешавад ва тобиши сиёсии дин ба маънавиёти он зарбаҳои амиқ мерасонад.

---

[31] Население Индонезии на 2020 год // По URL: https://www.populationpyramid.net/ru/индонезия/2020/

## ХАРИТАИ СИЁСИИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ ҶАНУБУ ШАРҚӢ



**ХАРИТАИ НУФУЗИ МУСУЛМОНОН ДАР КИШВАРҲОИ ОСИЁИ ҶАНУБУ ШАРҚӢ АЗ РӮИ ФОИЗ ВА ТЕЪДОДИ АҲОЛӢ**



# АДАБИЁТ:

## бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ


1. Агаджанян А.С. Буддизм и политические конфликты в Юго-Восточной Азии // Религия и конфликт. М.: РОССПЭН, 2007. С. 266 - 283.
2. Алиева Н.Ф. Структурно-типологическое исследование языков Юго-Восточного Азии. М.: ИВ РАН, 2015. 168 с.
3. Асадӣ М. Ҷаҳони ислом. Теҳрон: Маркази нашри донишгоҳӣ. 1948.
4. Баротзода Ф. Нақши омили исломӣ дар раванди бозиҳои сиёсӣ ва иқтисодии кишварҳои мусулмонии Осиёи Ҷанубу Шарқӣ // Ҳолат ва дурнамои ҳамкориҳои ҶТ бо кишварҳои ОҶШ (маҷмӯи мақолаҳо). Душанбе, 2018. 144 с.
5. Васильев Л.С. История Востока: учебник для магистров: в 2 т. Т. 2 / Л.С. Васильев. М.: Из. Юрайт, 2016. 788 с.
6. Всемирная история. Том 11. М.: Мысль, 1977.
7. Гушер, А. Что нового в арсенале террористов?: и как успешнее бороться с набирающей силу "чумой XXI века" // Азия и Африка сегодня. - 2006. - № 4. - С. 3-10.
8. Ғуломризо Г.З. Ҷуғрофиёи ҷаҳони ислом, ошноӣ бо кишварҳои исломӣ ва қаламрав ва ақалиятҳои мусулмон. Қум: Интишороти муассисаи омӯзиш. 1965.
9. Ғуломризо С. Растохези Индонезия. Иттиҳод дар айни ихтилоф. 1965.
10. Ефимова Л.М. Ислам в Юго-Восточной Азии в XXI веке. Москва, Издательство МГИМО (Университет), 2014. 203 с.
11. Иззатуллоҳ И. Ҷуғрофиёи сиёсии ҷаҳони ислом. Қум: Воҳиди тадвини китоби дарсӣ. 1968.

12. Изменения в сфере отношений государства и духовных общин в странах Юго-Восточной Азии // "НГ-Религии". [манбаи электронӣ]. URL: http://www.ng.ru/ng_religii/2015-09-02/6_asia.html (санаи истифодабарӣ: 20/08/2018).

13. Ким К. Таърихи ҷанубу шарқӣ Осиё. Остони Қудси Разавӣ. 1954.

14. Кирей Н.И. Территориальное распространение ислама в Азии и Африке // Историческая и социально-образовательная мысль. 2012. С. 41-45.

15. Комарова И.И. Мусульмане Юго-Восточной Азии. Восточный свет. 2010. С. 76-95.

16. Крачковский И.Ю. Избранные сочинения. Том 06. Москва - Ленинград: Издательство Академии наук СССР, 1960.

17. Ланда Р.Г. Политический ислам: предварительные итоги. М., 2005.

18. Ли Куан Ю. Сингапурская история. Из третьего мира в первый. М., 2000. 442 с.

19. Мислюна Л. Сафарномаи Марко Поло. Теҳрон: Абӯалӣ. 1912.

20. Морсел М. Ислом ва ҷаҳони имрӯз. Теҳрон: Дафтари нашри фарҳанги исломӣ. 1950.

21. Муҳаммад К. Таърихи иҷтимоии мусулмонони Филиппин. Теҳрон: Нашриёти Амири Кабир. 1942.

22. Независимая газета. 16.06.2003.

23. Погадаев В.А. Культура Юго-Восточной Азии: активный обмен с внешним миром при сохранении традиционной цивилизационной общности". — в сб.: «Тихоокеанское обозрение 2006—2007». М.: Ключ-С, 2007. С. 106-120.

24. Пульс планеты, 22.03.2005; 27.04.2006.

25. Религии и их роль в странах Юго-Восточной Азии // [манбаи электронӣ]. URL: http://www.istmira.com/istoriya-azii-

i-afriki/549-religii-i-ix-rol-v-stranax-yugo-vostochnoj-azii.html (санаи истифодабарӣ: 20/08/2018).

26. Ренуер Дилё Наҳзатҳои навини исломӣ дар Индонезия. Остони Қудси Разавӣ. 1952.

27. Риклефс М.С. История современной Индонезии. Второе издание. Макмиллан, 1991. ISBN 0-333-57689-6 .Реклефс М.С. Таърихи ҷадиди Индонезия. Дафтари мутолиоти сиёсӣ ва байнулмилалӣ.

28. Ромҳурмузӣ Б.Ш. Аҷоиби Ҳинд. Теҳрон: Бунёди фарҳанги Эрон. 1930.

29. Сайидаҳмад М. Ҷунбишҳои исломии муосир. Теҳрон: Самт. 1970.

30. Сафин Р.М. “Джамаа исламийя” как организационная структура терроризма в ЮВА // Восток, 2008, №1. С. 63-73.

31. Смит Детос, Сарзамин ва мардуми Индонезия. Теҳрон: Бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб. 1932.

32. Твейн Арнолд Ҷозеф Таърихи тамаддун: таҳлиле аз таърихи ҷаҳон аз оғоз то асри ҳозир. Теҳрон: Нашри Мавло. 1948.

33. Тимофеев А.Е. Ислам в Юго-Восточной Азии. Государство, общество и религия // [манбаи электронӣ]. URL: https://repetitora.com/islam-v-yugo-vostochnoj-azii-gosudarstvo-obwestvo-i-religiya (санаи истифодабарӣ: 20/08/2018).

34. Холл Д.Дж.Е. История Юго-Восточной Азии. М.: Издательство иностранной литературы, 1958. -597 с.

35. Ҳакимӣ М. Нигоҳе ба таърихи муосири ҷаҳон ё бухронҳои асри мо. Теҳрон: Амири Кабир. 1958.

36. Ҳамид В. Қонуни асосии Индонезия. Идораи кулли қавонин ва муқаррароти кулли кишвар. 1953.

37. Ҷабалӣ Ҳ., Мирсолеҳ С. Ҷунбишҳои исломӣ дар Индонезия. Донишгоҳи Боқуру-л-улум. Бӯстони китоб. 1970.

38. Ҷонз А. Аз Ҳиҷоз то Аче // Фарҳанг. Теҳрон, 1378. №14, саҳ. 172.

39. Шарифов А. Умумият ва тафовути равандҳои ҳамгирой дар Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубу Шарқӣ // Ҳолат ва дурнамои ҳамкориҳои ҶТ бо кишварҳои ОҶШ (маҷмӯи мақолаҳо). Душанбе, 2018. 144 с.

40. Экономико-географическая характеристика стран Юго-Восточной Азии // [манбаи электронӣ]. URL: http://www.geograf-stud.ru/kursy-lektsij-po-geografii/32-jekonomicheskaja-geografija-zarubezhnyh-stran-kurs/568-jekonomiko-geograficheskaja-harakteristika-stran.html (санаи истифодабарӣ: 20/08/2018).

41. Эраҷ К. Ақалиятҳои мусулмон дар ҷаҳон // Маҷмӯаи мақолот. Теҳрон: Дафтари нашр ва фарҳанги исломӣ. 1952.

42. Юго-Восточная Азия: параметры безопасности в конце XX столетия. М., 1995.

43. Ярдли Д., Паллави А., Элизабет Ван Ви Дэвис, Мартин Ван Брюинессен, Джонатан Д. и др. Мусульмане юго-восточной азии // [манбаи электронӣ]. URL: http://www.vatanym.ru/?an=vs110_mp1 (санаи истифодабарӣ: 20/08/2018).

**бо забони англисӣ**

44. Adams Cindy, Sukarno: An Autobiography as Told to Cindy Adams, Bobbs Merrill, U.S.A., 1965.

45. Ahmad Fauzi Abdul Hamid, Islamic education in Malaysia. Rajaratnam School of International Studies. Singapore, 2010.

46. Amaud Richard F. Returning Islamic State Extremists Pose Risk. [манбаи электронӣ]. URL: http://www.thejakartapost.com/news/ 2014/12/08/retuming-islamic-state-extremists-pose-risk ri.html#sthash.AFyliTcW.dpuf (санаи истифодабарӣ: 20/08/2018).

47. Arianti V. Indonesian Jihadists and Syria: Training Ground? Commentaries. Singapore, RSIS, NTU, 14 October 2013, no 193. 2 p.
48. Arianti V. Indonesians and the Syrian Conflict. IPAC Report no. 6. Jakarta, Institute for Policy Analysis of Conflicts, 30 January 2014. 14 p.
49. Arnold T. W. The preaching of Islam // A history of the propagation of the Muslim Faith, CONSTABLE & COMPANY Ltd. London, 1913.
50. Asia Pasific report. Sidney (Australia). №48. 25.11.2002.
51. The Australian. 17.03.2004.
52. Azyumardi Azra Education, law, mysticism: constructing social realities, in Islamic civilization in the Malay world. Kuala Lumpur, 1997. P. 57-39.
53. Azyumardi Azra, Bali and Southeast Asian Islam: Debunking the Myths, available in http://www. worldscibooks. com/ eastasianstudies/5438. html
54. Azyumardi Azra, Islam in Southeast Asia: Between Tolerance and Radicalism, Majlis Ugama Islam Singapura. Julian Baldick (2000), Mystical Islam and introduction of Sufism. London, 2008.
55. Badan Pusat Statistik URL: www.http://sp2010.bps.go.id, 2010.
56. Baladas Ghoshal Arabization, Changing Face of Islam in Asia, in Institute of Peace and Conflict Studies, New Delhi, 2008.
57. Barry Desker, Islam and society in southeast Asia after September11, Institute of defence and strategic studies, Singapore, 2002.
58. Bilveer Singh Terrorism in Southeast Asia // Congressional Research Service. The Library of congress, October 2009 , 16.

59. Bilveer Singh The Talibanization in Southeast Asia, Praeger Security International, London, 2007.

60. Brill E.J., Wang J. Islam in East Asia, Encyclopedia of Language and Linguistics (second edition). 2006.

61. Chan A. The Call of ISIS: The Medium and the Message Attracting Southeast Asians. Counter Terrorist Trends and Analysis. Singapore, RSIS, NTU, May 2015, vol. 7, issue 4, pp. 4-9.

62. Christopher S. Bond and Lewis Simons (2009), The Forgotten Front: Winning Hearts and Minds in Southeast Asia, in Foreign Affairs, Vol. 88, No. 6 (November/December 2009), pp. 63-52.

63. Cribb Robert, “Pancasila (Pantja Sila)”, in Southeast Asia: A Historical Encyclopedia from Angkor Wat to East Timor, ed. Ooi Keat Gin, California, 2004.

64. Deliar Noer The The modernist Muslim movement in Indonesia, 1900-1942. (East Asian historical monographs) Oxford, 1987.

65. Effendy Bahtiar, Islam and the State in Indonesia, Institute of Southeast Asian Studies, Singapore, 2003.

66. Eliraz, "Distinctire Clntemporaru Voice: Liberal Islam Thought in Indonesia", in Studia Islamika, Vol. 15, No 3, Indonesia, 2008.

67. Fealy Greg and Hooker, Virginia and Sally White, "Indonesia" in Voice of Islam in Southeast Asia, Singapore: institute of southeast asian studies, Singapore, 2006.

68. Gibb H.A. Encyclopedia of Islam, Leiden. 1953.

69. Gross Max, A Muslim Archipelago: Islam and Politics in Southeast Asia, Government Printing Office, Washington, DC, 2007.

70. Haji Salleh Muhammad, An Introduction to Modern Malaysian Literature, ITBM, Kuala Lumpur, 2009.

71. Hamid A. Political Islam and the Recent Rise of Islamist Conservatism in Malaysia. Singapore, ISEAS Perspective, 31 October 2013, no. 58. 12 p.

72. Hamid Ismail, "Kitab Jawi: Intellectualizing Literary Tradition", in Islamic Civilization in the Malay World, Ed. By Mohd. Taib Osman, Kuala Lumpur and Istanbul, 1997.

73. Hamon D., Ahn S.J. Premonitions of a Militant Homecoming. [манбаи электронӣ]. URL: http://www.atimes.com/atimes/ Southeast_Asia/SEA-02-121114.hml (санаи истифодабарӣ: 20/08/2018).

74. Hariyadi M. Study Shows How Young Radical Indonesian Muslims Become Terrorists. [манбаи электронӣ]. URL: http:// www.asianews.it/news-en/Study-shows-how-young-radical-indonesian-Muslims-become-terrorists-23853.html (санаи истифодабарӣ: 20/08/2018).

75. Hashim Rosnani, Reclaiming the Conversation Islamic Intellectual Tradition in the Malay, E.D by: Rosnani Hashim, The Other Press, Selangor: Malaysia, 2010.

76. Hooker M.B. Islam in South-East Asia. Brill, Lieidene, 1983.

77. Howard Malcolm. Travels in South-Eastern Asia. Palala Press, 2016. Vol. 1. 298 p.

78. Ibn Battuta, Travels in Asia and Africa 1325—1354 / tr. and ed. H. A. R. Gibb. — London: Broadway House, 1929.

79. IIAS Newsletter, Leiden. July, 2003.

80. Imtiyaz Yusuf Faces of Islam in Southern Thailand, East-West Center, Washington, 2007.

81. Indonesia President Says Islamic State ‘Embarrassing’ Muslims. [манбаи электронӣ]. URL: http://www.thejakartapost.com/ news/2014/08/21/indonesia-president-says-islamic-state-embarrassing-muslims.html (санаи истифодабарӣ: 20/08/2018).

82. Indonesian and Malaysian Officials Discuss Working Together to Diminish ISIS’s Influence In Southeast Asia.

[манбаи электронӣ]. URL: http://khabarsoutheastasia.com/en_GB/articles/apwi/articles/features/2014/09/30/feature-02 (санаи истифодабарӣ: 20/08/2018).

83. Indra Putri, Rima Sari, Antiterrorism Cooperation between the National Agency for Contra terrorism and Civil Society: Study Case of Muhammadiyah Disengagement, 2012.

84. Inside al Qaeda: Global Network of Terror. N.Y.: Columbia University Press, 2002.

85. International Crisis Group / Asia report. Jakarta / Brussels. №63. 26.08.2003; №127, 24.01.2007.

86. Jane Perlez, Saudis Quietly Promote Strict Islam in Indonesia, in New York Times, July 2003 , 5.

87. Jitpiromsri Srisompob. An Inconvenient Truth about the Deep South Violent Conflict'. A Decade of Chaotic, Constrained Realities and Uncertain Resolution. Pattani, Center for Conflict Studies and Cultural Diversity (CSCD), Deep South Watch, 07.02.2014.

88. John Bradley, Thailand’s Muslim insurgency has ‘Wahhabi’ ties, in The Daily Star, № 6. May 2004.

89. John Gershman Is Southeast Asia the Second Front? In Foreign Affairs, Vol. 81, No. 4 (Jul. - Aug. , 2002), pp. 74-60.

90. John L. Esposito. The Oxford encyclopedia of the modern Islamic World, Oxford University Press. 1995.

91. Joseph Chinyon Liow Islam, education and reform in Southern Thailand, Institute of Southeat Asian Studies, Singapore, 2009.

92. Joseph Chinyon Liow Malaysia’s ISIS Conundrum. [манбаи электронӣ]. URL: http://www.brookings.edu/research/opinions/2015/04/ 21-malaysia-isis-conundrum-liow (санаи истифодабарӣ: 20/08/2018).

93. Joseph Chinyon Liow Muslim resistance in Southern Thailand and southern Philippines: religion, ideology and politics, East-West Center, Washington, 2006.

94. Lapidus Ira A History of Islamic Societies, Cambridge University Press, 1999.

95. Legge, J.D. Sukarno: A Political Biography, Published by Alan Lane, London, 1972.

96. Mansurnoor A. Revivalism and radicalism in southeast Asia: A pattern or an anomaly? // Journal of Asian Studies. New Zealand, June, 2009. №1,11. Pp. 62-222.

97. Milner Anthoney, The Malays, Published by John Wiley & Sons, Malaysia, 2011.

98. Mutalib Hussin, "Islamic Malay Polity in Southeast Asia", in Islamic Civilization in the Malay World, Ed. By Mohd Taib Osman, Kuala Lumpur and Istanbul, 1997.

99. Noer Deliar, The Modernist Muslim Movement in Indonesia: 1900-1942, Oxford University Press, Kuala Lumpur, 1978.

100. Noorhadi Hasan Salafi Madrasas and Islamic Radicalism in Post-New Order Indonesia // Islamic studies and Islamic education in contemporary Southeast Asia. Kuala Lumpur, 2011.

101. Nuraniyah N. “Jihad Now” Vs. “Jihad Later”: Different Means, Same End. Commentaries. Singapore, RSIS, NTU, 29 October 2013, no. 201, 3 p.

102. Parameswaran P. Singapore Warns of Islamic State Base in Southeast Asia. [манбаи электронӣ]. URL: http://thediplomat. com/2015/05/singapore-wams-of-islamic-state-base-in-southeast-asia/ (санаи истифодабарӣ: 20/0982018).

103. Patrick W. Introduction. Asia’s Bloodiest Insurgency. [манбаи электронӣ]. URL: http://www.globalpost.com/dispatch/news/regions/asia-pacific/thailand/110721/buddhists-arms-introduction (санаи истифодабарӣ: 20/08/2018).

104. Patrick W. Introduction: Asia’s Bloodiest Insurgency. [манбаи электронӣ]. URL: http://www.globalpost.com/dispatch/news/ regions/asia-

pacific/thailand/110721/buddhists-arms-introduction (санаи истифодабарӣ: 20/08/2018).

**105.** Patrick W. Red Light Jihad: Islamic Insurgency in Thailand's Strangest Party Town. [манбаи электронӣ]. URL: http://www. globalpost.com/dispatch/news/regions/asia-pacific/thailand/141204/sin-city-fire-islamic-insurgency-thailand-party-town (санаи истифодабарӣ: 20/08/2018).

**106.** Patrick W. Thai Jihadist Kill Their Own. [манбаи электронӣ]. URL: http://www.globalpost.com/dispatch/news/regions/asia-pacific/thailand/110721/buddhists-arms-part-3at (санаи истифодабарӣ: 20/08/2018).

**107.** Purwanto Bambang, "Soekarno (Sukarno) (1901-1970)", in Southeast Asia: A Historical Encyclopedia from Angkor Wat to East Timor, ed. Ooi Keat Gin, California, 2004.

**108.** Ricklefs M.C. A History of Modern Indonesia since 1200, Palgrave Macmillan, Downloaded from journal.isihistory.ir at 14:25 +0330 on Friday November 29th 2019 USA, 2008.

**109.** Roff William, Studies on Islam and society in Southeast Asia, University of Hawaii Press, Singapore, 2009.

**110.** Syamsuddin Sirajuddin, Religion & Politics in Islam : The Case of Muhammadiyah in Indonesia's New Order" (Ph.D. dissertation, University of California Los Angeles, U.S.A, 1991.

**111.** Syed Husin Ali, The Malays: their problems and future, The Other Press, Kuala Lumpur, 2008.

**112.** Tamara, Nasir, "The Ummah: Rising to the Challenges With Special Reference to Indonesia" in Islamic civilization in the Malay world, by Mohd Taib Osman, kuala lampur and Istanbul ,1997.

**113.** Tan Linda, "Syed Shaykh: His Life and Times" in The Real Cry of Syed Shaykh al-Hady, E.D by: Gordon, Alijah, Malaysian Sociological Research Institute, Kuala Lumpur, 1999.

114. Terrorism in Southeast Asia in Congressional Research Service, The Library of congress, October 2009,16.

115. The Evolution of ISIS in Indonesia. IPAC Report no. 13. Jakarta, Institute for Policy Analysis of Conflict, 24 September 2014. 29 p.

116. The involvement of Salafism / Wahhabism in the support and suplly of arms to rebel groups around the world // By European Parliament's Committee on Foreign Affairs, 2013.

117. The Straits Times. Singapore. 24.01.2002; 16.03.2003; 03.10.2003.

118. The Times.3.10.2005.

119. Vincent J. H. Southeast Asia and Islam, in Annals of the American Academy of Political and Social Science, Vol. 588, Islam: Enduring Myths and Changing Realities (Jul 2003), pp. 170-149.

120. Vlekke Bernard. Nusantara, a History of Indonesia. Quadrangle Books, 1959. 479 p.

121. White Paper to Combat Islamic State Threat Passed by Parliament. Available at: [манбаи электронӣ]. URL: http://www.themalaysianinsider. com/malaysia/article/white-paper-to-combat-islamic-state-threat-passed-by-parliament (санаи истифодабарӣ: 20/08/2018).

122. Zachary Abuza Political islam and violence in Indonesia. Routledge, 2007.

## МУНДАРИЧА


МУҚАДДИМА ........................................................ 3

Боби I: ВАЗЪИ ДИНӢ ВА МАЗҲАБӢ ДАР КИШВАРҲОИ ОСИЁИ ҶАНУБУ ШАРҚӢ .......... 9

Боби II: ГУСТАРИШИ ВАҲҲОБИЯТ ВА ИСЛОМИ ТУНДГАРО ДАР ОСИЁИ ҶАНУБУ ШАРҚӢ ...... 27

Боби III: ДИИШ ВА ТАҲДИДИ ТАШКИЛИ ДАВЛАТИ ИСЛОМӢ ДАР ОСИЁИ ҶАНУБУ ШАРҚӢ ......... 53

Боби IV: ҶАМОАИ ИСЛОМИЯ: ТАШКИЛ ВА ФАЪОЛИЯТИ ОН ДАР ОҶШ ................................ 69

Боби V: БАРРАСИИ РАВАНДИ ВУРУД ВА ТАҲЛИЛИ ГУСТАРИШИ ИСЛОМ ДАР ИНДОНЕЗИЯ ......... 89

Боби VI: ҶАРАЁНҲОИ СУННАТӢ, ИСЛОҲТАЛАБӢ ВА РӮШАНФИКРИИ ДИНӢ ДАР ИНДОНЕЗИЯ ..... 104

ХУЛОСА ................................................................ 116

АДАБИЁТ ............................................................. 130

**Қудратзода К.А., Ниёзӣ Ё.Б.**

# ОСИЁИ ҶАНУБУ ШАРҚӢ: ШИНОХТИ ВАЗЪИ ДИНӢ ВА МАЗҲАБӢ

**Муҳаррир:** д.и.ф., профессор Раҷабов Ҳ.
**Муқарризон:** д.и.т., проф. Ғаффорӣ Н.У.,
н.и.т., дотсент Турсунов Т.Х.
**Ҳуруфчини компютерӣ:** Гадоева Д.Ҷ.
**Муҳаррири техникӣ:** Мардонов С.Х.

Ба матбаъа 21.01.2021 супорида шуд.
Ба чопаш 01.02.2021 созиш карда шуд. Андозаи чопии 60x84/1. Қоғази офсетӣ. Чопи офсетӣ. Чопи шартии 9. Ҳуруфи «Times New Roman Tj». Адади нашр 200 нусха.

Матбаъаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ
Суроға: 734003, ш. Душанбе, х. Рудакӣ, 121